ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ
ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 809.155.0+803.0
ТКБ: 81.2 Тоҷ+81.2 Олмон
Б - 69

БОБОЕВ МИРЗОМУРОД МИРЗООЛИМОВИЧ

ВИЖАГИҲОИ ПСИХОЛИНГВИСТИИ КОНСЕПТИ «БӮЙ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

(дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ)

Диссертатсия

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
дотсент Матробиён С. Қ.

Душанбе – 2024

МУҚАДДИМА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 4

МУҚАДДИМА 5

БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ..... 16

1.1. Забон ва заминаҳои вазифавии он аз назари забоншиносии муосир……16

1.2. Масъалаҳои умумӣ ва хоси забоншиносии равонӣ (психолингвистика) ва забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) 27

1.3. Узвҳои ҳис ҳамчун унсури муҳими забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ40

1.4. Мавқеи *консепт* дар забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ 44

1.5. Омӯзиши назариявии мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ва нақши метафора ва метономия дар тафсири он 54

Хулосаи боби аввал..... 62

БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ ПСИХОЛИНГВИСТИИ КОНСЕПТИ «БӮЙ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ 65

2.1. Мавқеи консепти «бӯй» дар фарҳанги куҳан 65

2.2. Тафсири психолингвистии консепти «бӯй»..... 68

2.3. Таснифоти сохтории консепти “бӯй” 73

2.4. Тафсири вожаҳои ифодакунандаи *бӯй* дар фарҳангномаҳои тоҷикӣ ва олмонӣ 78

2.5. Вижагиҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику форс 82

2.5.1. Аломатҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику форс..... 91

2.6. Вижагиҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар осори адибони олмонӣ 102

Хулосаи боби дуюм..... 106

БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ ЛЕКСИКИЮ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ КОНСЕПТИ «БӮЙ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ 109

3.1. Баррасии мавзуъ: калима ва ҳавзаи лексикию семантикии он 109

3.2. Таснифоти лексикию маъноӣ ва мавзуии консепти «бӯй» 111

3.3. Таснифоти грамматикии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ 126

3.3.1. Таснифи консепти «бӯй» аз рӯйи категорияҳои грамматикӣ дар забонҳоитоҷикӣ ва олмонӣ..... 128

3.3.2. Таснифоти калимасозии вожаи «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ……139

Хулосаи боби сеюм 143

ХУЛОСА 146

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 153

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ 154

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ: 171

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

англ. – англисӣ

ғ. – ғайра

диг. – дигарон

дис. –диссертатсия

олм. – олмонӣ

с. – саҳифа

таҳтул. – таҳтуллафзӣ

тоҷ. – тоҷикӣ

юн. – юнонӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Омӯзиши муқоисавию типологии забонҳои ба ҳам хеш ва бегона яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи забоншиносии муқоисавӣ мебошад. Таҳқиқи муқоисавии сохтори забонҳои олам вазифаи асосии илми забоншиносии типологии муосир ба шумор меравад, ки барои нишон додани умумият ва тафовутҳои сохторӣ, савтӣ, луғавӣ ва грамматикии забонҳои муқоисашаванда, муайян намудани категорияҳои грамматикии хоси ин забонҳо ва муқаррар кардани мансубияти забонҳои муқоисашаванда ба гурӯҳҳои муайян аз рӯйи таснифоти морфологии забонҳои олам аҳаммияти бузурги илмиро касб менамояд. Яке аз масалаҳои асосие, ки забоншиносии типологӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор медиҳад ин ошкор намудани хусусиятҳои хоси як забон, ки дар дигар забон ба назар намерасад ва ё ин ки дар шакли дигар ифода меёбад.

Мусаллам аст, ки забони олмонӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумиву касбӣ ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун забони хориҷӣ солҳои зиёд аст, ки таълим дода мешавад. Бинобар ин, вобаста ба муҳиммияти илмӣ бисёр ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи забоншиносон қарор гирифтааст. Вале новобаста ба таҳқиқотҳои анҷомдода ҳанӯз ҳам сафаҳоти норавшан ва паҳлуҳои ношинохтае дар ин бахш боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, муқоисаи хусусиятҳои консептуалии забони тоҷикӣ ва забони олмонӣ дар чунин шароит ногузир аст. Консептҳо тасвири забонии ҷаҳони миллатҳоро инъикос намуда, дарки ҷаҳони атрофро аз ҷониби соҳибзабонон нишон медиҳанд. Бинобар муҳиммияти омӯзиши консептҳо дар забоншиносии муосир, мавриди таҳқиқ қарор додани ҷанбаҳои забонию равонӣ (психолингвистӣ) ва забонию фарҳангӣ (лингвофарҳангӣ)-и консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ ба ҳамин масъала рабт дорад. Бешубҳа, метавон гуфт, ки дар осори шоирону нависандагони тоҷику олмонӣ консептҳои зиёде дар робита ба тарзи тафаккури соҳибзабонон

корбаст шудааст, аммо аксарияти онҳо то ҳол мавриди таҳқиқоти забоншиносӣ қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла, консепти «бӯй», ки дар осори адибони забонҳои таҳқиқшаванда мавқеи хеле муҳимро касб менамояд, то ҳанӯз ба риштаи таҳқиқи забоншиносӣ, хусусан аз назари фарҳангӣ ва равонии ин халқиятҳо кашида нашудааст. Аз ин лиҳоз, мо зарур шуморидем, ки мавзуи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, муносибатҳои ифодаи консепти «бӯй»-ро дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз назари психолингвистӣ бо дарназардошти баъзе ҷанбаҳои когнитивӣ ва лингвофарҳангӣ нишон диҳем ва дар баробари ин хусусиятҳои лексикӣ, семантикӣ ва грамматикии онро дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муқоиса намоем.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар илми забоншиносии муосир солҳои охир мутафаккирони хориҷию ватанӣ бештар ба омӯзиши консепт диққати махсус зоҳир намуда, корҳои илмии фаровоне ба табъ расонидаанд. Имрӯзҳо таҳқиқи консепт дар илми забоншиносии муосир ҳамчун як ҷараёни пуршиддат ба назар мерасад. Новобаста аз он ки дар ин ҷода корҳои зиёде ба анҷом расидаанд, вале ҷанбаҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бори аввал мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ин ҷо корҳои пажуҳишии муҳаққиқон Ю. А. Старостина [100], Д. Н. Галлерт [23], Т. И. Белская [9], А. А. Колупаева [50], А. В. Халштайн [110], А. В. Житков [29] ва дигар муҳаққиқон ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки корҳои пажуҳишии дар боло номбаршуда илҳомбахши кори рисолаи илмии мазкур ба ҳисоб мераванд.

Муҳаққиқи забоншиносии рус Нечаева Н. В. дар мақолаи худ бо номи «Консепти „Ordnung"(ҳифзи муҳит) дар тасвири ҷаҳонии забони олмонӣ» [78] чунин қайд мекунад: «Дар илми забоншиносӣ дар даҳсолаи охир ба омӯхтани диди ҷаҳон бештар ба воситаи объекти забони миллӣ таваҷҷуҳ дода мешавад. Дар баробари ин, дар доираи масъалаҳои густардаи марбут ба семантикаи миллию фарҳангии забон таҳқиқоти консепт мавқеи назаррасро ишғол мекунад ва ин имкон медиҳад, то ин ки хусусияти миллию фарҳангии тасвири забонии ҷаҳон ошкор карда шавад. Консепт – воҳиди фарҳангии

бисёҷанбаи донишу шуури дастаҷамъист, ки дорои ифодаи забонӣ ва хусусиятҳои этнографӣ мебошад» [74, с. 844].

Аз гуфтаи муҳаққиқ баръало фаҳмидан мумкин аст, ки мавсуф ба ҷанбаи фарҳангию миллии консепти «бӯй» дар забони олмонӣ таваҷҷуҳи хосса намудааст. Вале ба масъалаи забонию равонӣ (психолингвистӣ)-и консепти «бӯй» ишорае накардааст.

Ҳамчунин, муҳаққиқи дигар Халштайн А.В. доир ба консепти «бӯй» таҳти унвони «Намоиши фазои «бӯй» дар тасвири забонии ҷаҳони давраи нави англисзабонон» рисолаи илмӣ таълиф намудааст. Ӯ дар рисолаи илмии худ қайд мекунад, ки омӯзиши сохтори семантикии забон ба мо имкони дарк кардани тафаккури инсонро медиҳад. Ӯ бӯйҳоро мувофиқи хусусияташон ба се гурӯҳи асосӣ тақсим кардааст: хуб, миёна ва бад. Мавсуф қайд мекунад, ки бӯй на танҳо мавҷуд дошта метавонад, балки эҳтимолияти мавҷуд набудани бӯй низ ҳаст [107, с. 74].

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки дар забоншиносӣ як қатор таҳқиқотҳо ба муайян кардани хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии забони олмонӣ бахшида шудаанд: Чунончи «пул» (Федянина, 2005), «вақт» (Точилина, 2005), «ҷон» (Степаненко, 2006), «оила» (Гуняшова, 2007), «кӯдакӣ» (Калюжная, 2007), «ҳаёт» (Демидкина, 2007), «ҷавобгарӣ» (Паулзен, 2008), «марг» (Тронко, 2009), «дӯстӣ» (Приходко, 2011), «тартибот» (Нечаева, 2011), «мамнуъ» (Ермолова, 2011), «ҳақиқат» (Шедлих, 2012) ва ғайра.

Дар забоншиносии тоҷик низ доир ба консептҳои гуногун корҳои илмӣ ба анҷом расидаанд, аз ҷумла, «хиёнат» (Раҳимӣ, 2016), «нон» (Мирзоева, 2016), «оила» (Имомзода, 2019), «дил» (Маҳмудзода, 2019), «қисмат» (Давлатмирова, 2019), «муҳаббат» (Азиззода, 2019), «тӯй» (Раҳмонова, 2019), «фазо» (Каримова, 2019), «зебоӣ» (Боёматова, 2019), «бойигарӣ» (Фозилова, 2019), «вақт» (Эшназарова, 2019), «хӯрок» (Ахмедова, 2020), «сабр» (Қурбонова, 2021), «забон» (Начмиддиниён, 2023) ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Консептҳои таҳқиқшуда дар муқоисаи забонҳои

тоҷикӣ бо забонҳои англисӣ, русӣ, арабӣ ва чинӣ аз назари забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ таҳқиқ шудаанд, вале дар муқоиса бо забони олмонӣ то ҳол таҳқиқоти консептологӣ ба анҷом нарасидааст.

Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз он ки доир ба консептҳо ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик корҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои ҷиддӣ кам ба назар мерасанд, аммо муҳаққиқони тоҷик П. Ҷамшедов, М.Т. Ҷабборова, М. Нағзибекова, А. Мамадназаров, С. Ҷаматов, Д. Искандарова, Х. Шанбезода, З. Мухторов, Ф. М. Турсунов, М. Давлатмирова, Ш. Каримов, С. Қ. Матробиён ва дигарон доир ба ин масъала мақолаҳои ҷудогона таълиф намуда, шогирдонро роҳнамоӣ кардаанд. Масъалан, доир ба мафҳуми «консепт» ва мавқеи он дар забони тоҷикӣ муҳаққиқон А. Мамадназаров [152], З. Мухторов ва Ш. Бобомуродов [149], С. Матробиён ва М. Маҳмудзода [69] андешаҳои худро баён намудаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқот дар робита бо мавзуҳои илмии кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки барои солҳои 2015-2020 тасдиқ гардида буд, таҳия шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқи ин мавзуъ дар асоси муқоисаи маводи забонҳои тоҷикию олмонӣ нишон додани вижагиҳои забонию равонӣ (психолингвистӣ)-и консепти «бӯй», бахусус умумият ва тафовутҳои луғавию семантикӣ ва грамматикии он мебошад. Барои ба амал баровардани ин мақсад иҷро намудани **вазифаҳои зерин** зарур гардид:

- омӯзиши назариявии масъалаҳои асосии забоншиносии равонӣ;
- муайян намудани мавқеи «консепт» дар забоншиносии муосир;
- омӯзиши назариявии консепт дар забоншиносии равонӣ;
-омӯзиши назариявии мафҳуми «тасвири ҷаҳон» дар забоншиносии равонӣ;

- таснифи мавзуӣ ва семантикии консепти «бӯй» дар забонҳои муқоисашаванда;

- таҳлили консептуалии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ;

- баррасӣ ва таҳлили психолингвистии маводҳо аз осори адибони тоҷик ва олмонӣ;

- пажуҳиши хусусиятҳои лексикӣ, семантикӣ ва грамматикии консепти «бӯй» дар забонҳои муқоисашаванда;

- нишон додани айнияти ва умумиятҳои консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз назари психолингвистӣ;

- нишон додани тафовутҳо ва дигаргуниҳо дар истеъмоли ифодаҳои консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар бар мегирад.

Мавзуи таҳқиқот. Мавзуи кори таҳқиқотиро таҳлили хусусиятҳои психолингвистиии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ ташкил медиҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои илмию назариявии олимони забоншиносу равоншинос, ки дар самти забоншиносӣ, яъне луғатшиносӣ, семантика, забоншиносии муқоисавӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии шинохтӣ ва грамматика таҳқиқоти боарзише анҷом додаанд, ташкил медиҳанд. Бинобар ин, зимни баррасии масалаҳои назариявии диссертатсияи мазкур асарҳои муҳақиқони ватанию хориҷӣ ҳамчун асоси назариявию методологӣ истифода шудаанд.

Доир ба консепт ва дигар масалаҳои забоншиносӣ бисёр муҳаққиқони забоншиноси барҷастаи ватанию хориҷӣ назарияҳои гуногуни хешро пешниҳод намудаанд. Бинобар ин, дар диссертатсияи мазкур андешаҳо ва назариёти муҳаққиқон ва забоншиносоне, ки рӯйи ин масъала кор кардаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Маводҳои забонӣ доир ба мавзуъ аз осори

илмӣ, бадеӣ ва публитсистии марбут ба забонҳои муқоисашаванда, ки дар Тоҷикистон ва дар хориҷ аз он ба табъ расидаанд, гирдоварӣ шуда, зери таҳлилу омӯзиш қарор гирифтанд. Зимни таҳия ва таълифи рисолаи илмӣ аз осори илмии забоншиносони маъруфи ватанӣ Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов, П. Ҷамшедов, М. Т. Ҷабборова, М. Нағзибекова, А. Мамадназаров, С. Ҷаматов, Д. Искандарова, Х. Шанбезода, З. Мухторов, Ф. М. Турсунов, М. Давлатмирова, Ш. Каримов, С. Қ. Матробиён ва муҳаққиқони хориҷӣ А. Искоз, А. Ленкова, А. Залевская, Л. М. Василев, З. Д. Попова, И. А. Стернин, С. А. Лишаева, Кристиан Вантсек, Фритс Чирх, Герт Рикҳайт, Сабине Вайс, Ҳанс Юрген, Ҳелли Ҳалбе, Лудвиг Клагес, Меҳр Али Невид, Моника Ҷессен, Ёҳан Бломберг, Юрг Рохе, Ралф Пурингс, Улрих Шмитс, Райнер Дитрих, Ёҳаннес Гервин, Зебастиян Лубнер, М. Д. Степанова, Теа Шиппан, Теде Кал, Михаел Метселтин, Владимир Адмони, Волфганг Флайшер, Ирмҳилд Бартс ва дигарон истифода гардид.

Методҳои таҳқиқот. Барои амалӣ шудани вазифаҳои дарпешгузоштаи диссератсияи мазкур аз методу усулҳои таҳлили типологӣ, луғавӣ, этимологӣ, дистрибутивӣ, лексикию семантикӣ, методи таҳлили грамматикӣ ва методи ҳисоби омории лингвистӣ ва психолингвистӣ истифода шуданд. Вале ба таври фаъол дар кори таҳқиқотӣ методи шарҳи луғавӣ, психолингвистӣ ва методи таҳлили ҷузъӣ истифода шудааст. Методҳои зикршуда барои муайян намудани аломатҳои доираи робитаҳои консепти «бӯй» имконияти фарохтарро фароҳам меоваранд. Ҳамчунин, дар кор методҳои таҳлили консептуалӣ ва муқоисавӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Азбаски муҳтавои корро муқоиса ва таҳқиқи ифодаёбии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ташкил медиҳад, диссератсияи мазкур бо усули муқоиса ва таҳлили типологӣ рӯи кор омадааст. Ҳамчун воситаи таркибии ин усули таҳқиқотӣ, усули тарҷумаи дохилизабонии воҳидҳои забон низ истифода бурда шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Ҷиҳати таҳлили мавзуи баррасишаванда мисолҳо аз осори адибони тоҷику олмонӣ ва тарҷумаи баъзе асарҳои бадеӣ,

ки дар солҳои 2015-2020 гирдоварӣ шудаанд, ҳамчун заминаи эмпирикӣ ва омӯзишии диссертатсия истифода шудаанд. Аз ҷумла, маводҳо барои таҳлилу муқоиса аз осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҷалолиддин Балхӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Қӯқанӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Аттори Нишопурӣ, Саноии Ғазнавӣ, Абдураҳмон Ҷомӣ, Садриддин Айнӣ, Лоиқ Шералӣ, Мирзо Турсунзода, Пӯлод Толис, Муҳаммад Иқбол, Кришан Чандар, Ҳазрати Иноятхон, Йоҳанн Волфган фон Гёте, Фридрих Шиллер, Патрик Зюскинд, Рес Гримм, Ирмела Ҳауфе ва дигарон ҷамъоварӣ шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Ҳамчун пойгоҳи асосии таҳқиқот барои таҳлили муқоисавӣ ва психолингвистию фарҳангӣ пажуҳишҳои илмии забоншиносони тоҷику олмонӣ истифода шуданд. Инчунин, дар раванди кори диссертатсионӣ ба луғатҳои тоҷикию олмонӣ аз қабили «Луғати олмонӣ-тоҷикӣ»-и Сайфуллоев Х., Л. Жеҳак [156], «Deutsch-russisches Wörterbuch» [165], «Русско-немецкий словарь» [154], «Толковый словарь английского языка»-и Хокинс Ҷ., Делаханти Э., Макдоналд Ф. [163], «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ҷ.1-2.) [159], «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (ҷ.1-2.) [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**], «Фарҳанги а нглисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаров [152] ва ғайра низ такя намудем. Осори шоирону нависандагони адабиёти тоҷику олмонӣ пойгоҳи муҳимми кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд, ки дар заминаи онҳо консепти «бӯй» мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Навгонии илмии тадқиқот. Дар диссертатсияи мазкур бори аввал ба таври муфассал консепти «бӯй» дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ мавриди таҳқиқу муқоиса қарор дода шудааст. Азбаски нутқи инсон новобаста аз забон, халқият, ҷинс, урфу одат ва фарҳанг ҳамавақт бо тафаккур алоқаманд аст, мо ҳангоми таҳқиқи консепти «бӯй» ба ҷанбаҳои равонию зеҳнии он бештар таваҷҷуҳ намудаем, ки чунин кор дар забоншиносии тоҷик бори нахуст анҷом меёбад.

Ғайр аз ин, консепти «бӯй» бори нахуст дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикию олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) таҳқиқ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва хоси консепти «бӯй» вобаста ба тафаккуру фарҳанги миллӣ нишон дода мешавад. Таркиби консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муайян гардида, хусусиятҳои лексикӣ, семантикӣ ва грамматикии он ошкор мешаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Объектҳои моддӣ ҳамеша барои қиёси шинохти ҷаҳони маънавии қавму миллатҳои гуногун истифода мешаванд. Дар шинохти ҷаҳони ботинӣ ва тарзи тафаккури мардуми олмонитабор ва тоҷиктабор бархе аз объектҳои моддӣ ҳамчун асоси дарки консепти «бӯй» истифода мешаванд.
2. Ҳавзаи маънои консепти «бӯй» ба сифатҳое, ки хусусияти бӯйро ифода мекунанд, алоқамандӣ дошта, бо калимаҳои гуногун тавсиф мешавад. Асоси ҳавзаи маънои консепти «бӯй»-ро дар забонҳои олмонӣ калимаҳои исмӣ, сифатӣ ва феълӣ ташкил медиҳанд.
3. Консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ ҳамчун манбаи ҳиссиёту зеҳни инсонӣ тасвир мегардад. Умумияту фарқи консепти «бӯй»-ро тасвири забонии ҷаҳони тоҷикону олмониҳо дарки олами атроф, урфу одат, анъана ва фарҳанги онҳо муайян месозад.
4. Шоирону нависандагон барои баён кардани андешаҳои худ ва тасвири табиат дар асарҳояшон аз вожаи «бӯй» фаровон истифода кардаанд ва дар осори худ онро муҳимтарин воситаи тасвири бадеӣ қарор додаанд. Дар давоми зиёда аз ҳазор сол аҳли илму адаби тоҷик бо консепти «бӯй» беҳтарин ганҷинаи адабиётро аз дурдонаҳо пур кардаанд, ки дар нуқтаи марказии он табиат ва инсон қарор ёфтаанд.
5. Роҳу воситаҳои ифодаёбии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошанд, ки дар заминаи он

ҷанбаҳои алоҳидаи лексикию семантикии консепти мазкур мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои таҳқиқотии минбаъда дар самтҳои забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ метавонад мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асосу замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии самтҳои забоншиносии тоҷик хидмат намоянд. Хулосаҳои илмӣ ва маводҳои диссертатсия метавонанд барои навиштани рисолаҳои дипломӣ, корҳои хатм ва курсӣ, корҳои мустақилона ва дигар корҳои илмию таълимие, ки дар оянда доир ба омӯзиши муқоисаи типологии ифодаёбии консепт ба анҷом мерасанд, ба сифати заминаи илмӣ хидмат намоянд. Маводи забоние, ки вобаста ба мавзуи диссертатсия гирдоварӣ шудааст, метавонад заминае барои омӯзиши муқоисаи забони тоҷикӣ ва олмонӣ бошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими илмҳои забоншиносӣ, яъне луғатшиносӣ, семантика, типологияи забон, забоншиносии шинохтӣ, забоншиносии равонӣ (психолингвистика), назарияи грамматика, инчунин, барои гузаронидани семинару курсҳои махсус аз фанни забоншиносӣ истифода бурда шаванд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои тайёр намудани маводу дастурҳои омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ташкили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанни забоншиносӣ, дар раванди таълим дар донишгоҳҳою донишкадаҳо дар вақти гузаронидани курсҳои махсус ва семинару лексияҳо аз фанни забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии равонӣ мавриди истифода қарор дод.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои таҳия ва коркарди машғулиятҳои назарӣ ва амалӣ аз фаннҳои луғатшиносӣ, забоншиносии шинохтӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии умумӣ, назарияи грамматикаи забони

олмонӣ, забоншиносии муқоисавӣ, типологияи муқоисавӣ, методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва ғайра муфид бошанд. Ҳамзамон, дар асоси маводи диссертатсия метавон дастурҳои таълимию методии муқоисавӣ ва типологӣ таълиф намуд, ки мушкилии таълими типологию муқоисавии забонҳои тоҷикию олмониро бартараф хоҳад кард. Маводи диссертатсияи мазкур, инчунин, метавонад барои навиштани тадқиқоти илмӣ аз ҷониби магистрантону докторантон ва умуман муҳаққиқони забоншинос мусоидат намояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилаи илмӣ таъмин буда, бар мабнои нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ бунёд ёфтааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи муқоисавии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, ки аз назари типологӣ ба ҳам мухталиф ва аз назари хешовандӣ шомили як оила мебошанд, бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Хусусиятҳои психолингвистӣ ва шинохтии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бар мабнои осори адибони тоҷику олмонӣ аз нуқтаи назари психолингвистӣ (забоншиносии равонӣ) ва забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) бори нахуст дар шакли диссертатсия ба таври мукаммал таҳиқ карда мешавад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (2006–2024) ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ

қарор гирифтааст. Диссертатсияи мазкур дар маҷлиси кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Точикистон ба номи Сотим Улуғзода (суратҷаласаи №10/1 аз 02 майи соли 2024) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Рӯйхати онҳо дар охири автореферат оварда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисолаи илмӣ аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 180 саҳифаи стандартии компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ I.
АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

1.1. Забон ва заминаҳои вазифавии он аз назари забоншиносии муосир

Масъалаи вазифаҳои забон тайи чандин садсолаҳо дар маркази диққати муҳаққиқони забоншинос қарор дорад. Мусаллам аст, ки нахустин намояндагони забоншиносии нақшгарой (функсионалӣ) А. А. Потебня, И. А. Бодуэн де Куртенэ, А. М. Пешковский, С. Д. Катснелсон (дар Россия); Э. Сепир (дар Амрико), О. Есперсен, В. Матезиус ва дигар намояндагони мактаби лингвистии Прага ва К. Бюлер, Э. Бэнвенист, А. Мартине дар Аврупо буданд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда буданд. Чунончи, дар аввалин маҷмуае, ки аз тарафи забоншиносони Прага таҳти унвони «Фишурдаи маҳфили забоншиносии Прага» (1929) ба чоп расида буд, забоншиносон Р. О. Якобсон, Н. С. Трубетской ва С. О. Кортсевский забонро ҳамчун низоми функсионалии воситаи ифода маънидод намуданд. Ҳамчунин, муҳаққиқони тоҷик низ ҳанӯз дар нимаи асри ХХ ба ин масъала диққат дода, дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» зикр мекунанд: «Забон сарвати бебаҳои маънавист, ки аз насл ба насл мегузарад, муносибати наслҳоро барқарор дошта, ганҷинаи илму маданиятро ҳифз мекунад ва насиби авлодони оянда мегардонад. Ҳар як забон дар ҷараёни тараққиёти худ тадриҷан мукаммал мегардад. Ҷараёни тағйиру такмили забон, ки бо амалиёти истеҳсолии одамон, бо тараққиёти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании ҷамъият алоқаи бевосита дорад, асосан дар мабнои таркиби луғавӣ ва сохти грамматикӣ давом меёбад. Ин ҷараён, инчунин, ба муносибатҳои байниҳамдигарии гурӯҳҳое, ки ба забонҳои мухталиф гуфтугӯ мекунанд, низ алоқаманд аст» [30, с. 29].

Чанд масъалаи муҳим, ки ба вазаифаҳои забон дохил мешаванд, дар иқтибоси боло зикр ёфтааст: 1) забон – барқароркунандаи муносибати наслҳост; 2) забон муҳофизи арзишҳои инсоният; 3) забон ҳамеша дар ҳоли рушд қарор дорад ва метавонад тағйир ёбад; 4) забон – муносибати

байниякдигарии мардумонеро, ки бо забонҳои бегона гап мезананд, мустаҳкам мекунад.

Ҳамин нуктаи назар дар кори илмии муҳаққиқи олмонӣ Ҳелли Ҳалбе низ қайд шудааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ: «Забон воситаи муҳимтарини муошират барои насли инсон мебошад. Бо назардошти он, ки забон яке аз нақшҳои марказиро дар тамоми корҳои инсонӣ мебозад, тааҷҷубовар нест, ки шумораи зиёди мутахассисон дар соҳаҳои гуногун онро омӯхтаанд. Яке аз амалҳои муҳимтарин ва хос барои насли инсон ин амали нутқ ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, инсон бо ин шакли амал аз тамоми мавҷудоти зинда фарқ мекунад. Дар муқоиса бо муоширати дигар мавҷудоти зинда муоширати насли инсон як низоми мураккаби байниҳамдигариеро ташкил медиҳад, ки мо онро «фарҳанги инсонӣ» меномем» [129, с. 1]. Дар гуфтаҳои Ҳелли Ҳалбе ду вазифаи забон пешорӯйи мо намудор мешавад: 1) амали нутқ, ки натиҷаи забон аст; 2) муоширати инсонҳо, ки онро «фарҳанги инсонӣ» меноманд. Ин амалҳо дарвоқеъ барои инсон хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Вобаста ба ҳамин масъалаҳо забони инсонӣ дар тамоми соҳаҳои илмӣ омӯхта мешавад, ки Ҳелли Ҳалбе ба ин ишора кардааст. Забоншиносони тоҷик низ қайд мекунанд, ки одамон ба воситаи забон бо якдигар фикри худро баён мекунанд ва фикри якдигарро мефаҳманд [30, с. 3].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барои баёни фикр ва ё фаҳмидани фикри якдигар на танҳо забон, инчунин дигар ҳодисаҳои равонии муошират фаъол мебошанд. Масалан, инсон на ҳама вақт ҳар он чизе ки фикр мекунад, ба забон меорад. Дар муошират ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки инсонҳо оид ба як масъала сухан меронанд, вале масъалаи дигареро дар назар доранд ва ё мақсадашонро кушоду равшан баён намекунанд.

Вобаста ба ҳамин масъала С. А. Лишаева дар асари худ қайд мекунад: «Тафаккур ва ҳастӣ, нутқ ва тафаккур, ҳастӣ ва забон – ҷудонашаванда мебошанд» [62, с. 109]. Аз масъалагузории муҳаққиқ аён аст, ки ӯ ҷонибдори бо ҳам пайванди ногустатсанӣ доштани чор чизи барои инсон муҳим: ҳастӣ – тафаккур – нутқ –забон мебошад.

Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс низ дар асари худ қайд мекунанд, «аксари олимон бар он ақидаанд, ки забон ба тафаккур то як андозаи муайян таъсир мерасонад» [140, с.155]. Мо тарафдори ин ақида мебошем ва гуфтан бамаврид аст, ки инсон дар ҷараёни зиндагии худ бештар ба воситаи забон маълумотҳои зиёдеро дастрас ва коркард мекунад. Ин ҳодиса яке аз нақшҳои асосиро дар маърифати инсон мебозад ва ба тафаккури ӯ таъсири бузургеро мерасонад. Бо назардошти муносибатҳои забон ва тафаккур зеҳну инсоният рушд мекунад. Бинобар ин забоншиносни асри Х1Х вазифаҳои иттилоотӣ (коммуникативӣ)-и забон шарҳ дода буданд. Чунончи, равоншинос ва забоншиноси олмонӣ К. Бюлер дар соли 1930 пешниҳод мекунад, ки се вазифаи коммуникатвии забонро дар мувофиқа бо се иштирокдори раванди коммуникативӣ (гӯянда, шунаванда ва мавзуи нутқ) ва се шахси грамматикӣ: а) экспрессивӣ (нутқи фасеҳ, таъсирбахш ва эҳсосотӣ ба гӯянда); б) аппелятивӣ (муроҷиат ба шунаванда) ва в) репрезентативӣ (интиқоли маълумот доир ба олами беруна) фарқ бояд кард [69, с.41].

Ҳам забоншиносон ва ҳам равоншиносон ба мазмуни баёни нутқ таваҷҷуҳ намуда, ташкили нутқро тибқи қонунҳои забон меомӯзанд. Нутқ ба системаи муоширати одамон дохил шуда, онро одамон эҷод мекунанд ва барои фаҳмиши одамон пешбинӣ шудааст. Метавон гуфт, ки дар нутқ як ҷанбаи инсонӣ арзи вуҷуд дорад. Махсусан тавлиди нутқ, дарки нутқ ва омӯхтани нутқи кӯдаконро забоншиносии равонӣ меомӯзад.

Гуфтан ба маврид аст, ки маҳз ҳамин масъалаҳо боис гардиданд, ки дар солҳои 50-ум асри ХХ забоншиносии равонӣ (психолингвистика) ҳамчун самти нави забоншиносӣ ба вуҷуд омад ва тавонист донишҳоро дар соҳаҳои забоншиносӣ ва равоншиносӣ муттаҳид намуда, забон объекти таҳқиқи онҳо қарор гирад. Забоншиносии равонӣ хусусиятҳои ҷараёни фаъолияти нутқро дар асоси қобилияти забонии шахс дар шароити иҷтимоӣ меомӯзад. Аз ин рӯ, зарурати пайдоиши шарҳи раванди азхудкунии забони модарӣ ва забони хориҷӣ ба миён омад, аз ҳамин сабаб забоншиносии равонӣ мекӯшад ин самти прагматикиро нигоҳ дорад [10, с. 405].

Вобаста ба талаботи ҳаёти иҷтимоӣ ҳолати равонии инсон фаъолият мекунад ва як ҷараёни доимоамалкунандаю инкишофёбанда мебошад, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: а) ҳавасмандӣ; б) мақсаднокӣ; в) иҷро [63, с.80]. Аз ин навъ масъалагузорӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои амали ҳар кор инсон бояд дорои хоҳиш, иродаи қавӣ, маърифат, мақсад, ҳадаф, нақша ва дигар омилҳо бошад. Ҳамаи ин шартҳою омилҳои номбаршуда бештар мафҳуҳои мавҳумӣ (абстрактӣ) мебошанд, ки дар ҳаёти равонии шахс таъсири худро мегузоранд. Аз ин бар меояд, ки инсон дорои як ҷаҳони ботинӣ мебошад, ки қисман дар рафтору кирдори ҳар як шахс аён мегардад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки ҳаёти маънавӣ барои сазовор шудани инсон ба зиндагии беҳтар саҳми бузург дорад.

Моикен Ҷессен, Йоҳанн Бломберг ва Юрг Рохе дар асари худ «Забоншиносии шинохтӣ (маърифатӣ)» ибрози андеша намуда, қайд мекунад: «Агар бо маънои маҷозӣ баён кунем, забон ин зиндоне барои тафаккур аст, ки дар он андешаҳо ба ҳабс гирифта мешаванд» [137, с. 182]. Аз ин метавон чунин хулоса кард, ки забон на муайянкунандаи тафаккур, балки баръакс ба тафаккур бештар таъсир мерасонад. Ин маънои онро дорад, ки мо на побанди забони худем, балки тафаккур ва забон бо ҳам сахт алоқаманданд. Ба андешаи мо тамоми сиру асрори ҳаётро мо ба воситаи дониши забонӣ ва таҷрибаи рӯзгор пай бурда метавонем. Мақсаду маромии дигар нафаронро мо вобаста ба таҷрибаи ҳаёт ва дониши забонию мантиқии худ дарк мекунем. Пас, дониши забонии мо ҳатто бехатарии моро таъмин мекунад. Дар мақолҳои тоҷикӣ оварда шудааст: «Як сухан чанд паҳлу дорад» ё «Даҳони баста сад танга». Ҳамин мақолҳо гуфтаи муҳаққиқони болозикрро тасдиқ мекунад, ки андешаҳо побанди забонанд. То сухан накунем, андешаи моро касе намедонад.

А. Искос ва А. Ленкова дар китоби таълимии «Луғатшиносии олмонӣ» ибрози ақида намуда, зикр мекунанд: «Категорияҳои тафаккур, забон ва воқеияти аслӣ робитаи зич доранд. Тафаккур воқеияти аслиро инъикос мекунад ва бо забон зич алоқаманд аст. Тафаккур бе забон ва забон бе

тафаккур вуҷуд дошта наметавонад» [132, с. 13]. Агар инсон дар асл бо забони табиӣ фикр кунад, аз ин бармеояд, ки ҳама чизҳои безабон, масалан ҳайвонот ва ё ҳатто кӯдакон дар марҳилаи пешаззабонӣ, қобилияти фикр карданро намедоштанд. Равоншиносон Томаселло ва Калл исбот карданд, ки ҳайвонҳо қобилияти тибқи раванди фикр рафтор карданро доранд. Масалан, онҳо метавонанд хулосаи бошуурона бароранд, барои оянда нақша кунанд ва ё ҳадафу мақсади дигаронро фаҳманд. Эътирози дигар, ин имконияти аз худ кардани забони дуюм аст. Бештари инсонҳо на камтар аз як забонро медонанд ва ҳатто забонҳое, ки куллан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар забони аввал фикрҳои моро муайян намекард, омӯхтани забони дуюм имкон надошт [137, с. 182].

Забоншиносон Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс забонро яке аз василаҳои муҳимтарине меноманд, ки тавассути он одамон метавонанд фикру андешаҳояшонро баён кунанд ва бо ҳам муошират кунанд [140, с. 1].

Агар аз нуқтаи назари забоншиносии шинохтӣ нигарем, забон як қисми умумии низоми дарку шинохт мебошад, ки инсон дар ихтиёри худ дорад. Яъне, забон бо дарк, сохти мафҳум, маҳорату малака, ҳис, маром, тафаккур, хулосабарорӣ ва ғайра алоқаманд аст. Байни забон ва дастовардҳои дигари тафаккури инсон алоқаи зич вуҷуд дорад, ки онҳо ҳама бо забон алоқаманданд ва забон ба онҳо таъсир мерасонад. Аз ин бармеояд, ки забон ба ҳар шаклу усул – яъне тариқи ҳиссиёт, тасаввурот ва андеша дар асоси қоидаҳои муайяни грамматикӣ метавонад фикрамонро баёну инъикос намояд ва тавассути он инсонҳо бо ҳамдигар дар тамос мешаванд. Мусаллам аст, ки забон воситаи муоширати байни одамон мебошад, ва муҳаққиқон онро низоми аломатҳо номидаанд. Ба монанди дигар низомҳои муоширатӣ истифодаи мунтазами аломатҳо хоси забон низ мебошад. Забон на танҳо ба одамон имкони муошират карданро медиҳад, балки ҳамзамон восита ва оинаи дунёи тасаввурҳо ва таҷрибаҳои онҳо мебошад. Ин аз таҷрибаи инсон дар муҳити атрофи худ ба вуҷуд меояд ва аз мафҳумҳое иборат аст, ки

онҳоро категорияҳои консептуалӣ низ меноманд. Силсилаи пурраи ин мафҳумҳо заминаеро барои категорияҳои забонӣ ташкил медиҳад.

Мувофиқи андешаи забоншиносон Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс забон дар майнаи сари соҳибзабонон арзи вуҷуд дорад [140, с. 14]. Агар мо ин ақидаро таҳлил намоем, бояд қайд кард, ки вобаста ба ҷамъият, шароиту муҳити зист ва имкониятҳо инсон забонро азхуд мекунад ва онро инкишоф медиҳад. Масалан, оилаҳое ҳастанд, ки падару модар аз миллатҳои гуногунанд, бо забонҳои гуногун бо кӯдакашон суҳбат мекунанд ва дар як кишвари хорича зиндагӣ доранд. Кӯдак дар чунин оила ҳамроҳи модар бо забони дигар ва ҳамроҳи падар бо забони дигар муошират мекунад, дар мактабу кӯча бошад бо як забони дигар. Чунин кӯдакон бо на камтар аз се забон инкишоф меёбанд. Дар ин ҳолат, агар сухан дар бораи шахсияти кӯдак равад, мо ба мушкилотҳои гуногун дучор мешавем. Ин масъала таҳлили доманадореро талаб мекунад, чунки ҳаёти ҷамъиятӣ доим дар тағйирот аст.

Забоншинос Владимир Адмони дар асари худ «Сохти забони олмонӣ» қайд мекунад, ки дар ҳаёти ҷамъияти инсонӣ забон ду вазифаи асосии хеле аҳаммиятнок ва ҳалнашавандаи бо ҳам алоқамандро иҷро мекунад. Яъне, забон табодули иттилоотҳоро дар байни инсонҳо имконпазир мекунад ва шаклеро месозад, ки дар он тафаккури инсон ҷараён мегирад. Ба ибораи дигар, забон мубодилаи афкорро ба анҷом мерасонад. Аммо барои қонеъ кардани ин талабот, забоне лозим аст, ки ҳама чизро баён карда тавонад. Масалан, он чизҳое, ки дар уфуқи одам дар марҳалаи бевоситаи рушди таърихӣ ба вуҷуд омадааст, яъне ҳамаи ашёҳо, падидаҳо, тамоми равандҳо, хусусиятҳо, далелҳо, муносибатҳое, ки бо як навъе барои инсонҳо муҳиманд, барои объекти муоширати забонӣ мувофиқ мебошанд. Инчунин, «ҳаёти эҳсосии инсон, эҳсоси хушнудию нороҳатии ӯ ва ғайраҳо ба ин мансубанд, ки онҳо низ ифодаи забониро талаб мекунанд» [146, с. 1].

Мувофиқи ақидаи забоншиносони муосир Моикен Ҷессен, Йоҳан Бломберг ва Юрг Рохе «Дар ҳаёти ҳаррӯза инсонҳо ҳамеша бо хабарҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд, ки донишу таҷрибаҳои то ба ҳол ба даст овардаашонро ба

кор мебаранд. Ғайр аз ин, инсонҳо доим бо мушкилоти нав низ дучор мешаванд, ки бояд ҳалли худро ёбанд. Натиҷаи ҷараёни ҳамгироию ҳалли мушкилот бояд мувозини низоми маърифатиро ташкил кунад. Дар ин раванд бевосита дониш, таҷриба ва маҳорати шахс нақши ҳалкунандаро мебозад» [137, с. 120]. Ба гуфти муҳаққиқони мазкур мо пурра мувофиқем, зеро, воқеан, забон ҳатто бехатарии моро таъмин месозад. Барои исботи ин гуфтаҳо дониши хуби забони модарӣ барои ҳалли мушкилоти рӯзмараи мо зарур аст. Дониши хуби забонӣ натанҳо барои баёни фикр, балки барои дарк кардани суханҳои ҳамсуҳбат ва ё маълумотҳое, ки мо тавассути воситаҳои гуногуни ахбор дастрас мекунем, нақши бузург дорад. Чунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки забон, пеш аз ҳама, бо мантиқ зич алоқаманд аст. Барои бодиққат дарк кардани маълумотҳо ва коркарду хулосабарорӣ дониши хуби забонӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон зарур аст. Дуруст дарк накардани сухан ва ё танҳо як сухани ноҷо метавонад ҳаёти инсонро ба фоҷиа бурда расонад. Дар ҳамин робита, забоншиносон Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс дар асарашон мисолеро меоваранд: «…одамон дар хона, дар ҳамсоягӣ, дар деҳот, дар шаҳр ва ё шаҳрҳои калон, дар ҷои кор, дар мактаб, дар анҷуманҳо, дар масҷид, дар калисо ва ғайраҳо бо ҳам кору фаъолият мекунанд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар муошират мебошанд» [140, с. 160]. Ин гуфтаҳо бори дигар муҳиммияти забонро дар гуфтору рафтори мо ва ҷамъияте, ки мо дар он умр ба сар бурда истодаем, исбот мекунанд.

Забоншиносони олмонӣ Герт Рикҳайт, Сабине Вайс ва Ҳанс Юрген Айкмайер таъкид мекунанд, ки аз нуқтаи назари забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) шуур ва маърифат, пеш аз ҳама, барои муошират хизмат мекунанд, чи тавре ки муошират на танҳо бо забони шифоҳӣ ва ё хаттӣ амалӣ мегардад, балки ҷанбаҳои ғайришифоҳӣ ба монанди имову ишора ба он шомил мебошанд [126, с. 165]. Мувофиқи андешаи забоншиносони болозикр, чун қоида муоширати забонӣ барои муборизаи ҳаррӯзаи ҳаёти инсон дар ҳолатҳои гуногун хизмат мекунад. Одамон мекӯшанд, то ки

мушкилоти рӯзмарраи худро тавассути муошират бо якдигар ҳаллу фасл кунанд.

Ҳамин тавр, забон ҳамчун аслиҳа ва воситаи якдигарфаҳмӣ хизмат мекунад. Дар вазъиятҳои гуфтугӯии рӯзмарра одамон одатан дар бораи он чизҳое суҳбат мекунанд, ки мусоҳибон онро дарк карда метавонанд. Вобаста ба ин гуфтаҳо бояд қайд кард, ки на танҳо одамон, балки ҳайвонот, парандагон, ҳашарот ва дигар мавҷудоти зинда низ бо ҳам муошират мекунанд, нақша мекашанд ва мувофиқи нақшаашон амал мекунанд, аммо илм ин ҳодисаро аз рӯйи одат, яъне ғариза (инстинкт) меҳисобад.

Мувофиқи ақидаи Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс мо инсонҳо мехоҳем дар бораи рӯйдодҳое муошират кунем, ки дар гузашта ва ё дар оянда қарор доранд, инчунин, мехоҳем дар бораи ашёҳои дастнорасу дур аз мо қарордошта ва афсонавӣ ё дар бораи ҳиссиёт, хоҳиш, дард, фироқ, ноумедӣ, умеду орзуҳои хеш ва ғайра маълумот диҳем. Ин амалҳо танҳо ба воситаи рамзҳо иҷро карда мешаванд, ки онҳоро одамони тамоми ҷаҳон ихтироъ кардаанд, то ин ки дар ҳама мавзуъҳо муошират карда тавонанд. Шакли умумиҷаҳонии рамзҳои ихтирокарда – ин забони гуфтугӯй мебошад. Дар марҳалаи муайяни тамаддун ва рушди маънавӣ забони хаттӣ рушд кард [140, с. 4].

Забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин қайд мекунанд, ки «ҳадафи муоширатии гӯянда ва шунаванда аз он иборат аст, ки шунаванда ният ва далелҳоеро, ки ба ӯ гӯянда равона мекунад, дарк кунад. Барои ин шунаванда бояд шакли садоии муҳтавои баёни нутқи забониро дарк карда тавонад ва баъд онро бо дониши худ дар бораи контекст, вазъият ва ҷаҳон алоқаманд кунад» [141, с. 165]. Дар ҳолате ки ду ва ё зиёда инсонҳо муколама мекунанд, пеш аз ҳама, мавзуъ, макон ва замон барои дарки масъала нақши муҳимро мебозанд. Вобаста ба маълумот, касбу кор ва таҷрибаи ҳаёт метавонад шахс мавзуъро дарк кунад. Масалан, гуфтан мумкин аст, ки деҳқонон деҳқононро, табибон табибонро ва омӯзгорон омӯзгоронро бештару хубтар мефаҳманд. Аз ин рӯ, метавон қайд кард, ки

барои фаҳмидани якдигар, дарки ҳолат, муҳтавои мавзуъи суҳбат, шавқ ва саргузаштҳо яке аз нақшҳои муҳимро мебозанд.

Ба ақидаи забоншиносон «яке аз масалалаҳои асосӣ ва баҳснок дар илми забоншиносӣ ин робитаи байни забон, тафаккур ва фарҳанг мебошад» [140, с. 135]. Албатта ин ақида дар маркази диққати олимони соҳаи забоншиносӣ қарор дорад, чунки тарзи зисту зиндагӣ, урфу одат ва фарҳанги инсонҳо дар забон ва тафаккури онҳо инъикос ёфтааст. Барои равшантар баён кардани ин масъала мисоли зерин хеле бамаврид аст. Дар фарҳанги тоҷикон эҳтиромі калонсолон дар мадди аввал меистад. Агар мо падару модари солхӯрдаро ба хонаи пиронсолон супорем, боиси таънаву маломат ва мазаммату сарзаниши ҳамсояҳо, шахсони наздик хоҳем шуд. Аммо дар баъзе кишварҳои дунё баръакс аст, яъне агар падару модарро ба хонаи калонсолон насупоранд, хандаовар аст. Чунин рафтор дар тафаккури тоҷикон ҷой надорад. Вобаста ба вазъият, шакли ҷамъият, сохти давлатдорӣ ва психологияи миллӣ тафаккур ва фарҳанги халқҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Забоншиноси олмонӣ Фритс Чирх дар асари худ бо номи «Фаҳмиш ва эътиқод, манзараи ҷаҳон, шакли тафаккур ва забон» қайд мекунад, ки ҳар як забон доимо дар тағйирот буда, пеш аз ҳама, барои якдигарфаҳмии инсонҳо хизмат мекунад [125, с. 9]. Мо тарафдори ақидаи Фритс Чирх ҳастаем, вале мутаасифона таҷрибаи рӯзгор нишон медиҳад, ки якдигарфаҳмии инсонҳо кори саҳл нест. Ин масъала дар ҳар як зинаи ҳаёти мо дучор мешавад. Масалан, баъзе гуфтаҳои бузургонро баъд аз садсолаҳо ҳам инсоният дарк карда наметавонад. Шоирон, мутафаккирон, файласуфон ва олимон баъзе ҳодисаҳои табияту ҷамъиятро пешгӯи мекунанд, то ин ки инсон нисбати табиату ҷамъият рафторои одилона дошта бошад. Барои боз ҳам равшан гаштани ин масъала метавонем мисолҳои зиёде аз ҳаёти мардуми тоҷик орем. На ҳар як фарзанд насиҳати падару модар, калонсолон ва устодонро мегирад. Шоири бузурги мо Рӯдакӣ кайҳо дар қарни X гуфта буд:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,

Низ наомӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Ҳайёту таъриху фарҳанги ҳар як халқ дар забони ӯ таҷассум ёфтааст. Масалан, мақоли «Дӯст гирёнда ва душман хандонда гап мезанад» доим вирди забони мардуми тоҷик мебошад. Дар як мусоҳибаи телевизионӣ шоири бузурги ҳалқи тоҷик Лоиқ Шералӣ гуфта буд: «Дар замони Сомониён ифтихори миллӣ, ғурури миллӣ ва шуури миллӣ хело боло рафта буд. Дар замони мо ин дар мисоли устод Садриддин Айнӣ, устод Бобоҷон Ғафуров, устод Мирзо Турсунзода ва имруз дар мисоли фаъолияти шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зоҳир мешавад. Ман гумон мекунам, ки дар дунё миллате мисли миллати тоҷик нест, ки ин қадар насиҳати зиёд шунида бошад. Аз Авесто шуруъ кунем, баъд Қуръони маҷид, «Шоҳнома», «Маснавӣ», Ҳофиз, Саъдӣ, Соиб, Хайём, Саидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон он қадар ин миллатро насиҳат кардаанд. Мардуме ҳастем, ки бисёр насиҳат шунидем. Яъне маълум мешавад, дар тули таърих мо ҳамеша ба насиҳат ниёз доштаем. Мо мардуми аҳли китоб ҳастем. Мардуми мо бояд ба маънавият рӯ биёранд. Агар аз маънавият ҳар қадар дур шуданд, ҳар қадар аз худашон дур мешаванд, аз Худо дур мешаванд. Ҳар қадар худро ёфтанд он қадар ба Худо наздик мешаванд. Ман ҳам шири модари тоҷикро хӯрдаам, орзу мекунам, ки мардуми мо аввал худашонро ёбанд баъд Худояшонро ёбанд, дар маҷмуъ ҳам худ ва ҳам Худо ва ҳам Ватан ва ҳам модар ва ин замин дар якҷоягӣ зинда бошанд» [195]. Чунин мисолҳо зиёданд ва ин нишонаи нақши забон дар якдигарфаҳмии инсонҳо мебошад. Замоне, ки соҳибони як забону як фарҳанг дар масъалаи якдигарфаҳмӣ душворӣ мекашанд, пас савол ба миён меояд, ки соҳибони забону фарҳангҳои гуногун ба чӣ мушкилиҳо рӯбарӯ мешаванд?

Агар мо бикӯшем, ки маънои калимаеро аз забони дигар ба забони худ муайян созем, мушкилии дигар ба миён меояд. Мушкилӣ дар он аст, ки барои аксари калимаҳо муодили мустақим дар забони дигар вуҷуд надорад. Дар ҷомеаҳои мухталиф одамон на танҳо бо забонҳои гуногун гап мезананд,

балки таҳти таъсири меъёрҳои гуногуни фарҳангӣ низ забонро бо роҳҳои гуногун истифода мебаранд.

Алоқаи байни забон ва тафаккур, забон ва фарҳанг тули садсолаҳо файласуфон, адабиётшиносон ва забоншиносонро ба ҳайрат овардааст. Дар романтизми олмонӣ ақидае таҳия шуда буд, ки «ҳар як забон нуқтаи назари ҷаҳонии худро доро мебошад» [140, с. 154]. Дар ин ҷо тасвири забонии ҷаҳон нақши муҳимро мебозад.

Муқоисаи забонҳо яке аз муҳимтарин воситаҳои таҳқиқот мебошад, ки барои ёфтани посух ба баъзе саволҳои муҳим дар бораи пайдоиш, табиат ва таҳаввулоту рушди инсон имкон медиҳад. Инчунин, дар қатори забоншиносӣ масъалаи муносибати забону тафаккур ва дарку фаҳмиши инсониятро бисёр илмҳои дигар ба монанди физиология, этнология, назарияи эволютсионӣ, анатомия, антропология, ҷуғрофия ва нейробиология низ дар бар мегиранд. Ба андешаи муҳаққиқон: «Забонҳо барои манфиатҳои гуногуни илмӣ муқоиса карда мешаванд. Таҳқиқоти байнисоҳавӣ оид ба пайдоиш, рушд ва паҳншавии башарият ва забонҳои он мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дорад» [140, с. 242].

Ҳар масъалае, ки дар ҳаёт омӯхтану фаҳмидан мехоҳем танҳо ба воситаи забон метавонем ба даст орем ва дарк намоем. Хулоса, мувофиқи ақидаи забоншиноси олмонӣ Фритс Чирх, забон дар ҳақиқат «палеонтологияи руҳи инсон мебошад» [125, с. 25].

Ҳамин тавр, тибқи андешаву назари муҳаққиқони забоншинос метавон ба хулосае омад, ки забон баробар бо тафаккури инсонӣ ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: 1) вазифаи муоширатӣ (коммуникативӣ) ва 2) вазифаи когнитивӣ (шинохтӣ, маърифатӣ). Ба вазифаи когинтивӣ, пеш аз ҳама ҳифз, коркард ва дарки ахбор дохил мешавад, ки онҳо ба зеҳни инсонӣ робитаи қавӣ доранд. Ҳамчунин, ба вазифаҳои дигари когнитивии забон ин андешаофаринӣ, номгузорӣ, баҳодиҳӣ, хулосабаррӣ, эҳсосӣ (экспрессивӣ), робитавӣ, зебоипарастӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки бечун заминаи равонӣ ва зеҳнӣ доранд.

1.2. Масъалаҳои умумӣ ва хоси забоншиносии равонӣ (психолингвистика) ва забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ)

Забоншиносии равонӣ дар олами илми забоншиносии ҷаҳонӣ бо истилоҳи «психолингвистика (psycholinguistics // psychology of language)» маълум аст. Истилоҳи «психолингвистика»-ро бори нахуст пажуҳишгари амрикоӣ Н. Пронко дар мақолае таҳти унвони «Забон ва психолингвистика», ки соли 1946 дар ИМА нашр шуда буд, истифода кардааст [10, с. 8]. Аз рӯи ақидаи забоншиносони олмонтабор Герт Рикҳайт, Сабине Вайс ва Ҳанс Юрген Айкмайер забоншиносии равонӣ ҳамчун як шохаи забоншиносӣ буда, чӣ тавр истифода шудани забон аз ҷониби инсонро меомӯзад. Вазифаи забоншиносии равонӣ аз муайян кардан ва шарҳ додани қонунҳои умумии истифодаи забони инсон иборат аст [126, с. 290]. Забоншиносии равонӣ ҳамчун бахши мустақили илми забоншиносӣ таъсис ёфта, солҳои охир рӯ ба инкишоф дорад, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳои мунтазам ва дастовардҳои илмӣ оид ба забон, тафаккур, шуур, руҳ, равон, зеҳн, фарҳанг, маърифат ва ғайра бойю ғанӣ гашта истодааст.

Забоншиносии равонӣ яке аз самтҳои нисбатан нави илм мебошад, ки муносибати байни сохтори иттилоот ва шахсони алоҳидаро ба таври васеъ меомӯзад. Ба гуфти Ҳелли Ҳалбе: «Забоншиносии равонӣ як шохаи илми забоншиносӣ буда, таҳия ва қабули иттилоотро, ки дар муоширати инсонӣ ба вуҷуд меояд, баррасӣ мекунад» [129, с. 7].

Агар ба андешаи ин муҳаққиқ таваҷҷуҳ намоем, ӯ танҳо яке аз вазифаҳои забон: қабул ва пахши ахборро баррасӣ мекунад. Вале агар андешаи забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервинро муҳокима кунем, онҳо бар он ақидаанд, ки забоншиносии равонӣ маҳорату малакаи забони инсониро меомӯзад. Онҳо ақида доранд, ки равандҳои амали забонӣ ва шартҳои он аз нигоҳи забоншиносии равонӣ амиқтар баррасӣ карда мешавад.

Воқеан метавон гуфт, ки забоншиносии равонӣ амали забониро ҳамчун як ҷузъи тафаккур ва маърифати инсон баррасӣ мекунад. Ба андешаи

забоншиносони болозикр: «Забоншиносии равонӣ – ин ҷустуҷӯи мунтазам доир ба намуди дониш ва низомҳои коркарди маърифатӣ буда, маҳорату малакаи забонии инсонро меомӯзад» [141, с. 8].

Тибқи андешаҳои боло ҳадафи кори забоншиносии равонӣ ошкор кардани ҳолатҳо ва равандҳои маърифатӣ мебошад, ки маҳорату малакаи забониро ташкил медиҳанд. Аз лаҳзаи таваллуд тамоми бадани инсон барои мутобиқ шудан ба муҳити атрофи худ имкон дорад. Инсон аз рӯзҳои аввали ҳаёти худ маҳорату малакаҳои маърифатӣ ва эҳсосӣ пайдо мекунад ва вобаста ба шароити муҳит аз калонсолони атрофи худ, ки намунаи ибрат мебошанд, забонро аз худ мекунад. Маҳорату малакаи забоназхудкунӣ қобилияти тафаккурро инкишоф медиҳад ва асоси маърифати инсонро ташкил мекунад. Инкишофи забон ин инкишофи ақлу ҳуш мебошад. Аз ин рӯ, аз худ кардани забон фаъолияти мушаххаси тафаккурии кӯдакро нишон медиҳад, ки онро ақл роҳбарӣ мекунад. Инкишофи маҳорату малакаи забонии кӯдак – ин инкишофи ақл ва рушди зеҳни ӯ мебошад, ки дар кунҷковӣ ва қобилияти ӯ дар робитаи иҷтимоӣ дида мешавад.

Ҳамин тавр, дар забоншиносии равонӣ ва маърифатӣ чанд масъалаи муҳимме мавҷуд аст, ки ҳамчун масъалаҳои умумии ин самтҳо маҳсуб меёбанд.

1) Амали забонӣ – ҳамчун як ҷузъи тафаккур ва маърифати инсон

Дар робита ба амали забонӣ дар забоншиносии равонӣ се ҷанбаи муҳимми забон барои кӯдак зикр мегардад: 1. Ёд гирифтани забони модарӣ бе қоида; 2. Мавриди истифода қарор додани забон тибқи қоидаҳои забонӣ; 3. Дуруст баён кардани фикр тавассути забон.

Дар мавриди якум сухан дар бораи забоназхудкунии кӯдак меравад, яъне кӯдак забонро аз худ мекунад, ёд мегирад, на ин ки меомӯзад. Кӯдакон зоҳиран бемонеа ва зуд забонро аз худ мекунанд. Аз рӯи нуқтаи назари асосгузори забоншиносии тавлидӣ (забони модарзодӣ) Н. Хомский, одам бо қобилияти модарзодии суханронӣ ба дунё меояд, ки баъд аз он новобаста аз муҳит инкишоф меёбад. Лоиҳаи Н. Хомский барои рушди назарияҳои

гуногуни забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ такони тоза бахшид. Мусаллам аст, кӯдакон забонро дар оила ва дар ҷамъият бе қоидаву қонунҳояш меомӯзанд аз худ мекунанду онро соҳиб мегарданд. Дар ин қисми забоншиносии равонӣ зинаҳои гуногуни забоназхудкунии кӯдак вобаста ба синну соли он зери омӯзиш қарор дода мешавад.

Дар мавриди дуюм сухан дар бораи хубтару беҳтар истифода бурдани забон меравад, яъне дар он, пеш аз ҳама, донишҳои лексикӣ, грамматикӣ ва услубӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Кӯдак забонро аз рӯи қоидаю қонунҳои он меомӯзад, яъне оид ба калима, қоидаҳои грамматикӣ, сохти ҷумла ва шаклҳои матн донишҳои назариявию амалии ибтидоиро аз худ мекунад. Вале ҳамаи ин ҳодисаҳо дар мағзи сари инсон ҷараён мегиранд.

Дар мавриди сеюм бошад, сухан дар бораи ҷараёни истифодаи забон меравад. Яъне, дуруст дарк кардан ва ё дуруст баён кардани фикр тавассути забон мебошад. Ғайр аз ин, дар ин қисми забоншиносии равонӣ масъалаҳои муносибати забон ва тафаккур омӯхта мешавад, яъне забон ба тафаккур ва ё тафаккур ба забон чӣ гуна таъсир мерасонад.

Ба андешаи мо забон ин як захираи иттилоотие мебошад, ки ҳар як шахс дар рафти ҳаёти худ дар ҳолатҳои гуногун омӯхта ва дар худ захира кардааст. Ҳар як нафар забонашро дар вақти зарурӣ барои қабули иттилоот ва ё баёни фикр мунтазам истифода мекунад. Дар ин ҷараён метавонад забони ӯ дар натиҷаи кабули маълумотҳои гуногун такмил ёбад.

Ҳангоме ки одамон гап мезананд, менависанд, мехонанд ё мешунаванд, равандҳои фаҳмишу дарк ё шинохт рух медиҳанд, ки мундарича ва муҳтавои сохтори малакаю маҳорати забониро имконпазир ва маҳдуд мекунанд. Аз ин рӯ, доштани дониши забонӣ барои шарҳи рафтори забонӣ зарур аст. Дониши забонӣ ба системаи забон, ба нишонаҳои рафтори забонӣ ва муошират мутобиқ аст. Мундарича ва сохтори дониши забонӣ ба фаъолияти рафтори забонӣ имкон фароҳам меорад. Ҳамин тавр, дониши забонӣ имкон медиҳад, ки фикру андешаҳои забонии одамони атроф ба мо фаҳмо бошанд. Дониши забонӣ ба инсон воситаҳои муошираги забониро барои чизҳои ғайризабонию

равонӣ таъмин месозад ва ташкили чунин дониш тамоми шаклҳои фаҳмиши забониро дарбар мегирад. Дониши забонӣ аз ду қисмати асосӣ ташкил меёбад: дониши воҳидҳои забонӣ ва дониши таркибӣ. Дониши воҳидҳои забониро *лексикаи зеҳнӣ* ва дониши таркибиро *грамматикаи зеҳнӣ* меноманд. Барои ба ин масъала равшанӣ андохтан мо як ҷумлаи ба назар содаеро мисол меорем:

Ҳуҷра равшан аст.

Агар аз нигоҳи *лексикаи зеҳнӣ* дида бароем, ҷумлаи дар боло овардашуда аз калимаҳое, ки бо ҳам муносибатҳои лексикӣ ва грамматикӣ доранд асос ёфтааст. Масалан, ҳар соҳибзабоне, ки ҳатто хондану навиштан наметавонад, вале тавассути лексикаи зеҳнӣ маънои ҷумлаи мазкурро мефаҳмад. Мо муносибатҳои грамматикии ин ҷумларо ба таври муфассал дида мебароем. Пеш аз ҳама, ин ҷумлаи содда аз калимаҳои «ҳуҷра», «равшан» ва «будан» иборат буда, як замони муайяанеро, яъне замони ҳозираи нутқро нишон дода истодааст. Ғайр аз ин, аз рӯйи қоидаҳои морфологӣ ва синтаксисӣ сохта шудааст, ки аз ҳиссаҳои нутқ исм, сифат, феъл ва аъзоҳои ҷумла, яъне мубтадо ва хабар иборат буда, дорои категорияҳои морфологии шахс, шумора ва замон мебошад. Дар охир дониши фонетикӣ, донистани паҳлуҳои ифодаи хаттии сегментҳои фонетикӣ, тақсимоти онҳоро ба ҳиҷоҳо, истифода дар матн ва ҷойгиркунии задаҳо дар калима муҳим аст, ки онҳоро ба таври умум лексема меноманд [141, с. 24].

Дар забоншиносии равонӣ зери мафҳуми лексикаи зеҳнӣ як пойгоҳи дониш, яъне миқдори донишҳо оид ба хотираи дарозмуддат фаҳмида мешавад. Агар мо ҷумлаи боло «*Ҳуҷра равшан аст*»-ро аз нигоҳи забоншиносии равонӣ (психолингвистӣ) таҳлил намоем, барои мо зарур аст, тамоми омилҳои берунаро ба назар гирем. Яъне, дар зеҳни инсон вобаста ба синну сол, ҷинсият, мақоми иҷтимоӣ ва ғайра ҷумлаи боло тобиши гуногун ва дарки гуногун дорад. Барои инро пурратар тасвир кардан мо марҳилаҳои рушди кӯдак ва ташаккули қобилияти зеҳнии ӯро дар зер дида мебароем.

Аз рӯи нуқтаи назари мутафаккирони соҳаи забоншиносӣ Герт Рикҳайт, Сабине Вайс ва Ҳанс Юрген Айкмайер пеш аз он ки кӯдакон сухан гуфтанро ёд гиранд, онҳо бояд забони муҳити атрофашон ё ба ибораи дигар забони парасторони худро бифаҳманд. Тибқи таҳқиқотҳои охир малакаи муҳимми шунавоиро кӯдакон пеш аз таваллуд дар батни модар пайдо мекунанд. Аз ин бар меояд, ки кӯдакон на ҳамчун як варақи холии нонавишта ба дунё меоянд, балки онҳо аллакай ҳамчун ҷанин иттилооти акустикиро дарк мекунанд. Тақрибан дар шашмоҳагӣ узвҳои шунавоии ҷанин ба қадри кофӣ инкишоф меёбад, ки метавонад садои дил ва забони модарро дарк кунад [126, с. 92].

Дар байни ҳафтаҳои 24-28-уми ҳомиладорӣ кӯдак қобилияти фарқ кардани садоро аз муҳити атроф инкишоф медиҳад. Тифл пас аз соатҳои таваллуд каме равшанӣ ва торикиро мебинад, сар ва рӯйро ба самти манбаи садо мегардонад ва таваҷҷуҳ пайдо мекунад. Инчунин, дарҳол пас аз таваллуд кӯдак метавонад овози модар ва одамони дигарро фарқ кунад. Тифл дар марҳилаи аввал рӯйдодҳои овозиро дар муҳити худ коркард мекунад, яъне диққати худро ба як қатор хусусиятҳои садоҳо, ки ба гӯши ӯ бармехӯранд равона мекунад. Инчунин, тақрибан дар синни шашмоҳагӣ оғози фаҳмиши забонӣ мушоҳида мешавад, яъне ин маънои онро дорад, ки кӯдак пайдарпайии овозро дар хотира бо маъно пайваст мекунад. Дар нимаи дуюми соли аввал кӯдак тадричан аз дарки садоҳои гуногун ба дарки касоне, ки дар муҳити ӯ зиндагӣ мекунанд, мегузарад [138, с. 75].

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдак танҳо дар ҷомеаи инсонӣ забонро меомӯзад. Забоншинос В. П. Белянин дар асари худ «Забоншиносии равонӣ» қайд мекунад, ки забон як низоме мебошад ва он аз қоидаҳо иборат аст. Вазифаи асосии забон интишори иттилоот аст. Калима шакли овозию навишт дорад. Кӯдак омӯзиши забонро бо шакли садоии калима оғоз мекунад. Одатан модар аз аввали рӯзҳои ҳаёти тифл бо ӯ суҳбат мекунад. Тифл садоҳои алоҳидаро қабул мекунад ва онҳоро табиатан бо таври худ такрор мекунад. Чунин рафтор барои босуръат инкишоф ёфтани қобилиятҳои

забоназхудкунии тифл мусоидат мекунад. Бори дигар такид мекунем, ки тифл қобилияти дониши модарзодии забонро надорад ва аз ин рӯ инкишофи забони ӯ комилан аз калонсолон вобаста аст [10, с.61].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдак то синни 18-моҳагӣ марҳилаи пешазсинтаксисиро мегузаронад, яъне давраи нисбатан сусти азхудкунии луғат. Дар ин давра таваҷҷуҳи кӯдак на ба хусусиятҳои морфологию синтаксисии калимаҳои омӯхташуда, балки ба маънои калима равона карда мешавад. Дар марҳилаи синтаксисии азхудкунии луғат, ки тақрибан аз синни 18-моҳагӣ оғоз мешавад, ҷумлаҳои бисёркалима дар нутқи кӯдак ба назар мерасанд ва таваҷҷуҳи кӯдак бештар ба хусусиятҳои морфологию синтаксисии калимаҳо нигаронида мешавад. Маълум аст, ки на танҳо калимаҳо барои ашё, балки барои консепсияҳои ғайриашёӣ ба монанди «ғам», «андуҳ», «шодӣ», «бӯй», «нафрат», «адад», «наздик», «дур» ва ғайра вуҷуд доранд. Барои ташкил кардани дониши лексикӣ кӯдак бояд равандҳои муайяни дарк, хотира ва баёни фикрро инкишоф диҳад. Кӯдак бояд шаклҳои садоҳои шунидаашро дар муҳити атрофи худ сабт карда бошад, ки ҳодисаю воқеаҳоро дарк карда, боз дар бораи онҳо фикрашро баён карда тавонад.

На ҳамаи калимаҳо дар лексикаи зеҳнӣ мазмуни якхела доранд. Масалан «хона», «гурба», «миз» бо тасвири ашё, «давидан», «нӯшидан», «хоб кардан» бо консептҳои хусусиятҳои амал ва фаъолият, «калон», «танҳо», «бенаво» бо консептҳои хусусиятҳои ашё мувофиқат мекунад. Амалҳои асосии забонӣ фармонҳо, хабарҳо ва саволҳо мебошанд. Барои он ки ҷумла дар муошират ҳамчун нутқи забонӣ истифода шавад, фаҳмишу дониши семантикӣ зарур аст. Он тамоми равандҳои дониши семантикиро дар бар мегирад. Ин дониши ҳиссаҳои нутқ мебошад, ки ба ашё, шахс, сифат ва фосилаи вақт дахл дорад. Барои ҷараёни забоназхудкунӣ, пеш аз ҳама, далелҳо вуҷуд доранд, ки фаҳмидан ва сухан гуфтан дар як вақт не, балки дар вақтҳои гуногун омӯхта мешавад. Кӯдак, пеш аз он ки сухан ронад, мефаҳмад, яъне «аввал мефаҳмад ва баъд гап заданро ёд мегирад» [141, с. 220].

2) Нутқ – масъалаи муҳимми равонӣ ва маърифатӣ

Бояд қайд кард, ки нутқ ва фаъолияти он дар забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ масъалаи дигаре ҳаст, ки бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Нутқ, пеш аз ҳама, дар ду шакл арзи вуҷуд дорад, яъне дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ. Нутқ дар вазъиятҳои гуногун амалӣ мегардад, ки ҳолати равонии нотиқ ва ё нависанда ба назар мерасад. Дар илми забоншиносӣ нутқ дар маркази диққати мутафаккирон муддатҳост, ки қарор дорад ва он низ яке аз мавзуъҳои доманадор ба ҳисоб меравад. Нутқ метавонад дар навбати худ нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда бошад.

Ба андешаи забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин хониш ҳамчун як раванди коркарди нутқ ба ҳисоб меравад. Ҷараёни маърифатии хониш вобаста ба шакл ва вазифа шумораи зиёди равандҳои гуногунро дар бар мегирад. Аввал, дарки визуалӣ ва коркарди иттилоотҳои дарккардаро фарқ мекунад. Фаҳмиши нутқ ба монанди баёни нутқ як раванди мураккаби маърифатӣ мебошад, ки ду марҳилаи асосиро, яъне дарки лексикӣ ва фаҳмиши нутқи баёни забониро дар бар мегирад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо дар навбати худ якчанд фаъолиятҳоро дар сатҳҳои гуногун дар бар мегиранд. То чи андоза фаҳмиши нутқи забонӣ ва системаи баёни нутқи забонӣ омӯхта шудааст, маълум нест ва мавзуи асосии таҳқиқот боқӣ мемонад.

Оид ба нутқ забоншиносони тоҷик дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ибрози андеша кардаанд, ки овардани он хело бомаврид аст: «Нутқи хаттӣ ва даҳонӣ аз якдигар фарқ доранд. Таркиби луғавӣ, воситаҳои ифода ва муносибати онҳо ба меъёр айнан як хел нест. Тафовути онҳо, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки нутқи китобиро муаллифи он гаштаю баргашта кор мекунад, мувофиқи жанру услуби баён ба қолиби муайян медарорад. Нутқи даҳонӣ бадеҳатан сурат мегирад, имкони онро кор кардан нест, вай аз хусусияти расмӣ ва аз ҳар гуна маҳдудкунӣ озод аст. Нутқи даҳонӣ таркиби луғавӣ, сохти синтаксисӣ ва интонатсияи хос дорад, дар он калимаҳои китобӣ, ҷумлаҳои сертаркиб хеле кам истифода мешаванд. Вариантнокӣ дар нутқи гуфтугӯ бештар ба назар мерасад. Онҳое, ки забони

адабиро медонанд, ҳарду шакли онро дар мавриди худ истифода мебаранд. Нутқи адабии даҳонӣ бештар дар таълиму тарбия, суҳбатҳо ва ҷамъомадҳо, телевизиёну радио, театру кино истифода мешавад. Дар забоншиносии тоҷик нутқи адабии даҳонӣ ҳанӯз мавриди тадқиқи махсус қарор нагирифтааст» [26, с. 11]. Бо сабаби пешрафти илму технология имрӯзҳо имкони сабту коркарди нутқи адабии даҳонӣ имконпазир шудааст. Мо шоҳиди китобҳои аудиоӣ ва дигар роҳҳои банаворгирӣ мебошем, ки дастраси ҳар қишри ҷомеа мебошад. Муҳаққиқони тоҷик мавридҳои имконпазирии нутқи даҳонӣ ва нутқи адабии даҳониро дуруст тафсир намудаанд, ки инҷониб низ ҷонибдори ақидаи эшонем.

Нутқ аз нигоҳи забоншиносии равонӣ ин худ фаҳмиши нутқи забонӣ мебошад, ки мо аксаран ҳангоми иҷрои он, яъне дар ҷараёни баёни фикр мушоҳида намекунем. Мо калимаҳоро истифода мекунем, ҷумла месозем ва забону лабҳоро ноогоҳона ва беихтиёр бо маҳорат ба ҳаракат медарорем. Гуфтан мумкин аст, ки дар ҳолати рондани дучарха мо рост меравем ва мувозинатро нигоҳ медорем. Ҳамчунон, нотиқ метавонад бевосита худро ислоҳ кард, агар сухан мувофиқ набошад ва ё аз нигоҳи забон нодуруст бошад.

Ҳамин тавр, бояд як низоме вуҷуд дошта бошад, ки натиҷаи баёни нутқ бо он муқоиса карда шавад ва мувофиқи ин низом ба роҳ монда шавад. Муҳаққиқон ин низомро мониторинг ном мебаранд. «Нутқ бояд мувофиқи низоми мониторинг ба нақша гирифта шавад ва ҳамзамон ба сохтори маъноӣ мувофиқат кунад» [141, с. 115].

Бо ақидаи психолингвисти голландӣ В. Левелт суханвар шунавандаи худ низ мебошад. Суханвар дорои низоме мебошад, ки дарки сухани берунӣ ва дастрасӣ ба сухани ботинии ӯро дарбар мегирад. Низоми мазкур имкон медиҳад, ки нутқи баромад дар ҷанбаҳои фонологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва семантикии худ ифода карда шавад [10, с.120].

Барои баёни фикр мо ба равандҳое ворид мешавем, ки сохтори мафҳумро ба мавҷҳои садоӣ ва ё шакли хаттӣ табдил медиҳанд. Ҳамчун

мафҳуми умумӣ барои ҳамаи ин равандҳо дар таҳқиқоти ҷорӣ мафҳуми «башаклдарорӣ» истифода бурда мешавад. Калимаи «башаклдарорӣ» дар забони олмонӣ «Formulierung» ва дар забони англисӣ «formulation» мебошад, ки аз забони лотинӣ «form», яъне «шакл» гирифта шудааст.

Фаъолияти зеҳнӣ ва равонӣ бо мақсади дарки нутқи забонии муҳити атроф нигаронида шудааст, ки аз оғози ҳаёти инсон сурат мегирад. Натиҷаи он вобаста ба синну сол фарқ мекунад. Фаҳмидани нутқи забонӣ асосан як раванди башаклдарорӣ ва сохти амали забонӣ мебошад. Бо роҳи дарки маъноҳои калима, сохти нишонаҳои синтаксисӣ, муносибатҳои ғайризабонӣ ва ҷаҳонбинӣ нутқи забониро баён карда ва ё фаҳмида мешавад. Фаҳмиши нутқи забонӣ коркарди маърифатии иттилоот мебошад. Иттилоот дар ибтидо дар шакли садои ҳодисаҳо ва дар охир дар шакли тасаввурот дар бораи калимаҳою мафҳумҳо ба вуҷуд меояд. Ду ҷузъи асосии раванди фаҳмиши нутқи забонӣ: ин *шинохтани калимаҳо* ва *фаҳмиши гуфтор* мебошанд. Ёфтани калима дар лексикаи зеҳнӣ ҳанӯз маънои фаҳмиши баёни нутқи забониро надорад. Байни фаҳмиши маънои калима ва фаҳмидани маънои нутқи забонӣ фарқи калон аст. Агар мо аз рӯи нуктаи назари забоншиносӣ маънои калимаро дар луғат, дар ҷумла ва дар матн, яъне дар вазифаҳои гуногун баррасӣ накунем, фаҳмида наметавонем.

Муаллифони «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» низ ба муосибати забон ва бетавофут наистода, таъкид мекунанд: «Ҳодисаи бевоситаи мушоҳидашавандаи забон нутқ аст. Забон ҳамчун воситаи муошират дар нутқ ба таври воқеӣ зуҳур мекунад. Воҳидҳои забон ва қонунияти алоқамандии онҳо маҳз дар нутқ ифода мешавад. Қоида ва меъёрҳои ҷории забон яке аз шартҳои асосии нутқ мебошад. Шаклҳои даҳониву хаттии нутқ – нутқи адабӣ, нутқи гуфтугӯӣ, нутқи шевагӣ, нутқи расмӣ, нутқи касбӣ, нутқи публитсистӣ, нутқи саҳнавӣ ва амсоли инҳо навъҳои муоширатро нишон медиҳанд. Нутқ барои такомул ва инкишофи забон ёрии амалӣ мерасонад, алоқаи узвии забону нутқ дар ин ҷо барҷаста зоҳир мешавад» [26, с. 5].

Муҳаққиқон дуруст ибрози андеша намудаанд, ки нутқ омили асосии ифодаи забон мебошад. Яъне тамоми воҳидҳо ва қоидаву қонуниятҳои алоқаи забон ба нутқ алоқамандӣ дорад. Ин аз ҳамон андешаҳое сарчашма мегирад, ки дар ибтидои асри XX Фердинанд де Соссюр ва дигар пайравони ӯ пешниҳод карда буданд.

3) Баёни андеша дар қолаби сохтори синтаксисӣ

Масъалаи дигаре, ки барои забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ бисёр муҳимм маҳсуб меёбад, ин баёни андеша ҳангоми нутқ дар қолаби сохтори синтатксисӣ мебошад. Дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» низ оид ба муносибати фикр (андеша) ва нутқ ба таври зайл андеша манзур шудааст: «Мо бо мақсади ба каси дигар фаҳмонидани фикри худ гап мезанем. Фикр дар нутқ дар шакли ҷумлаҳо зоҳир мегардад, яъне ба воситаи ҷумлаҳо ифода меёбад. Якчанд калимаи паси ҳам омада бо якдигар алоқаманд набошанд, ҷумларо ташкил карда наметавонанд, вале аксари ин калимаҳо мувофиқи қонуни грамматика таркиб ёфта, фикреро ифода кунанд, ки ҷумларо ташкил дода метавонанд. Тарзҳои аз калимаҳо ташкил ёфтани ибораҳо ва ҷумлаҳо, тартиби калимаҳо, интонатсия, калимаҳои махсуси ёридиҳанда, намуди ҷумлаҳо ва инчунин, шароитҳои ба кор бурда шудани онҳоро боби дигари грамматика, яъне синтаксис меомӯзад» [30, с. 5].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мо бояд мафҳумҳои фикр, забон ва нуткро дар алоҳидагӣ зери омӯзиш қарор диҳем. Ба андешаи мо, фикр ин як раванди маърифатӣ мебошад, ки метавонад бе иштироки узвҳои ҳис, яъне босира, сомеа, зоиқа ва ломиса ҷараён гирад. Узвҳои ҳис пеш аз ба вуҷуд омадани фикр нақши асосиро мебозанд.

Муҳаққиқони забоншиноси олмонӣ бар он ақидаанд, ки «ҷумла пайдарҳамии калимаҳо аст, аммо на ҳама пайдарҳамии калимаҳо ҷумла мебошад. Робитаҳои синтаксисии байни калимаҳо дар ҷумла ифодаи мазмуни онҳо мебошанд. Сохти синтаксисиро бояд дар раванди фаҳмиш донист, то мазмуни нутқи забонӣ дуруст фаҳмида шавад. Шунаванда баёни нутқи гӯяндаро қабул ва дар навбати худ коркард мекунад, аммо ӯ як

мушкилие дорад, ки гӯянда надорад. Мушкилии шунаванда ин сермаъногии калимаҳо мебошад» [141, с. 185]. Аз ин бармеояд, ки гӯянда бо кадом мақсаду маром калимаҳоро дар нутқи худ истифода мебарад, барои шунаванда пурра маълум нест. Барои фаҳмидани нутқ донистани шумораи зиёди калимаҳо ба мо имкон намедиҳад ва мо бояд аз дигар масъалаҳое, ки дар нутқ нуҳуфтаанд, бохабар бошем. Масалан, дар нутқи мо таърих, фарҳанг, дониш, тафаккур, урфу одат, замону макони зист, мақсад ва дигар ҳодисаҳое, ки мо аз сар гузаронидаем, нуҳуфта аст.

Мувофиқи ақидаи забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин барои фаҳмидани мазмуни ҷумла таркиби синтаксисии онро фаҳмидан лозим аст. Бояд қайд кард, ки сохтори синтаксисӣ муносибати шаклҳои калима ва функсияҳои онро дар ҷумла дар бар мегирад. Забон воситаи иштирок дар муошират ва дастрас кардани иттилоот аст. Барои иштирок дар муошират ва дастрас кардани иттилооти гуногуни зарурӣ дар ҳаёти рӯзмарраи худ мо заҳматҳо мекашем, яъне нутқи забониро дар шакли садо ва хат дастрас мекунем. Масалан, барои мазмуни ҷумла, роман ё ҳазлро дар шакли матн баён кардан мо дониши забонии худро истифода мебарем. Барои он ки маънои ҷумла пайдо шавад, кадом намуд калимаҳо дар ҷумла истифода мешаванд ва чӣ тавр калимаҳо мувофиқи синтаксис бо ҳам алоқаманд мешаванд, бояд қоидае вуҷуд дошта бошад, ки ба таври худкор маъноеро ифода намояд.

Инсон аз рӯзҳои аввали зиндагии худ доим дар ҷустуҷӯ аст, ки ин раванд на танҳо ба воситаи ҷисм ҷараён мегирад, балки, пеш аз ҳама, руҳу равони ӯ дар фаъолият аст. Дарк, таваҷҷуҳ, мушоҳида, фаъолияти хотира, омӯзиш, ҳалли мушкилотҳои пешомада, эҷодкорӣ, тасаввурот, банақшагирӣ, интихоби роҳҳои гуногун, интихоби самт, хулосабарорӣ, далел, эътиқод, боварӣ, худшиносию худмушоҳидакунӣ ва чанд амалҳои дигаре вуҷуд доранд, ки ба руҳу равони инсон вобастаанд. Масъалаи мазкур имрӯзҳо дар маркази диққати забоншиносии шинохтӣ низ қарор дорад. Аммо муҳимтар аз ҳама забоншиносии шинохтӣ масъалаҳои омӯзиш ва азхудкунии забон,

робитаи тафаккур бо забон, сермаъногии калима, метафора, маънои аслӣ ва маҷозии калима, муносибати синтаксис бо семантика ва ғайраро дар бар мегирад.

Мусаллам аст, ки забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) аввали солҳои ҳаштодум бо аксар корҳои таҳқиқотии забоншиносон ва файласуфони амрикоӣ ба монанди Георге Лакофф, Марк Ҷонсон, Роналд Лангаккер ва Леонард Талми ба вуҷуд омадааст. Дар солҳои охир забоншиносии шинохтӣ ҳамчун як бахши мустақили илм дар соҳаи илми шинохтӣ ба миён омад, ки тавассути он оид ба омӯзиши маърифат ва дарки олами атроф таҳқиқотҳо торафт бештар ба роҳ монда шуданд. Ҳадафи забоншиносии шинохтӣ ин омӯзиши баёни фикр, қабули нутқ, азхудкунии забон ва дигар вазифаҳои дарку маърифат ва инчунин таҳияи назарияҳои расмӣ дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда мебошад [126, с. 5].

Истилоҳи «когнитивӣ», ки дар забоншиносии шинохтӣ муҳим арзёбӣ мегардад, самти мушаххаси забоншиносии мазкурро муайян мекунад. Дар илми забоншиносӣ он бо истилоҳи «когнитио» маъмул аст, ки чун анъанаи ғарбӣ мисли бисёр мафҳумҳои дигар истилоҳи «когнитио» аз забони юнонӣ (gignoskein) ва ё лотинӣ (cognoscere) гирифта шуда, маъноиш «маърифат», «шинохтан», «донистан», «дарк кардан» мебошад. Шинохтан ва ё худ дарк кардан тавассути дарки ҳиссӣ ва равонӣ, яъне тавассути худмушоҳидакунӣ ба даст меояд. Зери истилоҳи «забоншиносӣ» умуман илме фаҳмида мешавад, ки бо тавсифи забонҳои табиӣ сарукор дорад [126, с. 9]. Аз ин бармеояд, ки забоншиносии шинохтӣ самти нави забоншиносии муосир буда, дар забоншиносии тоҷик низ мақоми худро касб намудааст. Аз рӯйи ақидаи забоншиноси тоҷик С. Қ. Матробиён самти забоншиносии мазкурро дар забони тоҷикӣ ҳамчун «забоншиносии шинохтӣ ё маърифатӣ» номгузорӣ кардан бамаврид аст. Зеро забоншиносии шинохтӣ (ё маърифатӣ) масъалаҳои муносибати забон ва шуур, нақши забон дар дарки муҳити атроф ва раванди маърифатии инсонро меомӯзад [69, с.74].

Мақсади забоншиносии шинохтӣ аз он иборат аст, ки маҳсул ва дарки забон, яъне азхудкунии забон аз дигар вазифаҳои маърифатӣ дар канор набошад [126, с. 5]. Шуури ҷамъиятии инсон асосан ба воситаи забон дастрас мегардад. Ба монанди дигар дурнамоҳои назариявии забоншиносӣ дар забоншиносии шинохтӣ низ сухан дар бораи забони табиӣ ва вазифаи он меравад.

Ба ақидаи Н. Хомский яке аз қобилиятҳои салоҳиятноктарини қобилияти забондонии шахс ин дарк карда тавонистани ибораҳои бисёрмаъно мебошад. Ҳар як забон дорои мақолу зарбулмасал ва воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Мақолу зарбулмасал ва воҳидҳои фразеологӣ ба таври маҷозӣ вазъиятҳоеро тасвир мекунанд, ки метавонад барои як халқ аҳамиятнок ва барои халқи дигар беаҳамият бошад.

Мувофиқи ақидаи забоншинос В. П. Белянин азхудкунии забон дар раванди рушди ҳайёти иҷтимоии шахс нақши ҳалкунандаро мебозад. Азбаски забон худ аслан ҳодисаи ҷамъиятӣ аст, дар худ барои ҳар як шахси алоҳида таҷрибаи ананавии ҷомеаро нигоҳ медорад. Забон шуури кӯдакро ба чорчӯбаи таҷрибаи ҷамъиятӣ дохил мекунад ва воситаи мустаҳкам намудани ӯ дар ҷамъият мебошад [10, с.96].

Аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ тасаввуроту ҷаҳонбинии моро асосан забон ғизо медиҳад. Ин масъала бо қобилиятҳои маърифатии инсон асоснок карда мешавад.

Ҳамин тавр, забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ забонро ҳамчун ҷузъи ҳамгироии ҷараёнҳои умумии равонӣ ва маърифатӣ таҳқиқ намуда, се масъалаи умумиро баррасӣ мекунанд: а) амали забонӣ – ҳамчун як ҷузъи тафаккур ва маърифати инсон; б) нутқ – масъалаи муҳимми равонӣ ва маърифатӣ; в) баёни андеша дар қолаби сохтори синтаксисӣ. Ҳамчунин, масалаҳои зеринро ба монанди сохти маъно, асосҳои маърифатии забон, дарки консептҳои абстрактӣ, нақши грамматика дар сохти маъно, таъсири забони шифоҳӣ барои дарки ҷаҳон, истифодаи маъно дар ҷумла ва матн, фаҳмидани матн, забоназхудкунии кӯдак, муносибати забон ва имову ишора

ва ғайраро низ дар бар мегиранд. Барои дарки калима на танҳо таърифи онро донистан зарур аст, балки дар бораи шакл, мақсад ва тарзи истифодаи он маълумот доштан муҳим аст, ки ин албатта таҷрибаҳои бевоситаи худи шахс ба ҳисоб меравад.

1.3. Узвҳои ҳис ҳамчун унсури муҳими забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ

Файласуфи асри XVII Руне Декарт таъкид намудааст, ки тани инсон зарфе барои руҳи ӯ аст. Тан маълумотро аз ҷаҳони беруна ба воситаи қобилияти шинохти руҳ мегирад ва мувофиқи хоҳиши худ амалу рафтор мекунад. Тан на танҳо воҳиди физикӣ аст, ки равандҳои биологӣ ӯро танзим мекунанд, балки барои дарки ҷаҳон, таҷриба ва ба даст овардани дониш нақши асосиро мебозад. Агар тани мо омӯхтани ҳаётро маҳдуд кунад ва ё ҳамзамон имкони бештар диҳад, аз ин бармеояд, ки забони мо аз ин маҳдудияту имконият бетаъсир намемонад. Ҳамчун мавҷудоти ҷамъиятӣ мо мехоҳем ба дигарон хабар диҳем, ки чиро медонем ва чиро аз сар гузаронидем. Аслиҳаи мо барои ин, пеш аз ҳама, забон аст. Инсон бо ёрии тани худ ба ҷаҳон ворид мешавад ва онро меомӯзад: «Тани мо ба мо имконияти гирифтани таҷрибаи ҳаётро медиҳад ва ҳамзамон онро маҳдуд мекунад. Яъне, тани мо ба нутқи забонии мо таъсири калон дорад» [137, с. 48].

Ба шарофати он, ки пӯсти мо хело маҳин аст ва бо ёрии торҳои асаб мо метавонем тағирёбии ҳароратро ҳис кунем, аз ҳамин сабаб мо дар забони худ мафҳумҳои *сӯзон, гарм* ва *хунукро* истифода мекунем. Ин мафҳумҳо нақши тани моро дар тафаккур ва забон аён месозанд ва моро ба назарияи диққат мебаранд. Мафҳуми «диққат» ҳамкории байни майна, тан ва муҳити физикии атрофро мепайвандад. Бӯй тавассти бинӣ ҳис мешавад ва вобаста ба хусусияташ мо сифатҳои хуб, нағз, форам, бад, ғализ ва ғайраро истифода мебарем. Ҳамин тавр, таҷрибаҳои мо аз шакл ва ҳаракати тани мо таркиб ёфтааст. Ҳамаи он чизе, ки мо дар бораи ҳақиқати беруна медонем, тавассути

фаъолияти тани мо ба зеҳни мо ворид мешавад. Дигар мисолҳои равшанро барои падидаи зеҳн консептҳои *ранг* ва диққати *фазову макон* ифода мекунанд. Мо рангҳо, сифати инъикоси объектҳо ва нурҳои электромагнитиро тавассути узвҳои чашм ва майнаи сар дарк мекунем. Дар ҳамин поя консептҳои ранг ба вуҷуд меоянд. Бисёрии ҳайвонот ба монанди гурба, саг ва ё мушҳои паррон рангҳоро нисбат ба мо дигар хел мебинанд, барои он ки сохтори узвҳои ҳисси онҳо дигар аст. Аз баррасиҳо маълум мегардад, ки инсон дар пояи қобилиятҳои маърифатӣ, диққат ва зеҳни худ тасвири субъективии ҷаҳони худро месозад [137, с. 114].

Мувофиқи андешаи мутафккирони соҳаи забоншиносӣ инсон як узви табиат ва ҷамъият мебошад. Тани инсон, аз як тараф ба худи ӯ ва аз тарафи дигар, ба ҷаҳон тааллуқ дорад. Яъне, тани мо ба худи мо тааллуқ дорад, аммо дар навбати худ ӯ як объекте мебошад, ки ҳам дарк мекунад ва ҳам аз тарафи дигарон дарк карда мешавад. Мо ба воситаи тан ҷаҳонро мегардему мешиносем. Дарки тани инсон асос барои роҳнамоии ӯ дар макон мебошад. Аз ин рӯ, мо инсонҳо худро ҳамчун маркази ҷаҳон дарк мекунем ва ҳама чизҳоро дар атрофи худ дар робита бо тани худ таҷриба мекунем. Чунин «ҷаҳонбинии эгомарказӣ дар забони мо низ инъикос ёфтааст» [140, с. 6].

Инсон бо узви забон муҷаҳҳаз аст ва бо ин хусусият вай аз тамоми мавҷудоти зинда фарқ мекунад. Аз ҷумла, инсон бо «барномаи маърифатӣ» муҷаҳҳаз аст, ки бисёр таассуротҳои ҳиссиётиро ба таври худкор ба категорияҳои муайян ба тартиб медарорад» [141, с. 167]. Агар мо хотираро бо маънои маҷозӣ ҷевон гӯем, маълумотҳое, ки мо бо роҳҳои гуногун аз ҳар самт қабул мекунем, дар ин ҷевон як намуд ҷобаҷо гузошта мешаванд. Агар маълумотҳои қабулкардаи мо дуруст ҷобаҷо гузошта нашаванд, сабт ва дар вақти даркорӣ истифодаи онҳо ғайриимкон мегарданд. Барои равшан гаштани гуфтаҳои боло, мақоли зеринро «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» мисол овардан бамаврид аст.

Инсон дар ҷараёни зиндагии худ вобаста ба ҳодисаҳои табияту ҷамъият ва муҳити атроф соҳиби маърифати муайяне мегардад, ки ин

натиҷаи фаҳмишу дарки олами атроф мебошад ва аз ҷониби инсон ба воситаи узвҳои ҳис амалӣ мегардад. Узвҳои ҳис дар ҳаёти инсон нақши асосию муҳимеро мебозанд, ки бидуни он инсон зиндагӣ карда наметавонад. Яке аз вазифаҳои асосии узвҳои ҳис аз он иборат аст, ки он барои мувофиқшавӣ ба муҳити атроф, дарки ашё ва падидаҳо аз нуқтаи назари эҳтиёҷ доштан ва надоштан ба онҳо, фоиданокӣ ва зарарнокии онҳо ёрӣ медиҳад. Ҳиссиётро метавон бо тарзҳои гуногун гурӯҳбандӣ кард, яъне мусбат, манфӣ, форам, нофорам, биологӣ, руҳӣ ва ғайра. Ба ҳиссиёти мусбат: *хурсандӣ, қаноатмандӣ, кайфият, ваҷд, мафтунӣ, ифтихорӣ, такаббурӣ, аз худ қонеъ будан, боварӣ, дилпуррӣ, эҳтиром, таваҷҷуҳ доштан, навозиш, ишқ, мутаассирӣ, дилсӯзӣ, ғамхӯрӣ, сипосгузорӣ, виҷдон, осудагӣ, ҳолати бехатарӣ, лаззат бурдан* ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба ҳиссиёти манфӣ: *парешонӣ, беҳолӣ, ғаму ғусса, зиқӣ, ҳасрат, андӯҳ, маъюсӣ, ноумедӣ, алам, ваҳм, воҳима, даҳшат, таассуф, дарег, озор, ранҷиш, озурдахотирӣ, озурдагӣ, нафрат, қаҳр, ғазаб, ошӯб, душманӣ, кина, буғз, адоват, рашк, нобоварӣ, пушаймонӣ, шармгинӣ, тамасхур, бетоқатӣ, нафрат* ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ муайян мекунанд, ки забон асоси қобилияти зеҳнӣ ва маърифатии инсонро дар бар мегирад. Қобилияти маърифатии инсон ин раванди азхудкунии шинохтӣ мебошад, ки аз қабули маълумот, коркард, захира ва ба кор бурдани он иборат аст [137, с. 121]. Ба қобилияти шинохтии инсон дарк, мантиқ, тасаввурот ва дигар хусусиятҳои маърифат дохил мешаванд. Дар ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки чӣ тавр баён кардани нутқ аз тан низ вобастагии калон дорад.

Ҳамаи маълумотҳое, ки бо нутқи забонӣ баён карда мешавад, қисман дар хотира захира мешавад. Хулоса, инсон хаёл мекунад ва ҳодисаю саргузаштҳояшро дар хотирааш нигоҳ медорад. Дар натиҷа соҳиби таҷрибаи ҳаёт мешавад. Масалан, чеҳраи шиносу хешу таборон, амалу рафтори шахс, сухан, овоз, мусиқӣ, мазза, бӯй ва ғайраҳо дар хотир нигоҳ дошта мешавад. Барои дар хотир нигоҳ доштани саргузашту ҳодисаҳо ва маълумотҳо узвҳои

ҳис нақши калон доранд. Ҳамаи ҳодисаҳое, ки инсон аз сар мегузаронад ба забони ӯ таъсир мерасонад. Аз ин бар меояд, ки забон доимо фаъолона коркард мешавад.

Дар иддае аз таҳқиқотҳои илмӣ исбот шудааст, ки барои коркарди пурраи забони инсонӣ қобилиятҳои муайяни зеҳнӣ, равонӣ ва маърифатӣ зарур аст. Ба онҳо, пеш аз ҳама хотира, ки дар он таҷрибаи рӯзгори одам захира шудааст ва ба он дарки фаъол бо таваҷҷуҳи ҳадафнок дохил мешавад. Азбаски забон асосан барои муошират хизмат мекунад, омилҳои иҷтимоиву эҳсосии инсон низ нақши асосиро мебозанд. Барои баёни фикр ва ё фаҳмидани нутқи забонӣ, мо бояд тавоно бошем, яъне қобилияти забондонӣ дошта бошем, ҳам забонро хуб донем ва ҳам таҷрибаҳое, ки асосан натиҷаи раванди омӯзишанд, захира кунем ва дар вақти зарурӣ истифода намоем. Зеро муоширати забонӣ ҳамеша аз фаъолсозии забон ва васеъ кардани дониш асос ёфтааст. Бидуни ҷаҳонбинӣ ва забондонӣ мо на фикрамонро баён карда метавонем ва на нутқи каси дигарро фаҳмида метавонем [119, с. 36].

Асосан забоншиносии шинохтӣ барои омӯзишу таҳқиқи маърифат, шинохт ва дарки инсон масъул аст. Аммо азбаски аксари ҷузъҳо ё модулҳои маърифат барои забоншиносии равонӣ низ аҳаммияти муҳим доранд, ҳам забоншиносии шинохтӣ ва ҳам забоншиносии равонӣ ба таҳқиқи онҳо манфиатдор мебошанд.

Ҳамин тавр, дарк, яъне қабули иттилоот, ба мисли шунидан ё хондани маълумоти забонӣ, хотира, яъне нигоҳдории маълумотҳои даркшуда ва ҷустуҷӯи иттилоот, масалан барои баёни фикр, шартҳои асосии муошират забонӣ мебошанд. Аз ҷумла, омӯзиш, яъне азхудкунӣ яке аз қобилиятҳои маърифатии инсон аст. Ҳамаи ин равандҳо каму беш огоҳона ҷараён мегиранд. Дар ҳамаи ин равандҳо, иттилоот сабт, захира ва ё ҷустуҷӯ мешавад, яъне маълумот мунтазам коркард мешавад.

1.4. Мавқеи *консепт* дар забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ

Ба шарофати торафт афзудани муносибати илмҳои ба ҳам алоқаманд дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти илм имкон пайдо шуд, то ки масъалаҳои забон бо як диди нав омӯхта шавад. Дар аввал масъалаи *консепт* танҳо дар фалсафа баррасӣ мегашт ва баъдан ин мавзуъ ба забоншиносӣ низ ворид гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тасвири ақлию равониро одатан *консепт* меноманд. Консепт воҳиди муҳимест, ки мавриди таваҷҷуҳи асосии забоншиносон қарор гирифтааст. Консепт аз калимаи лотинӣ «conceptus» гирифта шуда, дар «Фарҳанги тафсирӣ»-и Дуден[221] бо маъноҳои *лоиҳа*, *нақша* ва *барнома* шарҳ дода шудааст.

Истилоҳи «консепт» дар илми забоншиносӣ истилоҳи нав нест. Як гурӯҳ мутафакирони рус, аз ҷумла Н. Д. Арутюнова, А. П. Бабушкин, С. Г. Воркачев, Е. И. Зиновтсев, В. В. Колесов, Е. С. Кубрякова, Д. С. Лихачев, М. В. Пименова, Ю. С. Степанов ва дигарон доир ба ин масъала андешаронӣ кардаанд. Аз олимони ватанӣ бошад забоншиносон А. Мамадназаров, З. Мухторов, С. Қ. Матробиён, , М. Маҳмудзода, М. Давлатмирова, З. Ҷ. Мирзоева, С. С. Раҳимӣ, З. Гулова, М. Мамедова, М. Имомзода, Д. Азиззода ва дигарон истилоҳи консептро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд. Новобаста аз ин, дар илми забоншиносӣ то ҳол таърифи муайян ва ягонаи истилоҳи *консепт* вуҷуд надорад. Ба мафҳуму истилоҳи «консепт» С. А. Асколдов диққати махсус додаст ва онро дар мақолаи худ «Консепт ва калима» таҳлил намуда, истилоҳи зеринро чунин шаҳр додааст: «Консепт як шакли тафаккур мебошад, ки дар раванди фикрронӣ маҷмуи номуайяни мафҳумҳоро дар тафаккури мо ҷой медиҳад» [6, с. 84]. Доир ба «консепт» дар самтҳои забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ корҳои таҳқиқотии зиёде ба анҷом расидаанд.

Ба андешаи бештари олимон *консепт* инъикосгари донишҳо ва ақидаҳоест, ки дар шуури инсон, дар раванди дарки муҳити атроф аз тарафи ӯ таҷассум ёфтааст. З. Д. Попова ва И. А. Стернин қайд менамоянд: «Консепт воҳиди номуттасили зеҳнӣ буда, шакли банизомдаровардашуда дорад. Он

натиҷаи фаъолияти маърифатии шахс ва ҷамъият буда, маълумоти умумӣ ва энсиклопедиро доир ба ашё ё падидаи таҷассумёфта дар бар мегирад ва муносибати шуури ҷамъиятиро нисбати ин ашё ва падида нишон медиҳад» [84, с. 24].

Консептро бо ягон тасвири визуалӣ муқоиса ва ё тассаввур кардан ғайриимкон аст. Бисёр калимаҳо ба мисли *фикр, ғавғо, шӯр, нафрат* ва ғайраҳо ба категорияи объектҳои нонамоён дохил мешаванд. Ҳатто категорияҳои чизҳои намоён, масалан консепти «*саг*» ҳеҷ гоҳ намуди берунаро мушаххас нишон намедиҳад. Консепти *саг* дар бораи ҳамаи хислат ва намуди сагҳо, ки мо бо онҳо сарукор дорем, маълумоти мушаххас дода наметавонад, яъне *саги хонагӣ, саги посбонӣ, саги чӯпонӣ, саги шикорӣ, саги кӯр* ё ҳамчун ҳайвони хатарнок, ки ҳамла карданаш мумкин, ба мо маълум нест. Чи тавре ки дар майнаи сар шакли овозии калимаи «саг», яъне консепти «саг» ҷойгир шудааст, ҳанӯз ҳама чизро шарҳ намедиҳад: чизҳои бешуморе мавҷуданд, ки ба тасвири ақлию равонӣ дахл доранд [139, с. 25].

Мувофиқи ақидаи забоншиносон Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс *консептро* метавон ҳамчун «тасаввурот дар бораи чигунагии чизе, ки дар ҳақиқат аст» [140, с. 44] шарҳ дод. Аммо консепт ба тамоми маҷмуи воҳидҳои фикр дахл дорад: консепти «*сабзавот*» танҳо ба як ашё дахл надорад, балки маҷмуи навъҳои алоҳидаи сабзавотро дар бар мегирад. Ҳар вақте ки мо ягон чизро дарк мекунем, онро фавран ба категорияҳо ҷудо мекунем. Масалан, вақте ки мо аз ягон ҷой мусиқиеро мешунавем, онро ҳамчун як намуди муайяни мусиқӣ ба мисли *фалак, шашмақом, поп, хип-хоп, рок-рол, классикӣ* ё дигар намудҳои мусиқии ба мо шинос ҷудо мекунем. Воқеияти мо ҳеҷ вақт як «воқеияти ҳақиқӣ» нест, балки он бо таснифот, гурӯҳбандӣ, дарк, дониш, муносибат ва ақида дар кӯтоҳтарин муддат бо таҷрибаи инсонии мо муайян карда мешавад [140, с. 15].

Категорияҳои консептуалӣ ифодаи худро дар забон на танҳо тавассути воҳидҳои лексикӣ, балки ба воситаи категорияҳои грамматикӣ низ пайдо мекунанд. Барои равшан гаштани ин масъала мо ҷумлаҳои зеринро дар

забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ муқоиса мекунем, ки категорияҳои грамматикии гуногун мушоҳида мешаванд.

а) Sieh dir nur diesen Regen an! *Танҳо ба ин борон нигар!*

б) Sieh nur, wie es regnet! *Бубин, ки чӣ тавр борон меборад!*

в) Heute und morgen ist es regnerisch. *Имрӯзу пагоҳ ҳавои боронӣ аст.*

Дар ҳар се ҷумлаҳои мисоловарда ҳамон як категорияи лексикии «борон» ҳамчун категорияи гуногуни грамматикӣ, яъне ҳиссаҳои гуногуни нутқ (а) «борон» (исм), (б) «борон меборад» (феъл) ва (в) «боронӣ» (сифат) истифода шудааст. Мазмуни консептуалии категорияи лексикӣ одатан доираи васеи ҳолатҳои алоҳидаи истисноиро дар бар мегирад. Масъалан, навъҳо ва вазифаҳои гуногуни *гулдонҳоро* мисол меорем. *Гулдонҳо* метавонанд аз ҷиҳати шаклу андоза гуногун, яъне калон, борик ва дароз ё ҳатто хурд ва васеъ бошанд. То он даме ки мо гулҳоро ба гулдонҳо гузошта метавонем, одатан мо онҳоро ҳамчун гулдон ба категория ҷудо мекунем. Мо дар ин ҷо танҳо як категорияи грамматикиро баррасӣ хоҳем кард: ҳиссаҳои нутқ. Ҳар як ҳиссаи нутқ категорияи худро ифода мекунад. Вобаста ба таърифи ҳиссаҳои нутқ аз ҳашт то даҳ ҳиссаи гуногуни нутқро дар забони олмонӣ фарқ кардан мумкин аст: исм, ҷонишин, артикл, феъл, сифат, зарф, пешоянд, ҳиссача, пайвандак ва нидо [140, с.19]. Дар забони тоҷикӣ миқдори ҳиссаҳои нутқ чун забони русӣ 10-то мебошад.

Дар раванди омӯзиши *консепт* ҳар як муҳаққиқ ба мушкилоти муайян кардани муносибати *консепт* бо *калима* ва *маънои калима* рӯ ба рӯ мегардад, ки он яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар раванди омӯзиши *консепт* маҳсуб меёбад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки *калима* як воҳиди забоние буда, дар он иттилооти бесарҳад маҳфуз аст ва ҳар лаҳза метавонад маъноҳои гуногунро қабул кунад. Ба андешаи мо *маъно* ин як нишона, ифода ва ё баёни забоние мебошад, ки дарки калимаро имконпазир мекунад. Масъалаи *мафҳум* ва дарки он низ дар таърихи фалсафа як баҳси беохир боқӣ мемонад. Мувофиқи ақидаи фалсафӣ *мафҳум* ин фаҳмиш ва ё дарки калима мебошад.

Дар бунёди луғавии ҳар як забон ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷамъиятии инсон таҷассум ёфтааст. Чӣ қадаре ки бунёди луғавӣ ғанӣ бошад, ҳамон қадар забон низ ғановатманд аст. Олими олмонӣ Й. Л. Вайсгербер забонро як категорияи таърихӣ номида, таъкид намудааст: «Забон доимо дар ҳоли тағйирёбӣ аст. Бунёди луғавӣ нисбат ба системаи грамматикӣ бештару зудтар инкишоф меёбад ва доимо беист дар тағйирот аст» [16, с. 11]. Дар забон тадриҷан калимаҳои нав пайдо шуда, баъзе калимаҳо оҳиста-оҳиста кӯҳна шуда, камтар кор фармуда мешаванд, батадриҷ аз байн мераванд [144, с. 51].

Назарияҳо, ғояҳо, ақидаҳо, арзишҳо, мулоҳизаҳо, тасаввуротҳо ва ғайра маҳсули ҳаёту таҷрибаи иҷтимоӣ мебошанд. Аз ҳамин сабаб, «калима, ҳамчун таҳкурсии асосии воҳидҳои зикршуда, воситаи ифодаи фикр, ният ва эҳсос мебошад» [144, с. 12].

Мувофиқи ақидаи забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин калима дорои муносибатҳои семантикӣ ва ҳамсоягӣ мебошад. Ҳар касе, ки бо ин ё он забон ҳарф мезанад, медонад, ки як калима бо калимаҳои дигари лексикаи зеҳнӣ бо шаклҳои гуногун паиҳам омадаанд, яъне ҳамсоягӣ доранд. Ҳар як соҳибзабон бидуни фикри зиёд ба хулоса омада метавонад, ки калимаи «бародар» назар ба калимаи «санг» бештар ба калимаи «хоҳар» наздик аст [141, с. 38].

Ҳар калима мафҳуми алоҳидаро мефаҳмонад. Калимаҳо пеш аз ҳама бо маънои луғавӣ, сохти морфологияшон муайян карда мешаванд. Аз ҳама воҳидҳо барои забон ҳамчун воситаи мубодилаи афкори аъзои ҷамъият ҷумла ва калима аҳаммияти махсус доранд. Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик «Забон, ки бевосита бо тафаккур алоқаманд аст, натиҷаҳои кори тафаккур, муваффақиятҳои кори донишҳосилкунии инсонро дар калимаҳо ва боҳампайвандии калимаҳо дар ҷумла қайд ва мустаҳкам мекунад ва ба ҳамин тариқ дар ҷамъияти инсонӣ мубодилаи афкорро имконпазир мегардонад» [30, с. 5].

Бояд қайд кард, ки бештари калимаҳо дар забон сермаъно мебошанд. Асосан маънои аслии калима ин шарҳи шакли мавзуе мебошад, ки бо он

калима дар нутқ истифода бурда мешавад. Маънои калима метавонад тағйир ёбад. Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки *маъно* ин тасвири ақлию равонӣ мебошад, чунончи: «Дар омӯхтани забон алоқаи байни якдигарии маънои грамматикӣ ва лексикиро ба назар гирифтан зарур аст» [30, с. 4].

Мувофиқи ақидаи забоншиносон А. Искос ва А. Ленкова маънои калима ифодаи мафҳум мебошад [132, с. 16]. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми маъноии забон маъниҳо нисбат ба миқдори калимаҳо бештаранд. Дар робита ба ҳамин андеша мо метавонем калимаи «себ»-ро мисол орем. Замоне, ки мо калимаи *себ*-ро мешунавем, мевае пеши назар меояд, вале вобаста ба ҷумла ва ё матн, метавонад дар зери мафҳуми калимаи «себ» *дарахти себ* қарор дошта бошад. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки *себ* дорои маъниҳои *мева* ва *дарахт* мебошад. Ин ҳодисаи забониро дар ҷумлаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Себ ширин аст.

Себҳо гул кардаанд.

Забоншиносони тоҷик оид ба масъалаи мазкур таъкид мекунанд: «Одитарин мисоли сермаъно будани калима худи калимаи «забон» мебошад, ки аз як тараф, мо ҳамчун узви холигии даҳон мефаҳмем, аз тарафи дигар, ҳамчун қобилияти гап задан, ифода намудани фикр тасаввур мекунем ва ғайра. Сермаъно гардидани калима дар натиҷаи ба мафҳуми маълум дарҷ кардани маънии муайяне ба вуҷуд меояд. Дар сермаъноии калима мо ҷиҳати дигареро низ мебинем. Гап дар бораи маънии аслӣ ва маҷозии калима меравад, ки дар луғатҳои тафсирӣ одатан маънии маҷозӣ махсус ишора карда мешавад. Табиист, ки маънии маҷозӣ баъд аз маънии аслӣ меояд, зеро бе маънии аслӣ маънии маҷозӣ вуҷуд дошта наметавонад» [30, с. 21]. Ғайр аз ин, дар ҳар як забон калимаҳое ҳастанд, ки мафҳумҳои хаёлию абстрактиро ифода мекунанд. Чунин мафҳумҳо танҳо дар тахайюлоти инсон пайдо мешаванд. Моро зарур аст, ки пеш аз ҳама, мафҳумро аз калима фарқ карда тавонем.

Тибқи ақидаи забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин *мафҳум* як навъи хоси *консепт* мебошад. Маънии калима ин иттилооте мебошад, ки ба воситаи *мафҳум* ифода карда мешавад. Масалан, агар маънои калимаи «*мурдан*» аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан, яъне ин ҳаётро тарк кардан бошад, маънои «кушта шудан» бо сабабгории каси дигар ба вуқуъ мепайвандад [141, с. 36]. Маънии калима бо мафҳуми калима вобаста аст.

Мафҳум ва муносибати он бо калима масъалаи дигаре аст, ки мавриди баҳси забоншиносон қарор дорад.

Оид ба мафҳум забоншиносони тоҷик чунин ақида пешниҳод мекунанд: «Мафҳум категорияи фикр аст, ки ба аломатҳои асосии ашё, ҳодисаҳо умумият медиҳад, яъне мафҳум дар калима ба воситаи маънои он зоҳир мешавад. Мафҳум ашёро ба доираи маълуми ҳодисаҳо ҷойгир мекунад, масалан, мо мегӯем: *асп ҳайвон аст, бед дарахт аст*. Бо вуҷуди ин, мо гуфта наметавонем, ки маънии калимаи *бед* дарахт аст. На ҳамаи калимаҳои забон дар худ мафҳуми ташаккулёфтаи мантиқӣ доранд, вале ҳамаи онҳо бе истисно дорои ягон маънӣ мебошанд. Ин хулоса на танҳо ба калимаҳои мустақилмаъно, балки ба калимаҳои ёридиҳанда низ тааллуқ дорад. Масалан, агар аз ин нуктаи назар калимаи ҳиссачаи «*ку*»-ро дида бароем, ба ҳамин хулоса меоем, ки вай албатта маънии муайянеро ифода мекунад, аммо гуфтан мушкил аст, ки ҳиссачаи «*ку*» дорои ягон мафҳуми умумии мантиқӣ бошад. Ҳатто дар калимаҳои «ман», «ту», «ӯ», «Аҳмад», «Ҳалима», ки ҳар кадоми онҳо маънии муайян доранд, аз нуқтаи назари мантиқ мафҳуми умумӣ нестанд. Пас, чунин хулоса бароварда метавонем, ки на ҳамаи калимаҳо мафҳумҳои умумиро ифода мекунанд, гарчи ҳамаи онҳо дорои маънӣ мебошанд» [30, с. 19]. Аз рӯи ақидаи забоншиносони маъруф А. Искос ва А. Ленкова «мафҳум инъикоси умумии воқеият ва тасаввурот дар бораи ашё мебошад» [132, с. 14].

Андешҳои муҳаққиқони тоҷик ва олмониро ба назар гирифта, ба хулосае меоем, ки *мафҳум* як тасаввуроти муайяне мебошад. Он вобаста ба нишонаҳои умумӣ ва аслии ашё ё гурӯҳи ашёҳо бо воситаи воҳиди забон

ифода карда мешавад. Агар *мафҳум* бе шакли овозии забон вуҷуд дошта бошад, дорои маъною мазмуни калима буда наметавонад. *Мафҳум* дар калима ҳамчун маъно арзи вуҷуд дорад. Маъно мазмуни калима мебошад. Бояд қайд кард, ки *мафҳум* ва *калима* категорияҳои гуногун мебошанд. Мафҳум категорияи мантиқие мебошад, ки вобаста ба қонунҳои худ инкишоф меёбад, аммо калима бошад категорияи забонӣ буда, зери қонунҳои забон қарор дорад. Забоншиносон Ралф Пурингс ва Улрих Шмитс доир ба маъно ва мафҳум ақидаи худро баён намуда, зикр мекунанд, ки як мафҳум метавонад бо воситаи воҳидҳои гуногуни лексикӣ ифода карда шавад [140, с. 51].

Ҳамин тавр, ба ақидаи забоншиноси бузург Владимир Адмони мо ҳам мувофиқ буда, бар он андешаем, ки *маънои калима* ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад, *мафҳум* бошад маҳсули сунъӣ мебошад. Маъноҳо мисли худи забон кӯҳнаанд, мафҳумҳо бошанд аз таърихи инсоният қадимтар нестанд. Мазмуни умумии грамматикии мафҳум, ки маънои лексикии ҳар як исмро ифода мекунад, маънои ашё мебошад. Ҳар як мафҳум ва ҳар як тасаввурот, ки дар шакли исм ифода ёфтааст, ҳамчун ашё ва модда фаҳмида мешавад. Маънои лексикии исм метавонад бо маънои грамматикии исм мувофиқат кунад. Ин вақте рӯй медиҳад, ки исм бевосита мафҳуми ашёро дар маънои васеи калима ифода мекунад: *дарахт, гурба, шаҳр, мактаб, ҷомеа, Аҳмад* ва ғайра. Аммо маънои лексикии исм метавонад ба маънои грамматикии исм мухолифат кунад. Ин вақте рӯй медиҳад, ки агар исм бевосита мафҳуми ашёро не, балки мафҳуми раванд, сифат ва ё муносибатеро ифода кунад: *ҳаракат, сурхҳо, муҳаббат* ва ғайра [146, с. 87]. Натиҷаҳои омӯзиш нишон медиҳанд, ки дарку истифодаи дурусти калима бо ин ё он маънӣ аз хуб донистани забон, таърих, фарҳанг, урфу одат ва дигар хусусиятҳои халқу миллат вобаста аст. Аммо *мафҳум* ин тарҷумаи *консепт* нест. Доир ба ин масъала андешаҳои забоншиносони тоҷик ва хориҷӣ ба чоп расидаанд.

Масъалаи муносибати *калима, маъно, мафҳум* ва *консепт* яке аз масалаҳои баҳсталаби илми забоншиносии муосир ба шумор рафта, марбут

ба ин масъала фикру ақидаҳои гуногун ва мухталиф вуҷуд доранд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳарчанд истилоҳи «консепт» дар бештари фарҳангҳо ҳамчун «мафҳум» тарҷума шудааст, байни ин ду истилоҳ баробарият дар маъно, таркиб ва тарзи истифода дида намешавад. Истилоҳи *консепт* дар илмҳои мантиқӣ, математикӣ, забоншиносии фарҳангӣ ва шинохтӣ омӯхта мешавад, аммо истилоҳи «*мафҳум*» дар илми мантиқ ва фалсафа таҳқиқ мегардад.

Масалан, зери мафҳуми *консепти* «асп» мавҷудияти калимаҳои «байтал», «той», «аспи сафед», «аспсаворӣ кардан», «ҳингирос задан» ва ғайраҳо дар назар дошта мешавад. Шояд, ки консепти «асп» танҳо як маротиба дар системаи маърифатӣ нигоҳ дошта шавад [142, с. 209].

Профессор Рей Ҷекендофф – файласуф ва забоншиноси амрикоӣ семантикаи консептуалиро зери омӯзиш қарор додааст. Ба ақидаи ӯ маъноҳои консептҳо дар системаи маърифатии мо, яъне дар майнаи сари мо муаррифӣ шудаанд.

Клаус ба хона рафт.

Рей Ҷекендофф ҷумлаи дар боло мисоловардаро ба таври зайл таҳлил мекунад: яъне, феъли «рафтан» ба ақидаи ӯ як консепти одӣ барои ҳаракати ашёе мебошад, ки дар роҳ, яъне дар ҳаракат аст. Ба андешаи ӯ консепти «рафтан» як далели ашё ва роҳ мебошад. Исми «Клаус» муаррифгари далели ашё мебошад. Далели *роҳ* ин калимаҳои «*ба*» ва «*хона*» мебошанд, ки мақсади роҳро муайян мекунад. Хулоса, дар ҷумлаи зерин **ҳодиса, натиҷа, раванд, ашё, шахс, шумора, ҳаракат, амал, ҳолат, макон, замон, мақсад ва сифат** дида мешавад. Ғайр аз ин Клаус **шахс, мард, соҳиби дучарха, падар, дорои машғулиятҳои дӯстдошта** ва ғайра буда метавонад.

Дар се даҳсолаи охир соҳаи нави илм равоншиносии шинохтӣ ё худ илми шинохтӣ (когнитология), забоншиносӣ ва махсусан илми семантика рушд кард, ки ин сабабе барои пайдоиши самти алоҳидаи забоншиносӣ, яъне забоншносии шинохтӣ гардид. Илми шинохтӣ фаъолияти равонии инсон, қабули маълумотҳои беруна тавассути узвҳои ҳис, коркарди маълумотҳои

гирифташуда, муқоиса бо маълумотҳои қаблӣ, ҷобаҷогузории маълумотҳо, нигоҳдоии онҳоро дар хотира ва ғайраро меомӯзад. Илми маърифатӣ сохтори миқдори зиёди иттилоотро дар майнаи сари инсон, яъне дар «системаи маърифатӣ» ва тарзи истифодаи онҳоро дар тафаккур баррасӣ мекунад. Дар ҳамаи ин назарияҳо забон нақши марказиро мебозад [142, с. 254].

Гурӯҳбандӣ як мафҳуми асосии илми забоншиносии шинохтӣ мебошад. Вақте ки одам ба хонае медарояд, зуд медонад, ки дар хона чӣ ҳаст. Масалан, мизу курсиҳо, радио, растаниҳо, дӯстон, хӯрокҳо, шароб ва чизҳои дар айни замон мавҷудбударо метавон дарк кард. Дар вақти муошират бо дигарон метавон дӯстон, шакли рӯйҳо, амалҳо ва фаъолиятҳоро шинохт. Ҳангоми хондан ҳарфҳо ва калимаҳоро шинохта мешавад. Гурӯҳбандӣ на танҳо тавассути чашм, балки тавассути ҳамаи узвҳои ҳис ба вуқуъ мепайвандад. Овозҳо ва садоҳои ҳайвонот, ашёҳо, садоҳои нутқ, бӯйҳо, маззаҳо, ҳиссиётҳо, ҳаракатҳои физикӣ, саргузаштҳо, хотираҳо ва ғайра гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Он чизҳое, ки мо дарк ва тасаввур мекунем ё ба хотир меорем, ҳамзамон гурӯҳбандӣ мекунем. Гуфтан мумкин аст, ки гурӯҳбандӣ кардан худ як шакли дарк кардан аст. Гурӯҳбандӣ танҳо дар он сурат имконпазир аст, ки агар категорияҳо бо ягон роҳе дар системаи маърифатии мо дастрас бошанд. Категорияи «бӯй» тавассути консепти «бӯй» дар «системаи шинохтӣ», яъне дар майнаи сари мо ифода ёфтааст.

Ҳангоме ки сухан дар бораи маъноҳо ва консептҳо меравад, ду чизро бояд дар хотир дошт. Якум, на ҳар як консепт маънои як калимаро дар забон дорад ва дуюм ин ки на ҳар як категория дорои як калима аст. Консептҳое мавҷуданд, ки тамоман бо забон ифода карда намешаванд ва ё ба таври нокифоя ифода мешаванд. Бисёр консептҳои марбут ба узвҳои ҳис, эҳсосҳои тан, руҳ, ишораҳои рӯй, бӯйҳо, маззаҳо, оҳангҳо ва ғайраҳоро бо забон ифода карда намешавад. Ҳеҷ гоҳ калимаҳо ба пуррагӣ наметавонанд, ки маззаи афлесунро, бӯйи мехчагулро ва ё садои ғижакро шарҳ диҳанд. Умуман, тахмин кардан мумкин аст, ки танҳо як гурӯҳи хурди консептҳо дар забон ифода меёбанду халос [142, с. 258].

Мувофиқи ақидаи забоншинос Себастиан Лубнер тасаввуроти анъанавии гурӯҳбандӣ ба шарту шароити зарурӣ мувофиқ мебошад. Масалан, агар мо гӯем, ки категорияи «зан» бо се шарт муайян карда шудааст, яъне «одам», «ҷинс» ва «калонсол», пас ҳар яке аз ин се шартҳо ҳатмист. Дар ҳолате ки яке аз ин шартҳо вуҷуд надошта бошад, пас ба категорияи «зан» дохил карда намешавад. Аз тарафи дигар ин се шарт барои мансубият доштан ба категорияи «зан» кифоя мебошанд.

Себастиан Лубнер қайд мекунад, ки бояд дониши шахсиро аз дониши фарҳангӣ фарқ кард. Масалан, ҳар яки мо маълумоте дар бораи *себ* дорем. Як қисме аз ин маълумотҳо дониши шахсӣ мебошад, ки аз таҷрибаи шахсӣ бармеояд, яъне себе, ки мо дар зиндагии худ чашидаем, дар бораш маълумот дорем. Аммо як қисми дониши мо барои ҷомеаи фарҳангӣ, ки мо ба он тааллуқ дорем, умумӣ мебошад. Масалан, себ ҳамчун мева, намуди зоҳирӣ, мазза, витаминҳои таркибӣ, чӣ гуна истеъмол кардан ва чӣ тавр тайёр кардани афшураи себ, савдою нарх ва ғайраҳоро ҳар як шахс медонад [142, с. 300].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки донишҳои фарҳангӣ мунтазам тағйир меёбанд. Масалан, шаклҳои телефон ва компютер то дараҷае тағйир ёфтаанд, ки аз наслҳои гузашта ҳеҷ кас пешбинӣ карда наметавонист. Бо вуҷуди он, ки имрӯзҳо *телефон* ва *компютер* қариб дорои як амалиёт мебошанд, аммо категорияҳои семантикии худро нигоҳ доштаанд. Новобаста аз он ки бо телефон ғайр аз занг задан боз як чанд функсияҳои дигар иҷро карда мешавад, калимаи *телефон* маъноящро тағйир надодааст. Хулоса, дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда баъзе консептҳои устувор ба монанди *телефон* маъноящонро нигоҳ медоранд.

Ҳамин тавр, баъд аз таҳлил ва муқоисаи фикру ақидаҳои олимону забоншиносон оид ба «консепт» маълум мегардад, ки консепт ифодагари маҷмуи ҳама гуна донишҳо ва тасаввуроти инсон доир ба муҳити атроф мебошад, ки инсон онро дар тули ҳаёти худ ба даст овардааст. Аз ин ҷо

бармеояд, ки *консепт* дорои сохти бисёрсатҳа буда, олимону забоншиносон ҷузъҳои гуногуни онро муайян намудаанд.

1.5. Омӯзиши назариявии мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ва нақши метафора ва метономия дар тафсири он

Яке аз мафҳумҳое, ки дар маркази диққати забоншиносон имрӯзҳо қарор дорад, ин мафҳуми «тасвири ҷаҳон» мебошад. Агар мо ба маънои аслии «тасвири ҷаҳон» диққат диҳем, гуфтан мумкин аст, ки тасвири ҷаҳон ин як тасаввуроти донисташавандаи воқеият мебошад ва ё ба маънои дигар «тасвири ҷаҳон» ин як манзараи ҷаҳони даркшаванда мебошад. Мо вориди ҷаҳон мешаваем, ҷаҳонро барои худ кашф мекунем ва шоҳиди бисёр ҳодисаҳою воқеаҳо мегардем. Он ҳама дидаҳо, шунидаҳо ва саргузаштҳоро мо дар маҷмуъ эҳсос мекунем, аз онҳо баҳра мегирем ва як манзараи ҷаҳонеро барои худ тасвир менамоем.

Солҳои охир забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ худро ҳамчун як самти алоҳидаи забоншиносӣ дар робита бо илмҳои равоншиносӣ, тиббӣ ва маърифатӣ ҳарчӣ бештар муаррифӣ намуда, асосан бо роҳи таҳқиқоти таҷрибавӣ ғанитар ва пурра мегарданд. Аз рӯи ақидаи муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ҳадафи забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ (когнитивӣ) ин омӯзиши ҳодисаҳо ва дастовардҳои забон ҳамчун вазифаҳои равонӣ, зеҳнӣ ва маърифатӣ дар асоси таҳқиқоти таҷрибавӣ мебошад. Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ва дар робита бо он истилоҳҳои *метафора* ва *метонимия* дар забоншиносии равонӣ яке аз мавзуъҳои баҳсталабу доманадор ба ҳисоб меравад, аз ҳамин сабаб мо тасмим гирифтем, то ҳадди имкон баъзе аз тарафҳои онро дар зербоби мазкур баррасӣ намоем.

Мо чигуна ҷаҳонро мебинем, аз зодгоҳу дину имону эътиқод ва сатҳи донишу ҷаҳонбинии мо вобастагӣ дорад. Аз зебогиҳои табиат мо лаззат мебарем ва ҳаёти набототу ҳайвоноту паррандагон диққати моро ба худ ҷалб карда ҳаёти моро мазмун мебахшанд. Кӯҳу саҳроҳо, дарёву кӯлҳо, баҳру уқёнусҳо ба тану рӯҳи мо қуввату дармон мебахшанд, табиат моро ба оғӯши

худ гирифта бо ҳама чиз таъмин мекунад, аммо мо бо табиат чигуна рафтор мекунем, аз тарбияю донишу хиради мо вобаста аст. Инсон худ як узви табиат аст ва ӯ бояд бо тамоми набототу ҳайвоноти табиат муносибати хуб дошта бошад. Инсоният дар ҷараёни зиндагии худ доимо кӯшидааст, ки табиатро ба худ ром кунад ва зиндагияшро бароҳаттар ташкил намояд, аммо афсус, чуноне ки файласуфи бузург Карл Поппер мегӯяд, «замин оштинопазир аст».

Дар инкишофи забону ҷамъият нишонаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо муносибатҳои инсон ба олам, ба ашёҳо ва ба дигарон маҳфуз аст [1, с. 11]. Хело мароқангез аст, ки чӣ гуна тасвирҳо дар майнаи сари мо нақши муҳимро мебозанд. Мо бо ёрии тасвирҳо консептҳои абстрактиро барои худ дастрас карда, ҷаҳонро дар тафаккури худ мувофиқи таҷрибаҳои ҳаёт дарк менамоем, ба низом медарорем ва ба категорияҳо ҷудо мекунем [137, с. 93]. Масалан, мо доимо тулуъ ва ғуруби хуршедро мебинем, ҳол он ки дар асл ин тавр нест. Садҳо сол аст, ки мо тавассути машғулиятҳо дар мактаб медонем, на хуршед, балки замин дар гирди хуршед давр мезанад [1, с. 75]. Ғайр аз ин, инсонҳо на ҳамеша фикрашонро мустақим баён мекунанд, яъне ин маънои онро дорад, ки онҳо калимаҳоро бевосита бо маънии аслиашон истифода намебаранд. Мо метавонем ба касе гӯем, ки ӯ хело ҳушёру зирак аст ва танҳо ба манфиати худ кор мекунад, аммо ба ҷои ин мо мегӯем, ки ӯ *рӯбоҳ* аст. Аз ин бармеояд, ки мо дар майнаи сари худ тасвирҳои зиёде дорем, ки барои баёни фикрамон истифода мебарем. Тасвири рӯбоҳ яке аз он тасвирҳо дар майнаи сари мо аст. Мисоли дигар ин ибораи «*дилро шикастан*» мебошад, ки аз як тараф дил зарф нест, ки шиканад ва, аз тарафи дигар, ҳеҷ кас барои шикастани дил ба назди ҷарроҳ намеравад. Ё ин ки ибораи «*хуни дил хӯрдан*». Дар ин ҷо низ хӯрдани хуни дил номумкин аст ва ин маънои ғам хӯрдану азобу шиканҷа кашиданро дорад. Ин тасвирҳо дар забонамон дар шакли ибораҳои устувор мустаҳкам шудаанд. Ин гуна тасвирҳо дар майнаи сари инсон зиёданд. Масалан ҷое Лоиқ Шералӣ гуфтааст:

Хуни дил хур, хуни дил хур, хуни дил,

Маҷлиси май нест майдони сухан [195, с. 1153].

Вобаста ба мисолҳои боло метавон гуфт, ки тасвирҳо ҳамчун падидаи забон дар забоншиносии равонӣ ва шинохтӣ мушоҳида мешаванд. Истифодаи калимаҳо бо маъноҳои ғайриаслӣ дар замони қадим санъати сухан ба ҳисоб мерафт. Бо ҳамин усул дар Рими қадим нутқро обу ранг медоданд. Бо санъати баланд суханварӣ кардан дар он давра маънои таъсирбахш сухан карданро дошт. Барои он, ки сухан зебову таъсирбахш шавад аз тасвирҳо, яъне калимаҳо бо маъноҳои ғайриаслӣ истифода бурда мешавад.

Дар низоми семантикии забон маъноҳо назар ба миқдори калимаҳо бисёранд, яъне калимаҳо сермаъноянд. Дар сермаъноии калима мо ҷиҳатҳои аслӣ ва маҷозии вожаҳоро мебинем, ки дар луғатҳои тафсирӣ одатан маънои маҷозӣ махсус ишора карда мешавад [71, с. 21]. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дилхоҳ калимаи забон вобаста ба макону замон ва ҳолат метавонад маъноящро иваз кунад.

Дар гуфтори ҳамешагии инсонҳо тобишҳои гуногуни калимаҳо мавҷуданд, ки дар забоншиносӣ онҳоро бо вожаҳои *метафора* ва *метонимия* ифода мекунанд. Зери мафҳуми *метафора* маънои маҷозии калима фаҳмида мешавад. Бо маъноҳои маҷозӣ калимаҳо маъноҳои нав қабул мекунанд, яъне сермаъно мешаванд. Аз ҳамин сабаб, *метафора* асосан дар робита бо полисемия таҳқиқ карда мешавад.

Метафора ва метонимия дар забоншиносии шинохтӣ мавқеи устувор доранд. Муҳаққиқи забоншиносии қавмии рус Перехвалская Е.В. ба мавқеи метафора ва метонимия дар илми когнитивӣ таваҷҷуҳ намуда, бар он ақида аст, ки «метафора ва метонимия бар асоси сермаъной, яъне бисёрмаъноии вожаҳо бунёд ёфтаанд ва тавассути онҳо маънои маҷозӣ ва ғайриаслии калимаҳо ташаккул меёбанд. Бо ин хусусият онҳо аз навъҳои дигар: гипербола, муқоиса ва ғ. фарқ мекунанд. Метафора ва метонимия имкон медиҳанд, ки дар бораи ин ё он ашё, падидаҳо ва тасаввурот, ки барояшон калимаи алоҳида дар забон вуҷуд надорад, фикрамонро баён кунем» [137, с.

262]. Мусаллам аст, ки дар табиат чизҳои бо ҳам монанд вуҷуд доранд ва мувофиқи меъёрҳои забон дорои маъноҳои гуногун мебошанд. Масъалаи диди соҳибзабонон нисбат ба ашёҳое, ки атрофи онҳоро фаро гирифтаанд, барои забоншиносон хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Албатта, соҳибони забонҳои гуногун, ки фарҳангҳои гуногун доранд, на ҳамеша ба ашёҳо баҳои якхела медиҳанд. Яке аз сабабҳои фарқияти забонҳо низ дар ҳамин аст. Аз ин бармеояд, ки соҳибони забонҳои гуногун дорои ҷаҳонбинии ба худ хос мебошанд, ки аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Монандӣ ва тавофути забонҳо дар истифодаи хусусиятҳои ҳайвонот ҳамчун метафора равшан маълум мегардад. Натиҷаи муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ нишон медиҳад, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони олмонӣ тасвири рӯбоҳ маънои одами ҳушёру зиракро дошта, вале ҳамеша аз ҷониби манфӣ баён мегардад. Нафаре, ки нафратомез асту тартиботро риоя намекунад ва рафторҳои баду ғайриинсонӣ дорад, дар забонҳои муқоисашаванда, яъне ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони олмонӣ бо «хук» қиёс карда мешавад. Мисолҳои мазкур нишон медиҳанд, ки намояндагони забонҳои муқоисашаванда дар тафаккурашон нисбати «рӯбоҳ» ва «хук» тасвирҳои бо ҳам монанд доранд.

Дар забонҳои муқоисашаванда тасвирҳои фарққунанда низ мавҷуданд. Масалан, дар забони олмонӣ одами худписандро ба «товус» монанд мекунанд. Чунин тасвир дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад. Дар тасаввури тоҷикон «товус» ҳамчун парандаи зебо ва хушхиром тасвир шуда, дар симои ӯ зебоӣ ва хушхиромӣ таҷассум меёбад ва ба маънои маҷозӣ онро нисбат ба духтарон истифода мекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар андешаи тоҷикзабонону олмонизабонҳо тасвири «товус» мувофиқат намекунад. Чунин тафовут нисбати ҳайвонотро мо дар дигар забонҳо низ баръало дида метавонем. Масалан, тасвири ***гов***, агар дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ маънои маҷозии *одами гарангу нодон ва беақл*ро дошта бошад, дар забонҳои ҳиндӣ, баръакс гов, нишонаи эҳтироми баланд аст.

Забонро *чашми ақл* меноманд, ки ҷаҳонро мебинад. Воқеан, дар баррасиҳои забоншиносии шинохтӣ ҳаминро бештар метавон дарк намуд, зеро дар он таҳлилҳои ба воқеият наздик мавҷуд мебошанд. Дар забоншиносии анъанавӣ сабаби истифодаи калимаҳо бо маъноҳои маҷозиро сарфи овозии забон меноманд.

Ҳар як чиз ва ё ашё дар забон нишонаҳои гуногун дорад. Масалан, танҳо яке аз узвҳои бадани инсон – «сар» чӣ қадар номгузорию нишонаҳои монандро доро аст: «сар» дар забони тоҷикӣ: *каду, харбуза, мош, дег, халтаи чаккаи турушшуда*; дар забони олмонӣ: *каду, шалғам, нахӯд, пуффак, лонаи паранда*; дар забони русӣ: *харбуза, чойник, лонаи паранда, шоҳкоса ва ғайраҳо*. Дар ин маврид истифодаи метафора, яъне калимаҳо бо маъноҳои маҷозиашон ба мақсад ва ҳолати эҳсосии соҳибзабонон вобастагӣ дорад.

Мутафаккирони бузург забонро оинаи халқ номидаанд, ки воқеан ҳам рафтору кирдор ва ҳам пиндори ҳар як халқ дар забони ӯ инъикос меёбад. Ҳама он тафсирҳое, ки дар забони ин ё он халқ дида мешаванд, дар рафтору кирдори ӯ низ то дараҷае ҳувайдо аст.

Намуди дигари тасвири забонӣ ин *метономия* мебошад. Масалан, узвҳои тани инсон ҳамчун тасвир ба монанди *даст, пой, даҳон, лаб, сар* дар дигар ашёҳои рӯзгор истифода мешаванд. Ба ин ибораҳои *дастаи фишанг, дастаи дар, дастаи бел, дастаи каланд, дастаи табар, дастаи корд, дастаи шамшер, пои курсӣ, пои миз, даҳони дег, даҳони ғор, даҳони чоҳ, лаби бом, лаби ҷӯй, лаби об, сари об, сари дастархон, сари кӯча* ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Агар мо дар навбат, яъне дар қатор истода бошем, барои мисол гуфтан мумкин аст, ки «ман дар паси ҷомаи сурх» ва ё «паси кулоҳи кабуд» истодаам. Ба ҷои он гуфтан мумкин аст, ки ман паси марди *ҷомасурх* ва ё марди *кулоҳкабуд* истодаам. Дар ин ҷо мавҷудияти метономия ва амали асосии ӯ бараъло ба назар мерасад. Метономия истифодаи калимаю мафҳумҳоро дар нутқ ва баёни фикр осон мегардонад. Бояд қайд кард, ки бо мақсади такрор накардани калимаҳо, сарфаи вақт ва зуддтар баён кардани

фикру зебогии сухан мо бештар ҷонишинҳо ва метономияро истифода менамоем. Барои исботи ин гуфтаҳо мисоли зерин бомаврид аст:

Ту ба модарат ёрӣ расондӣ?

Барои ба ин савол ҷавоб додан дар ҷойи «Ҳа, ман ба модарам ёрӣ расондам», мегӯем «Ҳа, ман ба вай ёрӣ расонидам», яъне ба ҷойи калимаи «модар» мо ҷонишини «вай»-ро истифода менамоем. Бо мақсади он ки мо вақтро сарфа кунем, фикрамонро зуд баён кунем, калимаҳоро такрор накунем ва нутқамонро зебо гардонем, бо забон чунин рафтор мекунем.

Метономия низ айнан ба монанди метафора аз рӯйи низоми танзим маъноҳои маҷозии предмету ашёҳоро ба вуҷуд меорад. Маъмулан калимаҳо бо маъноҳои маҷозӣ дар забон ба қайд гирифта мешаванд ва бисёрмаъногии калимаҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, консепти «нок»-ро мисол меорем: 1. Меваи дарахти нок: *Нокҳо ҳоло напухтаанд*. 2. Дарахти мева: *Нокҳо аллакай гул мекунанд*. 3. Чӯби дарахти нок ҳамчун маводи сохтмонӣ: *Ҷевоне аз ноки африкоӣ*.

Калимаҳои *мева, дарахт* ва *чӯб* ба як майдони маъноии калимаҳо дахл доранд ва бо ҳам дар муносибатанд, вале муносибати онҳо қисман дар як муддати муайян давом мекунад. Масалан, *мева* дар дарахт мешавад ва *чӯб* бошад аз дарахт баъди афтондан ва коркарди он ба даст оварда мешавад. Метафора ва метономия хусусияти мунтазам ва оддӣ доранд ва дар забон амалӣ шуда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ба назар мерасанд. Инчунин, дар забони марбут ба касбу кор ва илм метафораву метономия зиёд ба назар мерасанд.

Муҳимтарин намудҳои тасвири забонӣ ин метафора ва метономия мебошанд. Намуди мушоҳидаҳои метафора дар забоншиносии шинохтӣ аз забоншиносии анъанавӣ ва адабиётшиносӣ фарқ дорад. Барои фаҳмидани метафора на танҳо донистани забон кофӣ аст, балки донистани фарҳанг, таърих, урфу одатҳо ва ғайраҳо зарур аст. Метафора на танҳо масъалаҳои услубии забон, балки раванди шинохтиро низ ифода мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки дар забоншиносӣ рӯйдоди маърифатӣ дар натиҷаи таҳқиқи

метафора ва нақши ӯ дар шинохти инсон ба вуҷуд омадааст. Дар ин миён, дар забоншиносии шинохтӣ метафораҳои забонӣ дигар дар сатҳи забон маҳдуд намешавад, балки ҳамчун инъикоси фаъолияти шинохтӣ мушоҳида карда мешавад. Забон бо таври куллӣ ҳамчун шакли мустақил, худмухтор ва маҳдудшуда новобаста аз дигар қобилиятҳои маърифатӣ мушоҳида карда намешавад, балки ҳамчун инъикоскунандаи маърифати инсон зери таҳлилу муқоиса қарор мегирад [137, с. 104]. Аз ҳамин нуқтаи назар забони метафорӣ ҳамчун инъикоси худкори табии тафаккури инсонӣ ва фарҳанг дида мешавад.

Ба андешаи забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов: «Мо инсонҳо мавҷудоти ҷамъиятӣ ҳастем. Мехоҳем ба ҳамдигар дар бораи он чизҳое, ки медонем, фикр мекунем, мебинем, эҳсос мекунем, бовар дорем ва ғайра хабар диҳем. Аммо мо инҳоро тамоман бо роҳу усулҳои гуногун иҷро карда метавонем. Масалан, мо метавонем ҳайратамонро бо баланд бардоштани абруҳо изҳор кунем. Бо дастҳои худ метавонем шаклу қолабҳо ва рақамҳоро пешниҳод кунем, ба монанди он ки шакли давраро дар ҳаво бо ангушти ишора нишон медиҳем. Ин имкониятҳои гуногуни баёни фикр барои мо ҳамчун сухангӯ ва ё шунаванда аҳаммияти муҳим доранд, зеро мо онҳоро ҳамчун «аломат барои ифодаи чизе» фаҳмида метавонем. Ба воситаи аломат шаклро бо маъно ё ба ибораи дигар маъно бо ягон шакли муайян алоқаманд карда мешавад. Масалан, агар касе абрӯвони худро баланд кунад, онро ҳамчун аломати дар ҳайрат будани ӯ фаҳмидан мумкин аст» [71, с. 2]. Ба ақидаи Чарлз Дарвин акси рӯй, ки барои ифодакунии ҳиссиётҳои гуногун хизмат мекунад, дар ҳама халқиятҳо новобаста аз муҳити фарҳангӣ як хел аст. Аз рӯи нуқтаи назари мутафаккирон ва натиҷаи таҳқиқоти онҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мағзи сари инсон тавре барномарезӣ шудааст, ки ҳангоми ҳисси хушҳолӣ кунҷҳои лаб ба боло бардошта мешаванд ва ҳангоми ғамгинӣ ба поён. Яъне акси рӯй аз ҳиссиёти дар мағзи сар ҳосилшаванда вобастагӣ дорад.

Аз рӯи ақидаи Ҳ. Маҷидов «системаи мураккабтарини аломатҳо, ки бо он аломатшиносӣ машғул аст, ин забони инсон мебошад. Ҳар гуна калима

новобаста аз шакли он ба аломатҳо такя мекунад. Ашёҳо дорои аломатҳо ва аломатҳо дорои маъно мебошанд. Аломатҳои забонӣ як қисми ҷаҳонбинии инсон мебошанд. Нисбат ба аломатҳои забонӣ дар тафаккури одамон консептҳо бештар мебошанд. Аммо тамоми мафҳумҳое, ки ба забон ворид мешаванд маънои аломатҳои алоҳидаи забониро ифода мекунанд. Ҷаҳони тасаввурот ва мафҳумҳои мо аз рӯи категорияҳои консептуалӣ сохта шудаанд, яъне ба воситаи мафҳумҳое, ки маҷмуи унсурҳои маънои алоҳидаро дар умум муттаҳид мекунанд. Категорияҳои консептуалӣ метавонанд баёни нутқро ҳамчун категорияҳои забонӣ нишон диҳанд» [71, с. 22]. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки аломатҳои забонӣ, мафҳумҳо ва тасаввурот як қисми ҷаҳонбинии инсон буда, «тасвири ҷаҳон»-ро ташкил медиҳанд.

Ба андешаи С. Қ. Матробиён: «Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ифодагари он тассавурот, донишҳо ва ақидаҳои инсон доир ба муҳити атроф мебошад, ки дар раванди фаъолияти физикию маърифатии инсон дар шуури ӯ таҷассум ёфтааст» [69, с.76].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯзҳо диққати забоншиносонро ба худ ҷалб кардааст, ин мафҳуми «тасвири ҷаҳон» мебошад. Инсон ҷаҳонро мушоҳида ва дарк намуда, дар бораи он фикр мекунад. Ҳар як инсон дар тӯли зиндагию фаъолияти худ воқеаҳои зиёдро дарк мекунад ва дар натиҷа лексикаи забони ӯ устувор мегардад. Маҳз тавассути забон тасаввуроти мардум доир ба муҳити атроф ифшо мегардад. Донишҳое, ки инсон дар тӯли ҳаёти худ ба даст овардааст, дар шуури инсон дар шакли «тасвири ҷаҳон» нақш мебанданд. Яъне ҷамъи донишҳое, ки дар забон инъикос ва устувор гардидаанд «тасвири ҷаҳон»-ро дар шуури инсон ташкил медиҳанд. Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» яке аз шаклҳои батартибдарории дониши олами воқеӣ мебошад. Дар умум, зери мафҳуми «тасвири ҷаҳон» ҳама он донишҳое фаҳмида мешавад, ки дар шуури ҷамъиятӣ инъикос ёфтааст.

Дар илми забоншиносӣ баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки ҷанбаи асосии онҳо тасвири дунёи ботинию зоҳирӣ ва хусусиятҳои рафтори инсон мебошад. Дунёи ботинию зоҳирӣ ва рафтори инсон дар забони ӯ тасвир мегарданд. Аз рӯйи далелҳои забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ, забон аз механизими умумии маърифатии инсон сарчашма гирифтааст. Масалан, ба консепти «бибӣ» дар забони тоҷикӣ, ки дар он нишонаи хешутаборӣ дида мешавад, таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Ҳангоме ки вожаи тоҷикии «бибӣ»-ро ба забон меорем, ба шунаванда ё мусоҳиби мо маълум нест, ки сухан дар бораи кадом бибӣ: бибии модарӣ ва ё бибии падарӣ меравад. Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки калимаҳо на ҳамеша маънои худро пурра ифода мекунанд ва аз маълумоти онҳо соҳибзабон, шунаванда ва ё хонанда қаноатбаш аст. Ин ҳодисаи консептуалӣ метавонад дар забони олмонӣ ҳам ба чашм расад.

Воқеан забон оинаест, ки фарҳангро инъикос менамояд. Ҳам забон ва ҳам фарҳанг шаклҳои шуур мебошанд, ки хусусиятҳои ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, таркиби луғавии забон мунтазам тағйир меёбад, баъзе калимаҳо аз байн мераванд, ҳамзамон калимаҳои нав дар забон пайдо мешаванд ва бо ин роҳ бунёди луғавиро ғанӣ мегардонанд. Ҷараёни тағйирёбии калима, аз байн рафтан, пайдоиши калимаҳои нав, ғанишавии бунёди луғавии забон доимоамалкунанда аст ва ин хоси забон мебошад. Таркиби луғавии забон бо таърих, фарҳанг, урфу одат, тарзи ҳаёт ва шароити зиндагии халқ сахт алоқаманд аст ва ҳамаи калимаҳои забон ба таркиби луғавии он дохил мешаванд.

Хулосаи боби аввал

Дар боби аввал мо баъзе масъалаҳои забоншиносии равонӣ ва шинохтиро, ки ба омӯзиши зеҳну дарку шинохти инсон машғуланд, мавриди таҳқиқ қарор додем. Мувофиқи талаботи рӯзафзуни ҳаёт дар замони муосир якчанд самтҳои нав дар илми забоншиносӣ пайдо шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ мебошанд.

Забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ самтҳои нави забоншиносӣ буда, мавзуи омӯзиши онҳо дарки олами атроф, зеҳн, тафаккур ва шуури инсон ба шумор меравад. Пеш аз ҳама, ҳадафи асосии забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ ин омӯзиши дарк, қабули нутқ, баёни фикр, азхудкунии забон ва дигар вазифаҳои маърифатӣ мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот баъзе воҳидҳои забонӣ ба монанди *калима, маъно, мафҳум, консепт ва мафҳуми «тасвири ҷаҳон»* аз нуқтаи назари забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ шарҳ дода шуданд. Аз баррасии боби мазкур ба чунин хулоса омадем:

1. Инсон ҷаҳонро мушоҳида ва дарк намуда, дар бораи он фикр мекунад. Ҳар як инсон дар тули зиндагию фаъолияти худ воқеаҳои зиёдро дарк мекунад ва дар натиҷа лексикаи забони ӯ устувор мегардад.
2. Забон аз механизми умумии маърифатии инсон сарчашма гирифтааст. Мувофиқи ақидаи забоншиносон забон оинаест, ки фарҳангро инъикос менамояд. Ҳам забон ва ҳам фарҳанг шаклҳои шуур мебошанд, ки хусусиятҳои ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекунанд.
3. Дар натиҷаи пешрафти илму техника ва тағйир ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ бунёди луғавии забон мунтазам тағйир меёбад, баъзе калимаҳо аз байн мераванд, баъзе калимаҳо дар забон нав пайдо мешаванд ва бо ин роҳ бунёди луғавиро ғанӣ мегардонанд.
4. Ҳар донише, ки шахс дар рафти ҳаёти хеш робита бо олами беруна ва ё тавассути тафаккур ба даст меорад, як системаи консептуалиро ташкил медиҳад. Азбаски воҳидҳои забонӣ ба як системаи консептуалӣ дохил мешаванд, аз рӯи маълумоти дар он мавҷудбуда амал мекунанд. Ҳар як маълумоти аз тарафи инсон ба даст омада омӯхта мешавад, ки дар натиҷа дар системаи консептуалӣ тағйироту дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд.
5. Забони миллӣ яке аз воситаҳои асосӣ дар дарки тафаккури инсон буда, барои роҳ ёфтан ба ҷаҳони равонию фарҳангии ин ё он миллат имкон медиҳад. Дар ташкили манзараи забонии ҷаҳон нақши асосиро таасуроте мебозад, ки дар асоси маълумотҳои олами атроф ба даст оварда мешавад.

6. Олами атроф, пеш аз ҳама, ба воситаи узвҳои ҳис дарк карда мешавад, ки узви сомеа ҷои махсуси худро дар дарки олами атроф доро мебошад.
7. Фикр ин як раванди маърифатӣ мебошад, ки метавонад бе иштироки узвҳои ҳис, яъне босира, сомеа, зоиқа ва ломиса ҷараён бигирад, вале узвҳои ҳис пеш аз ба вуҷуд омадани фикр нақши асосиро мебозанд.
8. Тавассути забон тасаввуроти мардум доир ба муҳити атроф ва умуман ҳаёт ифшо мегардад. Донишҳое, ки инсон дар тули ҳаёти худ ба даст овардааст, дар шуури инсон дар шакли «тасвири ҷаҳон» нақш мебанданд. Яъне, ҷамъи донишҳое, ки дар забон инъикос ва устувор гардидаанд, «тасвири ҷаҳон»-ро дар шуури инсон ташкил медиҳанд.
9. Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» яке аз шаклҳои батартибдарории дониши олами воқеӣ буда, зери мафҳуми он ҳама он донишҳое фаҳмида мешавад, ки дар шуури ҷамъиятӣ инъикос ёфтааст.
10. Дар илми забоншиносӣ баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки ҷанбаи асосии онҳо тасвири дунёи ботинию зоҳирӣ ва хусусиятҳои рафтори инсон мебошад. Дунёи ботинию зоҳирӣ ва рафтори инсон дар забони ӯ дарҷ мегардад.

БОБИ II.
ВИЖАГИҲОИ ПСИХОЛИНГВИСТИИ КОНСЕПТИ «БӮЙ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

2.1. Мавқеи консепти «бӯй» дар фарҳанги куҳан

Мувофиқи ақидаи мутафаккири бузурги олмонӣ В. фон Ҳумболт забон як ҷузъи фарҳанг мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки забон на танҳо фаъолияти асосии инсон, балки дар забон руҳи миллӣ, яъне алалхусус руҳи миллии халқ ё соҳиби забон ниҳон аст. Мафҳуми «рӯҳи миллии халқ», пеш аз ҳама, шакли шууру тафаккури миллӣ, фалсафа, илм, санъат, адабиёт ва дигар самтҳои ҳаёти мардумро дарбар мегирад [10, с.32]. Бо ин назардошт дар зербоби мазкур консепти «бӯй» аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ ва равонӣ дар фарҳанги миллӣ баррасӣ мешавад, ки албатта ба урфу одат, зеҳну маърифат, дарки олами атроф ва дигар самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ марбут мебошад.

Дар фарҳангҳои миллӣ *бӯйи хуш* ин нишони тозагӣ ва паҳн кардани *бӯйҳои хуш* яке аз талаботи расму анъанаҳо ва дину оин мебошад, ки пеш аз ҳама, ба руҳу равони шахс таъсир мерасонад. Гузаронидани ҷашну маросимҳо ва риояи урфу одатҳо, пеш аз ҳама, сабабгори болидагии табъи инсон мебошад. Масалан, иди Наврӯз, ки ҷашни оғози баҳор ва соли нави мардуми ориёитабор мебошад, дар луғатҳо ба маънои «рӯзи нав» ва «рӯзи тоза», «рӯзи нахустин», “аввали рӯзҳои сол”, яъне рӯзе, ки соли нав аз он оғоз мегардад, омадааст. Яке аз маросиме, ки дар иди Наврӯз ба ҷо оварда мешавад, «хонатаконӣ» ном дорад ва яке аз ҷузъҳои муҳимму ҳатмии ин ҷашни фархунда арзёбӣ мегардад. Ин одат чунин аст, ки дар арафаи ид тамоми ҷиҳози хона шуставу пок ва ашёи кӯҳнаю фарсуда аз хона берун карда мешавад. Дару девори хонаҳо тармиму рангубор карда шуда, ба қадри имкон асбобҳои рӯзгор бо намунаҳои нав иваз карда мешаванд. Дар хонаҳо гулу хушбӯйиҳо гузошта шуда, тамоми ашёи матоъгин шустаю дарзмол ва ба тартиб дароварда мешаванд. Наврӯз аз назари психологӣ ҳамин тавр дар

зеҳни мардум нақш бастааст ва иҷрои маросимҳои он низ ба зеҳну психологияи мардум рабт дорад. Мардуми тоҷик аз даврони қадим дар баробари покизагардонию навсозӣ, оростану пиростани хонаву кошона, инчунин ба хушбӯйигардониҳо низ машғул буда, иди Наврӯзро бо бӯйҳои хуш истиқбол менамуданд.

Мавқеи консепти «бӯй» дар китобҳои муқаддас низ назаррас аст. Маводҳои хушбӯй хусусияти динию анъанавӣ дошта, дар китобҳои муқаддас ба монанди Авасто, Инҷил, Қуръон ва ғайраҳо низ зикр шудаанд. Барои равшанӣ андохтан ба гуфтаҳои боло овардани яке аз ҳикояҳои динӣ, ки ба дини яҳудӣ тааллуқ дорад, хело бамаврид аст: «Дар рӯзи аввал ҳазрати Одам дар боғ ба сайругашт баромад. *Бӯйҳои* аҷибе ба машомаш мерасиданду аз тамошои манзараи аҷоиб дилхуш мешуд. *Бӯи* меваҳои пухтарасида ӯро ба самти дарахтон бурд...» [215, с. 49]. Ҳикояи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки пайдоиши мафҳуми *бӯй* ба фарҳангҳои гуногун хос мебошад.

Аз даврахои қадим атриёт ҳамчун маводи хушбӯй истеҳсол ва корбурд мешуд. Таърихи пайдоиши маводҳои хушбӯйро Балъамӣ баробар ба таърихи ҳазрати Одам медонад [136, с. 12]. Назарияҳои аввалин перомуни консепти «бӯй» моро ба умқи таърихи дур мебарад. Дар бораи пайдоиш ва дарки бӯйҳо аллакай дар замонҳои қадим фарзияҳо ва назарияҳои гуногун вуҷуд доштанд, ки файласуфон ва табиатшиносон ба монанди Арастую Афлотун дар ин бора гуфта гузаштаанд. Қадимтарин сарчашмае, ки консепти *бӯй* дар он ба назар мерасад, ин китоби муқаддаси Авасто мебошад, ки дар он сухан дар бораи оташи муқаддас меравад: «Эй Спитмон Зартушт! Ҳар гоҳ касе ашаванона аз чӯби урвасани ё воҳугауна ё воҳукерети ё Ҳаданаепта ё ҳар чӯби ***хушбӯи*** дигаре ҳезум барои оташ биоварад, аз ҳар сӯе, ки бод бӯи хуши он оташро бибарад, ҳазорон тан аз девони нопайдо, ҳазорон тан аз девон – зодагони торикӣ – ҳазорон ҷуфт аз ҷодувону париён дар он оташ – писари Маздо Аҳура – меафтанду кушта мешаванд» [187, с.539].

Вожаҳои *воҳугауна, воҳукерети* ва *ҳаданаепта* дар Авесто чунин шарҳ дода шудаанд: «Воҳугауна: (дар паҳлавӣ *ҳугун*), номи яке аз гиёҳони

хушбӯест, ки барои зудудани бӯи нохушу пок кардани хона аз ганду нопокии мурдор, дар оташ месӯзондаанд. Дар суннати порсиён воҳугауна дарахтест, ки аз он лубон истихроҷ мекунанд.

Воҳукерети (дар паҳлавӣ *ҳукарт*), номи яке аз гиёҳони хушбӯест, ки барои зудудани бӯи нохушу пок кардани хона аз ганду нопокии мурдор, дар оташ месӯзондаанд. Дар суннати порсиён воҳукерети бо уд якест» [187, с.661-662].

Ҳамин гуна вожаи *ҳаданаепта* (дар паҳлавӣ *ҳаданпок*), ки гиёҳи хушбӯи ношинохта буда, бухури онро барои хушбӯ кардани хона ва зудудани бӯи нохушу олудагии мурдор аз он, ба кор мебаранд, тафсир ёфтааст [187, с.759].

Дар Авасто номгӯи гиёҳҳои хушбӯй зиёд ба назар мерасанд, ки барои хушбӯй кардани ҷойи зист, рехтани гуноҳ ва дур сохтани девон дар оташ сӯзонида мешуданд. Вожаи «бӯй» дар китоби Авасто чунин шарҳ дода шудааст: «Бӯй (дар Авасто “баудва бауда” ва дар паҳлавӣ “бӯистан”), ба маънии бӯидан аст, ки афзун бар маънии машҳур, маънои огоҳ шудану дарёфтан ва пай бурдан ҳам дорад ва дар форсӣ ҳам бӯ бурданро ба маънии пай бурдан аз хабаре ё розе ва огоҳӣ ёфтан аз он ба кор мебарем. Дар Авасто ин вожа ба маънои неруи дарку дарёфту фаҳми одамист, ки ҳофизаву ҳушу неруи бозшиносӣ (тамиз)-ро ирода мекунад ва яке аз неруҳои панҷгона дар ҳастии одамӣ ба шумор меравад. Ин неру бо тани ҳар кас падид меояд ва пас аз марг низ бар ҷо мемонад ва ба равон мепайвандад. Масалан, дар Авесто омадааст: «Эй Ҳауми дурдорандаи марг! Ин шашумин бахшишро аз ту хосторам: [Чунон кун], ки нахустин [бор], мо аз дузду роҳзану гург *бӯй* барем, ки ҳеҷ кас пеш аз мо *бӯй* набарад; ки мо ҳамеша аз пеш *бӯй* барем» [187, с.64].

Дар китобҳои муқаддаси Библия ва Қуръон низ вожаи «бӯй» зиёд ба назар мерасад, чунончи *ниг*. [211, с.165], [194, с. 620].

Истифодаи маводҳои хушбӯй, яъне атриёт дар сарзамини Эрони куҳан аз давраҳои Хаҳоманишиён ва давлатдории шоҳ Доро сарчашма мегирад.

Агар ба адабиёти паҳлавӣ назар кунем, дар давраи Сосониён истифодаи маводҳои хушбӯй афзоиш ёфтааст [136, с. 9].

Консепти «бӯй» дар адабиёти классикию муосири ҷаҳонӣ мақоми хоса касб кардааст. Вожаи «бӯй» бештар ҳамчун метафора, яъне бо маъноҳои маҷозӣ дар эҷодиёти мутафаккирони адабиёти Шарқ мавриди истифода қарор мегирад. Барои ошноӣ бо он мо дар боби мазкур кӯшиш намудем, ки вижагиҳои забониву равонӣ консепти «бӯй»-ро дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ бар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ мавриди таҳлил қарор диҳем.

2.2. Тафсири психолингвистии консепти «бӯй»

Дар натиҷаи пешрафту тараққиёти илмҳои гуногун ва ҳаёти ҷамъиятӣ шохаҳои нави илм ба вуҷуд омаданд. Самти забоншиносии равонӣ (психолингвистика), ки солҳои 50-уми қарни гузашта ба вуҷуд омад, ба масъалаҳои равандҳои дарки забонӣ, қобилияти забонии инсон, забоназхудкунии инсон, дарк ва истифодаи забон дар муошират, муносибатҳои забон ва тафаккур ва монанди инҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Забоншиносон ин масъаларо арзёбӣ карда, бар он ақидаанд, ки: «Равандҳои рафтори забонӣ ва шартҳои он аз нигоҳи забоншиносии равонӣ (психолингвистӣ) амиқтар баррасӣ карда мешавад. Нигоҳи забоншиносии равонӣ рафтори забониро ҳамчун як ҷузъи тафаккур ва маърифати инсон баррасӣ мекунад» [141, с. 8].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки забони инсонӣ аз назари равонӣ вобаста ба психикаи фарду ҷомеа се вазифаи асосиро ба уҳда мегирад: а) ҳис ва дарк кардан; б) андеша ва хулоса кардан; в) баёни фикр, яъне бо забон ифода намудан.

Вақте ки мо вожаҳои ифодакунандаи рангу шаклу буйи муайянро ба забон меоварем, ҳар яки онҳо дар психикаи мо нақши худро мерасонанд ва аз он авзои мо, яъне ҳолати руҳии мо тағйир меёбад. Чунончи: агар *гул* гӯйем, пеши назарамон гулҳои гуногун бо рангҳою шаклҳои гуногун ҳувайдо

мегарданд, вале вақте ки *бӯйи гул* гӯйем, руҳан мо бӯйҳои гуногуни гулро ҳис мекунем. Ба ҳамин монанд, калимаи *дору* ва ибораи *бӯйи дору*. Барои мисол дар зер мо бӯйҳоро мувофиқи табъашон ба категорияҳо ҷудо мекунем, ки ҳар яки онҳо ба равони мо таъсири худро мерасонанд:

Гул – бӯйи хуб; бӯйи ширин; бӯйи аҷоиб; бӯйи олиҷаноб; бӯйи тоза; бӯйи форам; бӯйи гуворо; бӯйи шинос ва ғайра;

Пору – бӯйи бад, бӯйи тез, бӯйи тунд, бӯйи дурушт, бӯйи нобоб, бӯйи номувофиқ, бӯйи нофорам, бӯйи ногувор ва ғайра.

Ҳамин тавр, агар баръакс мо танҳо сифати бӯйҳоро номбар кунем, пеши назарамон ҳамон ашёҳое ҷилвагар мешаванд, ки мо бӯйи онҳоро чашидаем, яъне эҳсос кардаем. Чунончи:

бӯйи хуб; бӯйи ширин; бӯйи тоза; бӯйи форам; бӯйи гуворо = атр, гул, мушк, абир, қаланфур, нон ва ғайра;

бӯйи бад, бӯйи тез, бӯйи тунд; бӯйи гарм, бӯйи дурушт, бӯйи нобоб, бӯйи номувофиқ, бӯйи нофорам, бӯйи ногувор; бӯйи омехта = борут, бензин, керосин, газ, торф, пору, ҳар чизи пӯсида ва ғайра.

Забоншинос Ҳелли Ҳалбе андеша дорад, ки забоншиносии равонӣ муносибати байни сохтори иттилоот ва шахсони алоҳидаро ба таври васеъ омӯхта, таҳия ва қабули иттилоотро, ки дар муошираті инсонӣ ба вуҷуд меояд, баррасӣ мекунад [129, с. 7]. Мувофиқи ақидаи забоншиносон Герт Рикҳайт, Сабине Вайс ва Ҳанс Юрген Айкмайер вазифаи забоншиносии равонӣ аз муайян кардан ва шарҳ додани қонунҳои умумии истифодаи забони инсон иборат аст [126, с. 290].

Тибқи андешаҳои болозикр инсоният дорои *рафтори забонӣ* буда, он яке аз рафторҳои муҳимтарин ва хос барои насли инсон маҳсуб меёбад. Инсон, маҳз бо ин шакли рафтор аз тамоми мавҷудоти зинда фарқ мекунад [129, с. 1].

Барои аз худ кардани забон, соҳибзабон шудан ва мавриди истифода қарор додани он узвҳои ҳис нақши асосиро мебозанд. Албатта, дар гирду атрофи кӯдак на танҳо гармию хунукӣ арзи вуҷуд доранд, балки он аз бӯйҳои

гуногун низ орӣ нест. Кӯдакон мунтазам бӯйҳои гирду атрофи худро ҳис мекунанд ва бо мурури замон дар мағзи сари онҳо калимаҳою манзараҳо вобаста ба бӯй ба вуҷуд меоянд. Яъне, бояд тасдиқ кард, ки бӯйҳоро кӯдакон пеш аз вожаҳои муаррификунандаи онҳо мешиносанд.

Узви шомма аз давраҳои аввали ҳаёти инсон барои қабули ахбор дар бораи бӯйҳои гуногуни атроф фаъол аст. Бояд қайд кард, ки бӯй аз дигар предметҳои атроф ба вуҷуд омада, он ба воситаи узви шомма ба мағзи сар фиристонида мешавад. Дар ин ҳолат инсон водор мешавад, ки вобаста ба бӯй шакл, намуд ва дигар маълумотҳоро дар бораи предметҳои атрофи худ пеши назар орад. Албатта ҳамаи ин ҳодисаҳо боиси ба вуҷуд омадани фонди луғавӣ дар хотира мегарданд.

Дар рафтори нутқ, пеш аз ҳама ақлу дониш, ҳолати руҳию равонӣ ва ҷаҳонбинии инсон зоҳир мешавад. Чунончи, Саъдӣ мегӯяд:

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.
Ҳар беша гумон мабар, ки холист,
Шояд паланг хуфта бошад.

Яъне ҳангоми нутқ, чизе ки хусусияти манфӣ дорад, бо тарзи дигар ва ҳиссиёте гуфта мешавад. Ҳаминро мо дар мисоли консепти «бӯй» баръало ҳис мекунем. Ҳанӯз аз гузашта бӯйҳоро ба «хуш»-у «бад» ҷудо мекарданд. Бӯйи хушро ифодакунандаи ҷанбаи мусбати зиндагӣ ва бӯйи бадро ҷанбаи манфии зиндагӣ медонистанд. Ҳамаи ин муқобилиятҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ як низоми ба ҳам муқобили мусбат ва манфӣ ё «хуб (хуш)» ва «бад»-ро ташкил медиҳанд, ки онҳо бевосита ба ҳувияту психологияи миллӣ вобаста мебошанд. Дар тасвири забонии тоҷикон то имрӯз симоҳои манфии персонажҳои мифологӣ як махлуқи бадбӯй (ганда) ифода мешавад. Дар тасвири динӣ бошад, биҳиштро пур аз мушку абир ва монанди инҳо, ки хушбӯйанд ва дӯзахро пур аз бӯйи бад ифода мекунанд.

Татбиқи ин мухолифатҳоро дар забоншиносӣ вожаҳои марбут ба «бӯй» тасдиқ мекунанд, ки сифатҳои онҳо (хуб/хуш ё бад)-ро арзёбӣ мекунад.

Баҳодиҳӣ дар дарки бӯй яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад ва он нақши калидиро дар шинохти «бӯй» мебозад, зеро тамоми ҳолати дарки *бӯй* ифодакунандаи эҳсосот мебошад. Калимаҳо ва ибораҳо, ки танҳо «бӯй»-ро ифода мекунанд, дар ҳолати баръакс (бебӯйӣ) барои баҳодиҳии дақиқи воқеаи рӯйдода истифода мешавад, зеро чунин калимаю ибораҳо метавонанд ҳолату ҳиссиёти воқеии одамро равшан нишон диҳанд.

Масалан, феъли «*бӯй кардан*» на танҳо ба маънои аслии чизеро, ки воқеан дорои ягон *бӯй* аст ё *бӯ кардан* аст, балки ба маънои *«чизеро ёфтан»* низ ифода мешавад. Аммо худи амали «*бӯй кардан*» маънои манфиро ифода мекунад.

Мақоли *«бинии касе бӯй бурдан»* дар забони тоҷикӣ намунаи олии ифодакунандаи ҳолати «*чизеро ҳис намудан*», «*ба (аз) чизе пай бурдан*», «*ба балоғат расида, орзуи ишқу муҳаббат кардан*» ва монанди инҳоро дорад. Мисол: *Биниии ин кас ҳам бӯй бурдааасту ба Лутфияҷон ошиқ шудааанд* [159, с. 126].

Ба монади ҳамин, ибораҳои «*бӯй бурдан*» (пай бурдан, донистан), «*бӯйи чизеро гирифтан/фаҳмидан*» (хабари чизеро шунидан, фаҳмидан; чизеро пай бурдан, аз чизе бохабар шудан), «*бӯйи умед бурдан*» (ноумед нашуда, ба чизе ё коре умед доштан) ва монади инҳо дар забони тоҷикӣ зиёд корбаст мешаванд, ки ҳиссиёт ва эҳсосоти одамонро таҷассум мекунанд. Дар ҳамин ибораҳо гунаи муқобили онҳоро низ истифода мебаранд, ки тарафи ихтилофи ҳамин ҳиссиёту эҳсосотро ифода мекунанд: *бӯй набурдан, бӯйи чизеро нагирифтан/нафаҳмидан, бӯйи умед набурдан (надоштан)* ва ғайра.

Барои равшан шудани гуфтаҳои боло мисолҳои зеринро аз эҷодиёти Лоиқ Шералӣ меорем, ки ибораҳои «бӯй бурдан», «бӯйи умед будан» ва калимаи «атр» хело моҳирона мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Агар ҳам ***бурда буд бӯе,***
Ки ганҷе дар дили кӯҳе ниҳон аст [195, с. 101].
Аз ***атри гесуят*** ёбам, ки шукри бахт,
Аз зиндагӣ ҳанӯз ***бӯйи умед ҳаст*** [195, с. 180].

Ҳамин тавр, метавон зикр кард, ки забон барои ифодаи ҳамаи бӯйҳо оҷиз аст. Масалан, шир вобаста ба ҳарорати бӯйяш фарқ мекунад. *Шири гарми навҷӯшида*, агар дигар бӯй ширин дошта бошад, шири нимгарм ё сӯзон бийи дигар доранд. Албатта аз кадом намуди ҳайвон будани ширро бӯйи махсуси он нишон медиҳад. Ҳамчунин, бӯй шир аз чӣ хурдани ҳайвон низ вобастагӣ дорад, ки дар ин ҷо ду бӯй: ҳам бӯйи шир ва ҳам бӯйи алафи хӯрдаи ҳайвон маълум мегардад. Ҳамаи ин, навъҳои бӯйи ширро мо ҳис мекунем, вале дар забон онро ифодакарда наметавонем.

Ё мисоли дигар ин ***бӯйи дуд*** мебошад. Дуд дорои садҳо бӯйҳои алоҳида мебошад. Дар оғоз мо метавонем бӯйи оташро дарк кунем ва баъд вобаста ба он, ки чӣ месӯзад, кадом намуди матоъ, дарахт, растанӣ ва ё дигар намуди мавод, бӯйҳои гуногун ба машоми мо мерасад ва дар забон барои ифода намудани онҳо вожаи **бӯй** ва номи маводи месӯхтагӣ дар шакли ибора истифода мегардад.

Бо назардошти мисолҳои дар боло оварда сохтори консепти “бӯй”-ро, ки дар психикаи инсонӣ дар шаклҳои мусбату манфӣ ҷой гирифтааст ва он дар забонҳо, аз ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ифода меёбад, дар тасвири зер дида мебароем.

Ҳамин тавр, аз рӯйи тасвир намоён мешавад, ки дар тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва олмониҳо консепти “бӯй” ба категорияҳо ҷудо мешавад. Консепти “бӯй” асосан воҳидҳои лексикиеро дар бар мегирад, ки бо бегуна (инвариант)-и ифодакунандаи маънои «бӯй» муттаҳид шудаанд. Воситаҳои

луғавии мазкур маркази консептро ифода намуда, дар баробари дигар воситаҳое, ки ин вазифаро ба маънои канорӣ (дуюмдараҷа) ва ё танҳо дар матн ифода намуда, дар сохтори категория мавқеи перифериро ишғол мекунанд, ҳамчун ядро ҳисоб кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи переферия (маънохои канорӣ) воситаҳои луғавии дигар категорияҳо ва воситаҳои синтаксисӣ дохил мешаванд, ки дар зербоби дигар мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

2.3. Таснифоти сохтории консепти “бӯй”

Муҳаққиқони равоншиносӣ бар он ақидаанд, ки бӯй яке аз факторҳои барангезандаи эҳсосот (мусбат ё манфӣ)-и инсон маҳсуб меёбад [222, с. 48-55]. Зикр мегардад, ки яке аз таснифотҳои аввалине, ки доир ба бӯйҳои асосӣ пешниҳод мегарданд, ин таснифоти равоншиноси олмонӣ Н.Ҳенниг буд. Аз ҷониби Н. Ҳениг 6 бӯйи асосӣ (базавӣ) пешниҳод мешавад:

- *буй гул;*
- *бӯйи сабзавот (эфирӣ);*
- *бӯйи ганда (пӯсидагӣ);*
- *бӯйи сӯхта;*
- *бӯйи тунду тез;*
- *бӯйи резинӣ* [223, с.34].

Дар таснифоти муосир 7 навъи бӯй ошкор шудааст, ки сетои он ба таснифоти Н. Ҳенниг мувофиқат мекунанд:

- *бӯйи гул (садбарг, лаванда);*
- *бӯйи эфирӣ (нозук, латиф);*
- *бӯй мушк;*
- *бӯйи кофур;*
- *бӯйи ҳулбу (пудина);*
- *бӯйи тезоб (кислотаи уксусӣ: талху тунду тез);*
- *бӯйи пӯсида (тухми пӯсида)* [224, с. 300].

Тамоми консептҳои мавҷуда дорои сохтори ҷудогонаи худ мебошанд. Муҳаққиқон асосан ба таври зер сохтори консептро тасвир мекунанд: нуқтаи марказӣ *консепт*, ки онро метавон *асос* номид ва асос метавонад маъноҳои наздик ва маъноҳои дур дошта бошад, ки дар консептшиносӣ бо истилоҳи *периферия*, яъне маъноҳои канорӣ маъруфият дорад. Сохтори консепт дар забоншиносии муосир чунин тасвир мешавад:



Муҳаққиқи забоншинос Ю. С. Степанов сохтори консептро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки консепт «аз як тараф, он ҳама чизеро, ки мафҳум дар бар мегирад, фарогир аст, аз тарафи дигар, сохтори мафҳум ҳама чизеро дар бар мегирад, ки онро ба воқеияти фарҳанг табдил медиҳад – шакли аслӣ, хусусиятҳои асосии дарбаргирандаи муҳиммияти таърихӣ, ассотсиатсияҳои муосир, баҳодиҳӣ ва ғайра» [101, с. 40-41]. Таърифи пешниҳоднамудаи Ю. Степановро ба назар гирифта, метавон сохтори консептро ҳамчун аломати маҷмуӣ тавзеҳ дода, онро барои тавъам намудани ашёҳо ё падидаҳо ҳамчун тасвири ҷаҳон истифода кард. Тибқи ҳамин сохтор мо консепти «бӯй»-ро дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дида мебароем. Бояд тазаккур дод, ки аломатҳои ташкилкунандаи сохтори консепти «бӯй» инҳо мебошанд:

- омезиш ё ҳаракати бӯй дар ҳаво;

- хосият ё аломатҳои физикӣ: *давомнокӣ, шиддат, устуворӣ, ноустуворӣ, тамаркуз*;

- таъсир ба ҳолати эмотсионалӣ ва ҷисмонии шахс;

- баҳодиҳӣ;

- мавҷудияти манбаи бӯйҳо;

- фосила байни манбаи бӯйҳо ва шахс;

- ихтилофоти бӯйҳо.

Аломатҳои мазкур ҳамчун аломатҳои асосии консепти «бӯй» мебошанд, ки онҳо ба забону дарку фаҳмиши тамоми инсонҳо хос мебошанд.

Ҳар як аз аломатҳоро, ки сохтори консепти «бӯй»-ро ташкил медиҳанд, дар зер дида мебароем.

1. Аломати омезиш ва ҳаракати бӯй дар ҳаво: ***паҳн гаштан***: *Бӯйи хуше дар ҳаво паҳн шуд*; Ein guter Duft hat sich in der Luft ausbereitet; ***фаро гирифтан***: *Бӯйи бади ӯ тамоми хонаро фаро гирифт*; Sein Gestank hat das ganze Haus umgehüllt; (***ба машом***) ***расидан***: *Аз куҷое бӯйи аҷибе ба машомам расид*; Irgendwoher kommt mir ein wunderberer Duft in die Nase; ***печидан***: *Якбора бӯйи ғализе ба ҳаво печид*; Auf einmal hat ein unangenehmer Duft in der Luft ausbereitet;
2. Аломатҳои физикии бӯй:

- *давомнокӣ, устуворӣ/ ноустуворӣ*: ***зиёд, (viel) муддате, (eine Weile, ein Moment) дуру дароз (lange), камтар (ein bisschen), хеле кам (sehr wenig), тез (scharf), давомдор (dauernd), кутоҳмуддат (kurzweilig)***: *Бӯйи хушаш муддати дуру дароз боқӣ монд*; Ihr angenehmer Duft ist lange geblieben;

- *шиддат*: ***баланд, паст, муътадил***: бӯйи баланд (starker Duft), бӯйи паст (schwacher Duft), бӯйи муътадил (milder Duft);

- *гузарандагӣ (часпандагӣ)*: бӯйи бад/хуб ба касе ***часпидан, қапидан***: jemandem der Duft/der Gestank hängenbleiben;

3. Таъсир ба ҳолати эмотсионалӣ ва ҷисмонии шахс: аз бӯйи касе/чизе ***беҳушӣ шудан (sich ekkeln), аз ҳуш рафтан (bewusstlos werden); ба ғазаб омадан (sich wüten), маст шудан (sich betrunken, berauschen), сархуш шудан (sich betrunken, sich freuen)***.:

4. Баҳодиҳӣ: бӯйи ***бад (schlecht), хуб (gut), хуш (gut, angenehm), форам (angenehm), нофорам (unangenehm), ганда (schlecht), мадҳушкунанда (berauschend) ва г.;***
5. Мавҷудияти манбаи бӯйҳо: бӯйи ***одам (der Duft des Meschen), ҳайвон (der Duft des Tieres), растанӣ (der Duft des Pflanzes), табиат (der Duft der Natur), бӯйи баҳор (der Duft des Frühlings) ва г.***
6. Фосила байни манбаи бӯйҳо ва шахс: ***дур (weit), наздик (nah)***: бӯйи чизе аз ***дур/наздик*** ба бинӣ (машом) расидан; nach etwas von Weiten/von der Nähe riechen/in die Nase kommen;
7. Ихтилофоти бӯйҳо: *бӯйи хуш – бӯйи бад (der Duft – der Gestank); бӯйи гул – бӯйи чанг (ғубор) (der Duft der Blume – der Duft des Staubs); бӯйи одам – бӯйи ҳайвон (der Duft des Menschen – der Duft des Tieres); бӯйи зиндагӣ – бӯйи марг (der Duft des Lebens – der Duft des Todes); бӯйи шир – бӯйи хун (der Duft der Milch – der Duft des Blutes)* ва ғ.

Ҳамин тариқ, консепти “бӯй”, аз як тараф, сохтори ягонае дорад, ки *асос (ядро)*, *маъноҳои наздик* ва *маъноҳои канорӣ (периферия)*-ро дар бар мегирад, аз тарафи дигар, маркази он аз рӯйи меъёри гунанокӣ ва бегуна (инвариант) сохта шудааст. Дар забони тоҷикӣ миқдори вариантҳо, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, нисбатан кам аст.

Бӯйҳо ва хосиятҳои гуногуни ҳолати онҳоро гунанокӣ (вариантҳо) тавсиф мекунанд, дар ҳоле ки онҳо аз ҳамдигар бо якчанд параметрҳо фарқ мекунанд ва дар истифода баъзе маҳдудиятҳо доранд.

Маънои канории консепти «бӯй» аз воситаҳои гуногуни забонӣ, аз ҷумла феълҳо (*кардан/machen, додан/geben, баровардан/rauskommen, кашидан/atmen, бурдан/tragen, омадан/kommen, дидан/sehen* ва ғ.), сифатҳо (*хуб/gut, хуш/gut, angenehm, лазиз/geschmackvoll, фараҳбахш/guttuend, сабук/leicht, аҷиб/wunderbar, ҷолиб/interessant, бад/schlecht, безеб/nicht schön, нохушоянд/unbeliebt, ғализ/schlecht/unangenehm* ва ғ.) ва зарфҳо

(*таачҷубовар/überraschend, нафратовар/hässlich* ва ғ.) мебошанд, ки барои татбиқи хусусияти маъноии мафҳуми *бӯй* дар забон истифода мешаванд.

Вожаҳо ва ибораҳои ифодакунандаи мафҳуми “бӯй” на танҳо маъноии онро ифода мекунанд, балки барои баҳои ҳақиқӣ додан ба ашё, ҳолату амалҳо истифода мешаванд. Бинобар ин, намудҳои муайяни консептуализатсияи баҳодиҳӣ ва арзёбӣ тавассути косепти “бӯй” муайян карда шудаанд:

Якум, бо истифода аз калимаю ибораҳои махсус метавон ба шахс, хислат, рафтор ё тарзи зиндагии ӯ ва муносибати шахс нисбат ба ашё баҳо дод. Чунончи, тавассути феълҳои ифодакунандаи бӯй хислати шахс ошкор мегардад: *бӯ кардан/кашидан* (чизеро фаҳмидан), *бӯ бурдан* (аз чизе хабардор шудан), *бӯ баромадан* (сирри касе фош шудан), *бӯ омадан* (хабар омадан), *бӯ гирифтан* (дар гӯшаи бетаваччуҳӣ мондан), *бӯ овардан* (хабар овардан) ва ғайра. Дар забони олмонӣ низ феълҳои riechen, duften ва stinken барои ифодаи хислатҳои шахс истифода мешаванд:

riechen – den Duft der Rosen riechen (гули садбаргро бӯй кашидан); den Geruch nicht ertragen können (ба бӯй тоқат карда натавонистан); er roch sofort (merkte), dass hier etwas nicht stimmte (вай зуд пай бурд, ки инҷо ягон гап ҳаст); jemanden nicht riechen können (касеро дар атрофи худ нахостан, бо ӯ коре надоштан); etwas nicht richen können (ҳеҷ чизро дарк накардан, надонистан, нодон будан, пешакӣ надонистан);

duften – wie eine Blume duften (монанди гул бӯй кардан); wie eine Rose duften (монанди садбарг бӯй кардан); Sie duftet wie eine Rose. Ва монанди гули садбарг бӯй карда истодааст.

stinken – er stinkt vor Faulheit! (аз ӯ бӯи танбалӣ меояд); sie stinkt vor Geld, hat sehr viel Geld (аз ӯ бӯи пул меояд, ӯ пули зиёд дорад); stinkend, faul sein (тамбал будан); das stinkt nach Verrat (аз ин бӯи фиреб меояд); nach Geld stinken, sehr reich sein (бӯи пул кардан, хело бой будан); es stikt, die Sache erschent verdächtig (бӯи бад мекунад, аз ин кор бӯи гумон меояд); an dieser

Sache stinkt etwas, ist offenbar etwas nicht in Ordnung (аз ин кор бӯи бад меояд, маълум аст, ки ин ҷо ягон гап ҳаст);

Дуюм, бо истифода аз калимаю ибораҳои махсус метавон ба ҳодисаю воқеаҳои субъективӣ, ки рух додааст ё нав ба нақша гирифта шудааст, баҳо дод. Чунончи, дар забони тоҷикӣ бо вожаҳои зайл ифода меёбанд: *бӯи ҷанг, бӯйи ғалаба, бӯйи ваҳдат, бӯйи сулҳ, бӯйи куштор* ва ғайра. Дар забони олмонӣ низ чунин ҳодисаи забонӣ ба чашм мерасад: бӯи ҷанг (der Geruch des Krieges), бӯйи ғалаба (der Geruch des Sieges), бӯйи ваҳдат (der Geruch der Einheit), бӯйи сулҳ (der Geruch des Friedens), бӯйи куштор (der Geruch des Tötens) ва ғайра.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки навъҳои консептсозӣ (консептуализатсия) тавассути “бӯй” эҳсосоту баҳои шахсро ба шахси дигар ифода мекунанд, ки он бевосита ба равони шахс (психика) рабт дорад. Сохтори консепти “бӯй” хеле мураккаб буда, аз асос, маъноҳои наздик ва маъноҳои канорӣ (переферия) иборат мебошад.

2.4. Тафсири вожаҳои ифодакунандаи *бӯй* дар фарҳангномаҳои тоҷикӣ ва олмонӣ

Аз рӯи ақидаи забоншиносон Герт Рикҳайт, Забине Вайс ва Ҳанс Юрген Айкмайер вазифаи забоншиносии равонӣ аз муайян кардан ва шарҳ додани қонунҳои умумии истифодаи забони инсон иборат аст [126, с. 290]. Ҳам дар ҳаёти рӯзмарра ва ҳам дар асарҳои офаридашуда муносибати инсонҳо бо забон бараъло ба назар мерасад. Инсон вобаста ба сатҳи донишу таҷрибаи худ ва дар кадом қишри ҷамъият қарор доштанаш забонро чун муҳимтарин воситаи муошират мавриди истифода қарор медиҳад. Вобаста ба вазъият чи гуфтану чи шунидан аз таҷрибаю дониши ҳар шахс вобастагӣ дорад, ки дар он муносибати ӯ бо забон ҳувайдо мегардад. Аз ҷумла, барои ифодаи консепти “бӯй” аз ҷузъҳо ва маъноҳои гуногуни он истифода мебарад, то тавонад ба шунаванда моҳияти гуфтори худро фаҳмонад.

Албатта ҳар як мутафаккир кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки сухани ӯ пурмазмун ва таъсирбахш бошад. Барои пурмазмуну таъсирбахш баён кардани сухан ва ё пурмазмуну таъсирбахш будани суханро дарк кардан ҳолати равонии шахс нақши асосиро мебозад. Бӯй ҳамчун як василаи оромии руҳу равон маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар осори адибони тоҷик ҷузҳои консепти “бӯй”: *«мушк», «амбар», «атр»* ва дигар мафҳумҳо, ки ифодакунандаи *бӯй* мебошанд, зиёд истифода шудаанд. Дар осори адибони тоҷик, пеш аз ҳама *маъшуқа, зани зебо, маҳбуба, дӯстдошта* бо тамоми рангу бӯяш дар маркази диққат қарор дорад. Барои таърифу тасвир ва васфи шоҳон низ консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷик ба назар мерасад. Барои бедор кардани завқ, ба ҳаяҷон овардан, ҷалби диққат, баланд бардоштани маърифат, ба ваҷд овардан, нишон додани зебоӣ ва якчанд амалҳои дигар бевосита бӯй нақши асосӣ дорад. Аммо барои баёни онҳо забон ҳамаи ин амалҳоро ифода мекунад. Аз ин бармеояд, ки барои бодиққат омӯхтани чунин ҳодисаҳои забонию равонӣ таваҷҷуҳи худро ба маъноҳои канорӣ (переферия)-и консепти “бӯй” равона намоем.

Маъноҳои асосии консепти “бӯй”, ки бар маънои ифодакунандаи *бӯй* корбаст мешаванд, дар фарҳангномаҳо бо вожаҳои гуногун тафсир шудаанд. Ба қатори онҳо дохил мешаванд: ***анбар, атр, абир, азфар, голия, мушк, қаланфур, накҳат, нофа, кофур, ҳанут, бахур, уд, ладан, бон*** ва ғайра. Дар забони олмонӣ: der Duft, der Geruch, das Parfüm, die Aroma, die Ambra, die Moschus.

Дар зер бархе аз онҳоро дида мебароем.

Анбар: Анбар асосан «моддаи муммонанди хокистарранг, ки аз медаи моҳии анбар (кашалот) гирифта мешавад ва хеле хушбӯй буда, дар саноати атриёт истифода мешавад» [159, с. 62]. Аз рӯи баъзе маълумотҳо дар зери баҳр обсабзҳое месабзанд, ки ба онҷо танҳо моҳии анбар рафта метавонад. Дар натиҷаи истеъмол кардани он обсабзҳо дар шиками моҳӣ амбар пайдо мешавад. Дар шиками моҳӣ то 400 кило амбар ҷамъ мешавад, ки рӯдаашро

маҳкам карда ӯро ба марг бурда мерасонад ва об моҳиро ба соҳили баҳр мебарорад. Аз он анбар тайёр мекунанд, ки бӯйи хуш дорад.

Мушк: Мушк дорои сифатҳои махсуси худ мебошад. Масалан, *мушки ноб, мушки холис, мушки соф, мушки суда, мушки кӯфта*, ки ин сифатҳо ҳамчун ҷузъҳои «бӯйи мушк» мебошанд. Консепти «бӯй» дар адабиёт бо маънои маҷозӣ бештар истифода шудааст. Чунончи, дар абъёти шоирон вожаю ибораҳои *мушкбӯй, бӯйи май, нофаи мушк, бӯйи хуш, нофаи оҳу, нофаи тотор, анбар, накҳати гул, зулфи мушкин, мушки татор, мушки Хутан, анбари тар, нофа* ва ғайра ба маънои «бӯй» истифода шудаанд. Дар байту дубайтиҳои зер вожаи «бӯй» дар шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифтааст, ки на танҳо барои зебо гаштани сухан ба кор рафтаанд, балки ҳиссиёти ботиниро ифода мекунанд:

Лайлӣ майи *мушкбӯй* дар даст,
Маҷнун на зи май, зи *бӯйи май* маст.
Қонеъ шуда ин аз он ба *бӯе*,
В-он розӣ аз ин ба ҷустуҷӯе. *Низомӣ* [33, с. 104].

Дар байти боло вожаи *мушкбӯй* ишора ба симои зебои Лайлӣ дорад, яъне на май бӯйи мушк дорад, балки Лайлӣ бӯйи мушк дорад, ки майро ба даст гирифтааст ва аз он май ҳам мушкбӯ шудааст. Аз ин рӯ, Маҷнун аз бӯйи майе маст шудааст, ки он бӯйи Лайлӣ дорад. Дар ин ҷо мавқеи «бӯй» бо муносибати он ба *мушк*, *май* ва *Лайлӣ* нишон дода мешавад.

Атр – хушбӯйие, ки аз гулҳо ё чизҳои дигар ҳосил мекунанд ва бештар дар шишаҳо нигоҳ медоранд; бӯи хуш, роиҳаи хуш: *атри яхак* хушбӯии хушконидашуда, ки ба пахта молида ё ба чизе баста бо худ медоштанд; *атр задан* атр пошидан [159, с. 90].

Абир **–** навъе аз хушбӯиҳои хушк аз қабили мушк; номи хушбӯии сиёҳтоб, ки аз сандалу гулоб ва мушку заъфарон омода мешавад. Вожаҳое, ки бӯйи абирро ифода мекунанд: ***абироганд***, ***абирсиришт, абиромез,*** яъне хушбӯй, омехта бо абир, аз абир сиришташуда;

Азфар **–** тезбӯ; ***мушки азфар*** мушки бисёр хушбӯй, мушки холис [159, с. 44].

Ғолия **–** таркиби сиёҳранг, ки аз хушбӯиҳои гуногун, монанди мушк, анбар ва ғайра тайёр карда мешавад ва асосан барои сиёҳ кардани мӯй ба кор мебаранд [159, с. 384]. Дар забон ба маънои маҷозии *хушбӯй, муаттар* низ корбаст шуда, барои ифода намудани ин маъноҳо аз вожаи *ғолия* вожаҳои ***ғолиябор, ғолиябӯй, ғолиягун, ғолиязулф, ғолиямӯй, ғолиясой*** сохта шудаанд.

Накҳат **–** бӯи хуш, хушбӯй: ***накҳати гул***. хушбӯиовар, оварандаи бӯи хуш: ***насими накҳатовар.***

Нофа **–** моддае, ки дар халтачаи зери нофи оҳуи мушкин ҷамъ мешавад ва хеле хушбӯй аст; нофи оҳуи мушкин [157, с. 940].

Кофур **–** моддаи булӯии седранги бӯйдор, ки дар тиб ва техника ба кор меравад [157, с. 629].

Ҳанут **–** хушбӯиҳое, ки барои пошидан ба бадан ва кафани мурда тайёр мекунанд, монанди кофур, мушк ва ғ. [158, с. 494].

Бахур **–** моддаҳои самғии дудашон хушбӯй (*аз қабили уд, мушк, анбар, лодан* ва ғ.); *бухур кардан* моддаи хушбӯеро сӯзонда, дуди онро баровардан [157, с. 250].

Уд **–** дарахтест, ки чӯби сиёҳранг дорад ва дар вақти сӯзондан бӯи хуш медиҳад [158, с. 363].

Бон **–** дарахти мавзуне, ки баргҳои нозуку хушбӯй дорад ва аз донаҳои пистамонанди он равғани хушбӯй мегиранд [157, с. 229]

der Duft – бӯи хуше мебошад, ки аз гулу растаниҳо ва ё аз маводҳои гуногуни хушбӯй ба машом мерасад;

der Geruch – шарҳи фаъолшавии маводе дар ҳаво мебошад, ки ба воситаи биннӣ ва ё ягон узви дигар ба мағзи сар равона карда мешавад. Аз рӯи як таҳқиқоти соли 2014 инсон метавонад зиёда аз як биллион бӯйро фарқ карда тавонад.

das Parfüm – хушбӯйие, ки аз гулҳо ё чизҳои дигар ҳосил мекунанд ва бештар дар шишаҳо нигоҳ медоранд.

das Aroma – як бӯй ва ё як маззаи махсусе мебошад, ки ба воситаи омехта кардан маводҳои гуногуни химиявӣ ва ё табии омода карда мешавад, яъне бештар дар хӯрокаю доруворӣ ба чашм мерасад.

die Ambra – як намуд маводи хокистарранг мебошад, ки аз медаи моҳии кашалот гирифта мешавад. Пештар дар соҳаи атрсозӣ истифода мешуд.

der Moschus – моддаи сурху сиёҳранги хушбӯй мебошад, ки аз нофи як хели оҳуи нар (кабарға) ҳосил мешавад ва баъзе хусусиятҳои доруӣ дорад. Ҳоло барои истеҳсоли атр ва собун истифода мешавад.

2.5. Вижагиҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику форс

Дар осори адибону шоирони адабиёти тоҷику форс консепти «бӯй» фаровон истифода шудааст. Шоирону нависандагон барои баён кардани андешаҳои худ ва тасвири табиат дар асарҳояшон аз вожаи «бӯй» хеле зиёд корбаст намудаанд. Дар адабиёти тоҷику форс, пеш аз ҳама дар эҷодиёти сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс устод Абӯабдулло Рӯдакӣ беҳтарин унсурҳои консепти «бӯй» ба назар мерасад, ки дар осори худ муҳимтарин воситаи тасвири бадеӣ қарор додааст. Ин равияро устодони дигари каломи бадеъ ба монанди Фирдавсӣ, Сино, Носири Хисрав, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Румӣ, Низомӣ, Саноӣ, Аттор, Соиб, Ҷомӣ, Биноӣ, Камол, Бедил, Сайидо, Дониш, Шоҳин ва ғайраҳо пайравӣ карда, идома додаанд. Баъдинагон консепти «бӯй»-ро дар назму насри худ фаровон истифода кардаанд. Ҳамин тавр, дар давоми зиёда аз ҳазор сол аҳли илму адаб бо беҳтарин мафҳумҳои *бӯй* ганҷинаи адабиётро аз дурдонаҳо пур кардаанд, ки бештар дар он табиат ва инсон тасвир ёфтааст.

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме [186, с. 174].

Ин мисраъҳо ба қалами сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс устод Абӯабдулло Рӯдакӣ тааллуқ дошта, байни мардуми ориётабор маъмул

гаштааст ва дар мисраи якум шоир *бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён*, яъне яке аз бӯйҳои табиатро тасвир намудааст. Зикр бояд кард, ки доир ба ин байти машҳури Рӯдакӣ дар адабиётшиносии тоҷик баҳсҳои зиёде мавҷуданд. Хусусан, доир ба мисраи дуюм, ки иддае, онро «Ёди ёри меҳрубон» ва иддаи дигар «Бӯйи ёри меҳрубон» шарҳ медиҳанд. Мувофиқи андешаи адабиётшиноси маъруф Алии Муҳаммадии Хуросонӣ: «Барои он ки минбаъд, то пайдо гардидани маъхази муътамадтару қатъӣ, мо бояд кадоме аз ду навишти ин байтро қабул намоем, рӯй меорем ба ҳама маъхазҳои қаламӣ, ки байтро забту сабт намудаанд. Ҳоло дар ихтиёри худ бисту ҳашт маъхази қаламӣ дорем, ки порчаҳои қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» дар онҳо ҷой доранд. Аз ин бисту ҳашт маъхази қаламӣ дар як маъхаз байти фавқ ҷой надорад. Дар ду маъхаз «Ёди Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме, Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме» омадааст. Дар ҳашт маъхази қаламӣ мо шакли дувумро дорем. Дар дигар маъхазҳо (беш аз понздаҳто) ҳамон шакли иқтибоси аввалии мо ҷой дорад. Ин ҷо гап дар сари бешию камии маъхазҳои қаламӣ намеравад. Бо вуҷуди он ки баъзе рӯдакишиносон шакли дувуми онро истифода намуда, иддаъо кардаанд, ки ҳамин шакли байт дар яке аз маъхазҳои қадимтари қасида «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ (соли таълиф 1125 мелодӣ) бори аввал мавриди истифода қарор гирифтааст ва ӯ бегумон бо «Девон»-и устод Рӯдакӣ ошноӣ дошта будааст. Аз рӯйи ҳамин талабот, яъне қадимияти маъхаз ба «Чаҳор мақол»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ назар андозем, он ҳам дар қарни XII (1156) навишта шудааст ва ҳамзамони «Кашфу-л-асрор»-и Майбудӣ мебошаду дар он шакли аввалаи байти аввали иқтибосшудаи қасида омадааст. Дар муқоисаи ин ду маъхази байти аввали қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» мо афзалиятро дар «Чаҳор мақола» мебинем» [206, с. 34].

Таваҷҷуҳи асосии мо ба вожаи «бӯй» дар қасидаи мазкур аст. Бинобар ин, барои мо шинохти мухотаби Рӯдакӣ дар ин мисраъ аз назари равонӣ муҳимтар аст. Яъне, ин ҷо мухотаб, «Бӯйи ҷӯй», «Бӯйи Ҷӯйи Мӯллиён» ё «Бӯйи Мӯлиён» ҳаст? Аз назари мо, мухотаби Рӯдакӣ «Ҷӯйи Мӯллиён» аст, ки номи деҳ ё макони зистеро ифода мекунад. Зеро аз рӯйи аломатҳои

консепти «бӯй» маълум аст, ки сухан дар бораи манбаи пайдоиши бӯй меравад ва он наметавонад, танҳо ҷӯй ё ҷӯйчае бошад, ки устод Рӯдакӣ ба он бо андешаи фарох назар андозад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, дар ин ҷо сухан дар бораи маҳал ва маконе бо номи «Ҷӯйи Мӯлиён» меравад, ки обу ҳавои фораму дилкаш ва бӯйи махсуси худро дорад. Таъкид аз бӯйи макон, ин муҳаббати бепоён доштан ба ҳамон ҷой аст. Аз ин хотир, метавон гуфт, ки Рӯдакии шоир ба маконе, бо номи «Ҷӯйи Мӯллиён» дилбастагии сахт доштааст ва бӯйи ин маконро болотар ва афзалтар аз ҳамаи бӯйҳои дигар макон медонад.

Чуноне ки забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин дар асари худ «Забоншиносии равонӣ» қайд кардаанд, барои фаҳмидани нутқи забонӣ якчанд равандҳои гуногуни маърифатии коркарди иттилоот ба амал меоянд. Яке аз онҳо ин шакли овозии калимаҳои шунидашуда, баёни синтаксикӣ ва семантикӣ мансубанд [141, с. 38].

Ба андешаи мо, ҳар ҳодисаю воқеаҳое, ки дар ҳар давру замон ба вуқуъ мепайванданд, сабабгори асосии қалам ба даст гирифтани мутафаккирон мегарданд. Пеш аз ҳама, мақсади асосии Устод Рӯдакӣ бо ин шеъри машҳур, яъне бо сухан (рафтори забонӣ) тасвир намудани зебоиҳои табиат ва бо ҳамин роҳ ба Ватан баргардонидани шоҳ буд.

Дар байти зерини Рӯдакӣ вожаи «бӯй»-ро хело моҳирона барои тасвири шаҳри Бухоро истифода намудааст.

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо *бӯйи гулу мушку насими суман* ояд [206, с. 108].

Дар ин мисраъҳо консепти «бӯй» ва дигар воситаю сарчашмаҳои пайдоиши бӯй ба назар мерасанд. Масалан, мафҳумҳои *бод* ва ё *насим*, ки асосан *бӯй* метавонад бо ин воситаҳо равона ё қабул карда шавад, истифода шудааст. Мисоли дигар, ин вожаи *Бухоро* мебошад, ки агар аз як тараф, номи шаҳрро ифода кунад, аз тарафи дигар бӯйи махсусеро ифода кардааст, ки танҳо ба шаҳри Бухоро тааллуқ дорад. Мафҳумҳои *гул* ва *суман* дар мисраи мазкур ҳамчун сарчашмаҳои пайдоиш ва ё тавлиди бӯй мебошанд. Аз рӯи

тафсири маълумотҳо *мушк* ин моддаи сиёҳранги бисёр хушбӯест, ки аз ҳайвон ё растанӣ ҳосил карда мешавад ва дар атрсозию тиб самаранок мавриди истифода қарор дорад.

Мафҳуми *насим*, ки дар байти боло омадааст маънои *боди форами саҳаргоҳ, боди нарм, яъне насими пагоҳӣ, саҳарӣ, субҳ ва сабо* мебошад. Суман ё ин ки ёсуман ин як намуди гул ё гулбутае, ки сафеду кабуд ва зарди *хушбӯй* мебошад. Натиҷаи таҳлили мисраи дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки консепти «бӯй» барои тасвири шаҳри Бухоро хело моҳирона мавриди истифода қарор дода шудааст. Аз назари лингвистӣ, агар вожаҳои «насим», «гул», «мушк», «суман» ва «Бухоро» дар ин байт ифодакунандаи маънoҳои асосӣ ва канорӣ (переферия)-и консепти *бӯй* бошанд, аз назар равонӣ онҳо ашёҳое мебошанд, ки ба кас эҳсосоти мусбӣ мебахшанд. Чунончи *насим* ҳамон боди форам аст, ки аз сӯйе мевазад ва мисли дигар воситаҳои тасвири ҳамин мисраъ ба равони инсон тароват мебахшанд.

Аз рӯи ақидаи забоншиносони маъруфи тоҷик Ш. Рустамов ва Р. Ғаффоров, ҳодисаи бевоситаи мушоҳидашавандаи забон нутқ аст. Забон ҳамчун воситаи муошират дар нутқ ба таври воқеӣ зуҳур мекунад [26, с. 5].

Забоншинос В. П. Белянин дар асари худ «Забоншиносии равонӣ» қайд мекунад, ки дарк кардани нутқ яке аз вазифаҳои олии равони инсон ба ҳисоб меравад. Нутқи шифоҳӣ бо роҳи шунидан ва нутқи хаттӣ бо роҳи хондан дарк карда мешавад [10, с. 124]. Дар робита ба андешаҳои боло забон ҳамчун маводи муошират барои баён ва дарки нутқ арзи вуҷуд дорад. Мо дар алоқамандии забон ва нутқ фикрамонро баён мекунем ва фикри дигаронро дарк мекунем. Дар якҷоягии забон нутқ ва тафаккур инсон зиндагияшро ба роҳ монда метавонад.

Забоншинос С. М. Маланов дар асари худ «Забоншиносии равонӣ: назарияи равонии амали нутқӣ» қайд мекунад, ки амали гуфтор дар як вақт ҳам мавҷудияти забон ва ҳам мавҷудияти нутқро дарбар мегирад. Забон ин як системаи воситаҳои амалию рамзӣ, ки дар амали нутқ истифода мешавад ва

нутқ бошад истифодаи забон дар амалҳои муошират ва фаолият аст [63, с. 15].

Забоншиносон Райнер Дитрих ва Йоҳаннес Гервин дар асари худ «Забоншиносии равонӣ» оид ба дарки нутқи баёншуда чунин андеша пешниҳод кардаанд: «Ёфтани калима дар лексикаи зеҳнӣ ҳанӯз маънои баёни нутқи забониро надорад. Байни фаҳмиши маънои калима ва фаҳмидани маънои нутқи забонӣ фарқият калон аст» [141, с. 164].

Аз ин суханони забоншиносон ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳар як маводи забонӣ хоҳ дар шакли шифоҳӣ ва хоҳ дар шакли хаттӣ дорои хусусиятҳои мавзуъ, макон, замон, фарҳанг, миллат, таърих ва ғ. мебошад. Барои дарки мазмуни маводи забонӣ танҳо дониши хуби забондонӣ басанда нест, балки таҷрибаю ҷаҳонбинӣ низ муҳим аст. Ба ақидаи мо ҳар шоири замон ҳолати руҳии худ ва муаммоҳои замони худро рӯи қоғаз меорад. Мувофиқи масалаҳои забоншиносии равонӣ дар мисраъҳои боло меҳр, муҳаббат, ишқ, вафодорӣ, дӯстдорӣ, содиқӣ, зебоипарастӣ, некандешӣ ва чанде дигар хислатҳои беҳтарини инсониро нисбати шаҳри Бухоро доштани шоир ба чашм мерасад. Гуфтан мумкин аст, ки шоир ин шеърро дар ҳолати берун аз шаҳри Бухоро буданаш, яъне дар ғарибӣ навиштааст ва ҳолати равонии ӯро бараъло мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз рӯи асарҳои Абуалӣ ибни Сино бармеояд, ки маводҳои хушбӯй аз замонҳои қадим ҳамчун воситаи табобат низ истифода мешудаанд [136, с. 5]. Аз рӯи баъзе маълумотҳо Абуалӣ ибни Сино ҳангоми хурӯҷи беморихои гуногун ниқоби махсусро тавсия дода буд, ки дар он гиёҳҳои хушбӯй гузошта мешуданд. Дар соҳаи тиб ва асарҳои тиббии Абуалӣ ибни Сино низ вожаи «бӯй» зиёд ба назар мерасанд, ки ҳамчун консепт мақоми махсус доранд.

На дасту пои амалро фурӯ тавонӣ баст,

На **рангу бӯйи** ҷаҳонро раҳо тавонӣ кард [190, с. 13].

Ибни Сино дар ин мисраъҳо ибораи «рангу бӯй»-ро истифода кардааст. Дар забони тоҷикӣ ҳамроҳ омадани вожаҳои *ранг* ва *бӯй* зиёд ба назар

мерасад. Агар ба мазмуни мисраъҳои боло эътибор зоҳир намоем, маълум мегардад, ки Абӯали ибни Сино дар назди муаммоҳои ҷаҳон оҷиз будану ноумедиашро баён кардааст. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба вуҷуд омадани чунин мисраъҳо танҳо амалу рафтори забонӣ нест, балки амалу рафтори равонӣ дар ин ҷараён нақши худро доро мебошад. Мисраъҳои боло бевосита ҳолати рӯҳию равонии шоирро нишон медиҳанд. Ба андешаи инҷониб талаффуз кардани ин ё он калима бе иштироки ҳодисаҳои равонӣ мазмуне ба вуҷуд оварда наметавонд, яъне мазмуни сухан ин, пеш аз ҳама, маҳсули кори тафаккур мебошад. Забоншинос В. П. Белянин мегӯяд, вақте ки шахс китоб мехонад ва ё ҳамсуҳбаташро гӯш мекунад, ба худ ҳисобот намедиҳад, ки нишонаҳо ва садоҳои нутқ маъно бароварда истодаанд. Ӯ ноаён худ ба худ ба мазмуни нутқи даркшуда мегузарад [10, с. 123].

Асари дигаре, ки дар он консепти «бӯй» бештар ба назар мерасад, «Шоҳнома»-и безаволи яке аз бузургтарин шоирони тоҷику форс Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст, ки шоҳи афсонавӣ Ҷамшед ба мардуми худ истифодаи маводҳои хушбӯйро нишон додааст [136, с. 12]. Новобаста аз он ки дар «Шоҳнома» сухан дар бораи шоҳону ҷангу муборизаҳои Эрон ва Тӯрон меравад, дар баробари инҳо дар он урфу одат ва тарзи зисту зиндагии ҳамон давра таҷассум ёфтааст. Маводҳои хушбӯй, албатта ҳамчун чизҳои қимматбаҳо дар хазинаи шоҳон ва дарборҳо нигоҳ дошта мешуд. Бештар дар дарбори шоҳон барои гузаронидани ҷашну маросим ва чорабиниҳо ба монанди базми арӯсӣ, тавлиди кӯдак ва ё маросими дафн маводҳои хушбӯйро истифода мекарданд. То ҳол дар бештари деҳаҳо мардум дар маросими дафн кафанро бо райҳон атрнок мекунанд. Дар мисраъҳои зери Фирдавсӣ низ ҷуфтвожаҳои *рангу бӯй* равшан ба чашм мерасанд:

Ҷаҳон киштзорест бо *рангу* ***бӯй***,

Дарав маргу умр обу мо кишти ӯй [185, с. 400].

Дар ин байт вожаҳои «*рангу бӯй*» ҷуфт истифода шудаанд, ки ифодакунандаи ҳолати воқеиву равонии инсон мебошанд. Яъне ҷаҳони

ботиниву зоҳирии инсонро ҳамин ду чиз бештар оро медиҳанд: ***ранг***, ки ба воситаи чашм онро мебинем ва ***бӯй***, ки онро тавассути узви шомеа ҳис мекунем. Ҷузъҳои «дарав», «марг», «умр», «об» ва «кишт» дорои ранг ва бӯйи хосса мебошанд, ки бо ҳам иртиботи маъноӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки шоирон табиату ҷамъиятро бештар дарк карда дар бораи баъзе масалаҳои ҳаёт андешаҳояшонро баён мекунанд. Мувофиқи масъалаҳои забоншиносии равонӣ амалҳои дарк кардан ва баёни андеша худ ҳодисаҳои равонӣ мебошанд. Барои дарк кардан ва ё баён кардани фикр, албатта, забон воситаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз он ҷумла, агар бӯйи чизеро мо ҳис кунем ҳам, вале ҳамон ҳиссёт (бӯй)-ро мо метавонем тавассути забон ба шунаванда расонем.

Аз он хонаи духти хуршедрӯй,

Баромад ҳаме то ба хуршед ***бӯй*** [185, с. 277].

Дар байти мазкур манзури шоир *бӯйи духтар* аст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» омодагии духтари шоҳ Рӯдобаро барои пешвози Золи Зар шарҳ додааст. Ӯ мегӯяд, ки Рӯдоба дарборро ҳамчун ҷаннат ороиш дода, шаробро бо мушку анбар хушбӯй кунонида буд [136, с. 45]. Шоир симои духтарро тавассути *баромадани бӯй* ба шунаванда ва хонандаи худ мерасонад.

Барои Носири Хисрав ақл ҳамчун ягона меваи руҳи инсонӣ мебошад, ки ба монанди қанд ширин асту ба монанди амбар *бӯйи хуш* дорад. Ин худ шоҳидӣ аз он медиҳад, ки мо на танҳо ҷаҳони иҳотакардаро меомӯзем, балки инсон дорои як ҷаҳони ботиние мебошад, ки он пур аз мафҳумҳои мавҳумӣ (абстрактӣ) мебошад:

Чун ту ба боғ бигзарӣ, гул нарасад ба *бӯйи ту,*

Лек расад ба қоматат сарв, агар равон шавад. *Хусрав* [33, с. 77].

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ барои ситоиши шахсони муқаддас вожаи «бӯй»-ро дар эҷодиёти худ мавриди истифода қарор додааст. Ӯ шахсони ботарбияву поктинатро ба *анбар*, шахсони бадахлоқро ба *пиёзу сирко*, ки бӯйи бад доранд, баробар кардааст [136, с. 39]. Чунончи, дар мисраъҳои зер Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ шахси *ошиқ*-ро тавсиф намуда, мутаносибан

вожаҳои *ишқ, фарқ, куфр*ро бо ҷузъҳои *«бӯйи ишқ», «бӯйи фикр», «бӯйи дин»* ва *«бӯйи яқин»* ифода нумудааст.

Ҳар чӣ гӯяд марди ошиқ, *бӯйи ишқ*
Аз даҳонаш меҷаҳад дар кӯи ишқ.
Гар бигӯяд фиқҳ, фақр ояд ҳама,
Бӯйи фақр ояд аз он хуш дамдама.
В-ар бигӯяд куфр, дорад *бӯйи дин*,
Ояд аз гуфти шакаш бӯйи *яқин* [196, с. 191].

Ҳамин гуна, дар осори Қатрони Табрезӣ, Аттор, Саноӣ, Низомӣ, Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигар намояндагони адабиёти тоҷику форс низ барои ситоиши шахсони муқаддасу таърихӣ истифодаи консепти «бӯй» бештар ба назар мерасад:

Ошиқонат ба саҳарҳо, ки дуо мегӯянд,
Бо дуо *бӯйи ту* аз боди сабо меҷӯянд. *Камол* [33, с. 192].

Эй гули рухсори ту бурд зи рӯи гул об,
Суҳбати гулзорҳо кард ба *бӯят гулоб* [33, с. 378].

Саломе чу *бӯйи хуши ошноӣ*,
Бад-он мардуми дидаи рӯшноӣ. *Ҳофиз* [33, с. 44].

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ шоир ва файласуфи намоён, яке аз бузургтарин ва машҳуртарин суханварони форсизабон бо осори ғановатманду пурмазмун ва саршори ғояҳои олии инсондӯстии худ дар адабиёти ҷаҳон мақоми хосаеро ишғол кардааст. Муҳаммад Иқбол асарҳои худро бо забонҳои тоҷикӣ-форсӣ, урду ва олмонӣ эҷод кардааст, ки онҳо мавриди таваҷҷуҳу омӯзиши пажуҳишгарони Шарқу Ғарб қарор гирифтаанд. Дар эҷодиёти Муҳаммад Иқбол консепти «бӯй» хело фаровон истифода шудаанд, ки дар мисраъҳои поён метавон онро мушоҳида кард. Қайд бояд кард, ки дар ашъори Иқбол ибораи «рангу бӯ», ки ҳамчун ҷузъи консепти «бӯй» маҳсуб меёбад, ба маънои ҳолат ва вазъи зиндагӣ корбурд шудааст:

Эй олами *рангӯ бӯ*, ин суҳбати мо то чанд,

Марг аст давоми ту, ишқ аст давоми ман [198, с. 170].

Шоху баргу *бӯйи гул* ҳамон,

Бар ҷамолаш нолаи булбул ҳамон.

Аз тилисми *рангу бӯйи* ӯ гузар,

Тарки сурат гӯю дар маънӣ нигар [198, с. 193].

То ҷаҳони *рангу бӯ* гардад дигар,

Расми ӯ, оини ӯ гардад дигар [198, с. 215].

Даргузар аз *рангу бӯҳои куҳан*,

Пок шав аз орзуҳои куҳан [198, с. 249]

Зиндагии замони ҳар мутафаккир сарчашмаи асосии осори адабии ӯ мебошад. Дар асарҳои офаридаи шоирону нависандагон ҳолати рӯҳӣ ва саргузаштҳои онҳо ва ҳодисаҳои таърихӣ ҳувайдо аст.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ консепти «бӯй» мавқеи худро гум накард, баръакс ба ифодаҳои нав ба майдони сухан омад. Чунончи:

Баҳори рӯзгораш *рангу бӯйи* сад чаман дорад,

Рухаш гул-гул шукуфта, хотираш болида меояд. [197, с. 55].

Мисраъҳои зер ҳам ба қалами Мирзо Турсунзода тааллуқ даранд, ки дар он *бӯйи замин* хело олӣ тасвир шудааст.

Бо ситора ҳамнишин, бо моҳ гаштам ҳамнафас,

Лек будам сархушу сармаст аз *бӯйи замин*. [197, с. 55].

Бояд қайд кард, ки шеър танҳо оҳангу суруди фораму дилнишин нест, баракс шеър шакли фишурдаи маълумот аст, ки дар он мақсаду маром ва пайғоми шоир бо мазмуни баланд ниҳон аст.

Метавон қайд кард, ки аз осори Рӯдакӣ то осори замони муосир пур аз консептҳои *рангу бӯйи зиндагӣ* мебошанд. Консепти «бӯй» дар осори шоир ва нависандаи бузурги тоҷик Мирзо Турсунзода хело зиёд ба назар мерасад, ки ин мавзуъро шоири маҳбуб Лоиқ Шералӣ дар яке аз шеърҳояш ишора кардааст:

Боз аз мулки абад ҳам бингарад сӯи замин,

Баски дорад шеъри ӯ *атри замин, бӯйи замин* [195, с. 512].

Дар шеъри «Қиссаи Ҳиндустон» шоир ибораи «бӯйи муаттар»-ро бо ифодаи аломати мусбат ва ҳаракаткунанда нишон медиҳад.

Ман аминам, мерасад ҳар як садои мо ба ӯ,
Ҳар як овози пур аз меҳру вафои мо ба ӯ,
Кӯҳсорон ҳеҷ натвонанд садди раҳ шаванд,
Мебарад бӯйи муаттарро ҳавои мо ба ӯ.

Бо ин мисраъҳо шоир, пеш аз ҳама, боварӣ, меҳр ва вафоро ба забон овардааст ва огоҳ кардааст, ки ҳеҷ чиз садди роҳ намешавад ва садои мо ба халқҳои бо мо дӯст мерасад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки шоир таъсироташро баъди сафараш рӯи қоғаз овардааст ва кишварҳою зиндагии мардумони дидааш аз пеши назараш дур намешуданд. Ин нишонаи ҳолати рӯҳии шоир мебошад, ки сухани ӯ парвози баланд кардааст ва сарҳадҳоро убур карда ба дӯст расидааст.

Ҳамин тавр, ҳар сухане, ки мутафаккирон гуфтаанд, дорои мақсаду мароми хоси худ мебошад ва мардумро аз ҳодисаю воқеаҳои аз сар гузаронидаи худ бохабар мекунад ва ҳамчун дарси зиндагӣ онро барои ояндагон пешкаш мекунанд. Албатта, таҷриба, завқи баланд, зиракӣ, дониш ва худшиносӣ нақши босазое дар зиндагӣ мебозад. Ба ҳамаи ин дастовардҳо мо на танҳо бо забон, балки бо равони худ сазовор мегардем.

2.5.1. Аломатҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику форс

Дар асоси таърифҳои умумии консепти “бӯй” аломатҳо ва хусусиятҳои консептуалии онҳо муайян карда мешавад. Барои лексемаҳои тоҷикӣ маъмултарин аломатҳои консепти “бӯй”-ро дар мисоли абёти шоирони тоҷику форс дида мебароем. Дар байтҳои зер аломатҳои гуногуни консепти «*бӯй»* ифода мёбанд:

- ***аломати инъикоскунандаи зебоии маъшуқ.*** Яке аз аломатҳои бӯй инъикос намудани зебоии инсон ё табиат мебошад. Зебоии маъшуқ дар абёт

дар бӯйи зулфи ёр нишон дода мешавад. Бӯйи мушк ва анбар бо зулфи ёр тавъам меоянд ва нисбати он вожаҳои *мушкбез, мушкбӯй, мушкранг, мушкбор, мушкин, анбарин, анбарбӯ, ғолиябӯ* ва ғайра истифода гардида, маҳз ҳамин бӯйҳо зебоии маъшуқро инъикос мекунанд:

Гар *мушк* аст, аз чи маънӣ аз сари зулфони ёр,

Мушкбезу мушкбӯю мушкрангу мушкбор. Унсурӣ [33, с. 117].

Рӯят – дарёи ҳусну лаълат – марҷон

Зулфат -*анбар*, садаф – даҳон, дур – дандон.

Абрӯ – киштию чини пешонӣ – мавҷ,

Гирдоби бало – ғабғабу чашмат – тӯфон. *Рӯдакӣ* [33, с. 66].

Ҳамчунин, *зулфи мушкини* ёр ҷиддӣ ва бодиққат буданро талаб мекунад.

Гар зи дасти *зулфи мушкинат* хатое рафт, рафт,

В-ар зи ҳиндуи шумо бар мо ҷафое рафт, рафт. *Ҳофиз* [33, с. 203].

Ин ишқи оташинам дуд аз ҷаҳон барорад,

В-ин *зулфи анбаринат* оташ зи ҷон барорад. *Қӯқанӣ*

- аломати мавҷудияти маъшуқ. Дар адабиёти тоҷик ягон бӯй ба дараҷаи *бӯйи ёр* ва *бӯйи дӯст* бо ҳиссиёти баланд тасвир нашудааст. Барои ба натиҷаи хуб ноил гардидан дар ин масъала забон дар танҳоӣ оҷиз аст ва инҷо амалҳои равонӣ дар ҳамоҳангии амали забонӣ натиҷабахш мебошанд:

Чӣ хуш бошад насими боди ховар,

Ба хоса чун бувад бо *бӯйи* дилбар.

Насими кас канори дилбар ояд,

Зи *бӯйи мушку амбар* хуштар ояд.

Дар байти мазкур объекти асосӣ маъшуқа (дилбар) буда, бӯйи ӯ аломати мавҷудияти ӯ мебошад. Маъшуқ касе, ки ҳато бо ягон нишонаи маъшуқ худро руҳан таскин медиҳад. Бинобар ин дар шеъри мазкур низ ишора ба бӯйи дилбар шудааст.

- ***аломати ба дом афканандагӣ.*** Аломати дигари *бӯйи хуш* он аст, ки касро тобеи худ мекунад. Ҳамеша кас майли *бӯйи хуш кашидан* дорад. Дар байтҳо низ ҳамин хусусияти бӯй маънои ба дом афтоданро инъикос мекунад ва бо ибораҳои *зулфи мушкин, ҷаъди мушкин* ва монанди инҳо меояд:

Мурғи ҷонам то ба доми *зулфи мушкинат* фитод,

Рӯзи ман шуд бар мисоли *нофаи тотор* тор. *Ризо* [33, с. 180].

Марҳабо, эй дилбари симинтани симинбадан,

Ҷаъди мушкинат бувад дар гардани ҷонам расан. *Туғрал* [33, с. 260].

Ҳар киро зулфи ***анбарин*** бошад,

Мор дар ганҷи ӯ қарин бошад *Туғрал* [33, с. 79].

- ***аломати ҷалбкунандагӣ.*** Аломати дигари бӯ таваҷҷуҳро ба худ ҷалб кардан мебошад. Дилхоҳ бӯй диққатро ба худ мекашад ва беихтиёр дар ҷустуҷӯйи бӯй мешавӣ. Ҳамин аломати бӯй дар адабиёти тоҷик зиёд истифода шудааст:

Ба *бӯйи* зулфу рухат мераванду меоянд

Сабо ба ғолиясоиву гул ба ҷилвагарӣ. *Ҳофиз* [33, с. 654]

- ***аломати фарқкунандагӣ***. Бӯйҳо гуногун ва хеле зиёд мешавад. Ҳар бӯ хусусияти хоси худро дошта аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунончи дар байтҳо фарқи бӯйҳо нишон дода шудааст: *бӯйи мушк, бӯйи анбар, бӯйи қаранфул, бӯйи нофаи оҳу, накҳати гул*:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,

Бӯи аҷабеш аз даҳан меояд,

Ин *бӯи қаранфул* аст, ё *накҳати гул*?

Ё *нофаи оҳуи* Хутан меояд. *Бедил* [33, с. 674]

- ***аломати пинҳон намондан***. Яке аз аломатҳои муҳимми бӯй ин аст, ки онро ҳаргиз пӯшида намешавад, дар ҳар ҳолат он ошкор мегардад. Аз ҳамин нуктаи назар дар байтҳо бӯйро ҳамчун ошкоркунандаи ҳамаи сирҳо медонанд:

Агар ту рӯй ба ҳам баркашӣ чу *нофаи мушк*,

Гумон мадор, ки *бӯйи хушат* ниҳон монад. *Саъдӣ* [33, с. 52]

Гуфтам: - эй *нозукбадан*, аз ту биёяд *бӯйи мушк*,

Гуфт: - *бӯйи мушк* не, ин гарди домони ман аст. *Аҳмади Ҷомӣ* [33, с. 108].

Бӯй расво кард макрандешро,

Пил донад *бӯйи бача(и)* хешро [33, с. 306]. Румӣ

Ҳамин аломати *мушк* ҳатто дар зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ низ ифода ёфтааст: «*Бӯйи мушк пинҳон намемонад*».

- ***аломати баҳодиҳӣ.*** *Бӯйи хуш* бо қимати зиёд ба даст меояд. Чунончи анбар агар аз меъдаи моҳии анбар (кашалот) гирифта шавад, мушк аз ҳайвон (хусусан аз нофаи оҳу) ва растанӣ ҳосил мешавад, ки ба даст овардан ва ҳосил намудани он хеле гарон аст. Аз ин рӯ, дар байтҳо *бӯйи хушро* ҳамчун арзишу баҳои баланд ба шахс мансуб медонанд.

Ҳар сангпора менашавад гавҳари нафис,

Ҳар *нофи оҳу* менадиҳад *нофаи татор*. *Қивомӣ* [33, с. 135]

Мушк он аст, ки худ *бибӯяд*, на он ки аттор бигӯяд [33, с. 198].

- ***хусусият (аломат)-и бехтани бӯй.*** Бӯй хусусияти бехтан, яъне афшондану пошидан дорад, ки дар байтҳо ба ҳамин маъно корбаст мешавад. Дар байтҳо онро ҳамчун қувваи эҳёкунанда тасвир мекунанд:

Бурқаъ ба рух афганда барад ноз ба боғаш,

То *накҳати гул* ***бехта*** ояд ба димоғаш. *Сайдии Теҳронӣ* [33, с. 145].

Сафои сафвати рӯят бирехт оби баҳор,

Ҳавои ҷаннати кӯят ***бибехт*** *мушки татор. Салмони Совачӣ* [33, с. 184].

Нофаи ӯ *анбари тар* ***бехтӣ***,

Пистаи ӯ қанду шакар рехтӣ.

Соғари мул нафҳае аз *бӯйи* ӯ,

Дафтари гул сафҳае аз рӯи ӯ.

Шаммае аз *накҳати бӯят* чаман,

Накҳате аз гулшани рӯят саман. *Котибии Туршиҷӣ* [33, с. 218].

- ***хусусият (аломат)-и бишнидани бӯй.*** Хусусияти шунидани бӯй дар ягон асари илмӣ қайд нашудааст. Бӯйро асосан тавассути қувваи шомма (димоғ) мо ҳис мекунем, вале дар адабиёти тоҷик ба бӯй феълҳои ***шунидан*** ва ***диданро*** низ илова мекунанд, ки хусусияти шуниданиву диданӣ низ касб менамояд. Албатта, дар байтҳо бо овардани феълҳои мазкур танҳо ҳиссёти баланди равонӣ доштани бӯйро ифода мекунанд, Чунончи, ***бӯ шунидан*** – бӯ бурдан, бӯй ҳис кардан, бӯидан:

Бо сабо ҳамроҳ бирафт аз рухат гулдастае,

Бӯ, ки *бӯе бишнавам* аз хоки бӯстони шумо. *Ҳофиз* [33, с. 315].

Ҳарчанд, ки кас надид рӯяш,

Лекин ҳама кас шунид бӯяш. *Ҳилолӣ* [159, с. 218]

- ***аломати шинохти осор ва нишон***. Бӯй метавонад барои шинохти касе ё чизе ҳамчун аломати осор ё нишон хизмат кунад:

Пероҳане, ки ояд аз ӯ бӯйи Юсуфам,

Тарсам, бародарони ғаюраш қабо кунанд. *Ҳофиз* [33, с. 651]

Ношуда аз хӯйи бадат дил тиҳӣ,

Кай расад аз назми ту бӯйи беҳӣ. *Ҷомӣ* [33, с. 218]

Ба ёдат чашм аз он бар гул фикандам,

Ки бӯи Юсуф аз пироҳан омад. *Шоҳин* [33, с. 533]

Дар боғ гул аз ту мебарад бӯй,

Бӯи ту барад ба боғ моро. *Ҷомӣ*

- ***аломати умедбахшӣ***. Бӯйи хуш аз нигоҳи равонӣ ба кас умед ба зиндагӣ, умед ба оянда мебахшад. Ҳамин масъала аз назари адибони тоҷик дур намондааст ва дар абёти онҳо ибораҳои *бӯйи умед, бӯйи орзу* ва монанди ин зиёд ба назар мерасад:

Бӯи беҳбуд зи авзои ҷаҳон мешунавам,
Шодӣ овард гулу боди сабо шод омад. *Ҳофиз*

Дӯш вақти нимашаб *бӯйи баҳор* овард бод,
Ҳаббазо боди шимолу хуррамо *бӯи баҳор*! *Фаррухӣ*

Зи бӯйи хулқаш ҳаблулварид ёфт ҳаёт,
Зи фарри нутқаш ҳаблулматин гирифт бақо. *Хоқонӣ*

Бар *бӯи он* ки дар боғ *ёбад* гуле чу рӯят,
Ояд насиму ҳар дам гирди чаман барояд. *Ҳофиз*

- ***аломати сарчашмаи сархушӣ ва мастӣ.*** Бӯйро асосу сарчашмаи сархушӣ, мастӣ ва хушҳолӣ меноманд. Ин аломатҳои бӯй дар асарҳои маъруфи Саъдии Шерозӣ «Гулистон» ва «Бӯстон» хеле моҳирона ифода ёфтаанд. Устоди сухан Саъдии Шерозӣ дар асарҳои худ консепти «бӯй»-ро барои тасвирҳои гуногуни табиату инсон фаровон мавриди истифода қарор додааст ва аз номи асарҳояш бармеояд, ки консепти «бӯй» дар маркази диққат қарор доранд. Агар назар афканем, вожаи «гул» сарчашмаи тавлиди бӯй ва вожаи «бӯстон» аслан аз калимаи «бӯйистон» кӯтоҳ шудааст.

Дар маҷмуъ метавон гулистонҳо ва бӯстонҳоро сарчашмаи пайдоиши бӯй тавзеҳ дод. Чунончи, дар байти зер омадааст:

Гуле, ки на *ранг* бошад на *бӯй*,
Ғариб аст савдои булбул бар *ӯй* [200, с. 135].

Саъдӣ дар ҳикояю шеърҳои «Гулистон» консепти «бӯй»-ро барои тасвири сифатҳои *табиат* ва *инсон* хело моҳирона мавриди истифода қарор дода, дар мисоли ҳикояи зерин ҳамчун сарчашмаи сархушӣ ва мастӣ истифода шудани бӯйро шоҳид мегардем:

«*Яке аз соҳибдилон сар ба ҷайби муроқибат фурӯ бурда буд ва дар баҳри мукошифат мустағрақ шуда. Ҳоли ки аз ин муошилат бозомад, яке аз дӯстон гуфт:*

- Аз ин бӯстон, ки будӣ, маро чӣ туҳфа каромат кардӣ?

Гуфт:

- Ба хотир доштам, ки чун ба дарахти гул расам, домане пур кунам ҳадяи асҳобро. Чун бирасидам, ***бӯйи гулам*** *чунон* ***маст кард****, ки доманам аз даст бирафт*» [201, с. 19].

Дар ҳикояи мазкур ба ҳамин аломатҳои консепти «бӯй», яъне ҳолати сархушӣ ва мастӣ ишора мешавад, ки бӯй қудрати касро сармасту бехуд кардан дорад.

Гиле хушбӯй дар ҳаммом рӯзе
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-ӯ гуфтам, ки *мушкӣ ё абирӣ*,
Ки аз *бӯйи диловези* ту мастам?! [201, с. 22].

Ҳамин тавр, таҳлили фавқ нишон дод, ки дар адабиёти тоҷику форс консепти “бӯй” аз аломатҳои зайл иборат мебошанд: *аломати инъикоскунандаи зебоии маъшуқ, аломати мавҷудияти маъшуқ, аломати ба дом афканандагӣ, аломати ҷалбкунандагӣ, аломати фарқкунандагӣ, аломати пинҳон намондан, аломати баҳодиҳӣ, хусусият (аломат)-и бехтани бӯй, хусусият (аломат)-и бишнидани бӯй, аломати шинохти осор ва нишон, аломати умедбахшӣ, аломати сарчашмаи сархушӣ ва мастӣ*.

2.6. Вижагиҳои психолингвистии консепти «бӯй» дар осори адибони олмонӣ

Забони қадимаи олмонӣ дар зери таъсири забони лотинӣ ташаккул ёфтааст. Аввалин дастнависҳо ба забони олмонӣ тахминан ба солҳои 700 милодӣ тааллуқ доранд. Дар он давра шакли ягонаи забони олмонӣ вуҷуд надошт ва ҳар нависанда вобаста бо минтақае, ки дар он зиндагӣ мекард, бо лаҳҷаи худ менавишт. Забони олмонӣ дар ин давра бештар таъсири забони лотиниро дошт ва зимнан дар солҳои 1300 то 1400 милодӣ ба тадриҷ аз ҳолати аввалаи худ фосила гирифт ва ба шакли имрӯзаи худ даромад.

Бузургтарин ҳодиса дар забони адабии ҳозираи олмонӣ ин тарҷумаи Инҷил аст, ки онро Мартин Лютер ба анҷом расонид ва бо ин восита таҳкурсии асосии забони адабии ҳозираи олмониро гузошт. Мартин Лютер дар оилаи нақбкан, дар яке аз шаҳрҳои Олмон Айслебен ба дунё омадааст. Соли 1534 тарҷумаи китоби муқаддаси Инҷилро ба анҷом расонидааст. Тарҷумаи Инҷили Мартин Лютер соли 1534 аз чоп баромад, ки ин як нуқтаи таҳаввулот дар роҳи забони ягонаи хатӣ ва адабии ҳозираи олмонӣ буд. Вилҳелм Шерер инро бузургтарин ҳодисаи адабӣ дар қарни XVI, яъне дар тамоми давраи солҳои 1348 то 1646 номидааст [127, с. 57]. Дар ин миён, нақши Мартин Лютер ба унвони оғозгари ислоҳоти мазҳабӣ ва бунёдгузори забони адабии олмонӣ бузург аст. Мартин Лютер дар вақти тарҷумаи Инҷил кӯшиш кардааст, то ки аз истифодаи калимаҳои лотинӣ ва дигар забонҳо дар канор бошад. Аз ҳамин сабаб мо гуфта метавонем, ки ин яке аз хидматҳои бузургтарини Мартин Лютер барои пойдор сохтани забони адабии ҳозираи олмонӣ мебошад. Мартин Лютерро асосгузори забони хаттии олмонӣ ном мебаранд. Лютер ҳамеша хостгори он буд, ки забон бояд, пеш аз ҳама, барои тамоми қишри ҷомеа фаҳмо бошад. Ӯ бо ин андеша ҳар замон аз мутарҷимон, нависандагон, шоирону адибони замони худ тақазо мекард, ки дар раванди эҷодашон ба сабки нав руй биёваранд. Дар замони Лютер талабот барои бехато интишор шудани китоб ниҳоят сахт гардида буд.

Аслан забони олмонӣ забони расмии олмониҳо, утришиҳо, суисиҳо буда, дар Олмон, Утриш, Суис, Люксенбург ва Лихтенштайн забони давлатӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибзабонони забони олмонӣ дар як қатор кишварҳои дигар чун Белгия, Италиё, Дания, Амрико, собиқ Шуравӣ, Африқои Ҷанубӣ, Руминия, Намибия ва дигар кишварҳои ҷаҳон умр ба сар мебаранд. Забони олмонӣ пургӯиштарин забони Аврупо ба шумор меравад. Ин забон ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад ва шумораи нафароне, ки онро ҳамчун забони модарӣ истифода мебаранд ба 100 милион нафар расидааст.

Тибқи ақидаи олимони ватанию хориҷӣ инкишофи равонии шахс аз ҷамъияте, ки ӯ умр ба сар мебарад вобастагии калон дорад. Дар натиҷаи

азхуд кардани фарҳанги ҷамъият шахс ба шахсият табдил меёбад, яъне мақоми худро дар ҷамъият муайян мекунад. Инсон дар ҷамъият инкишоф меёбад ва талаботҳои ҷамъият дар ҳаёти ӯ нақшу таъсири худро мегузоранд.

Дар зербоби мазкур мо мавқеи психолингвистии консепти «бӯй»-ро дар осори адибони классикии олмонӣ (асрҳои XVI-XIX) ба монанди Параселсус фон Ҳоҳенҳайм, Эразмуз Роттердам, Готҳолд Ефраим Лессинг, Евалд фон Клайст, Йоҳанн Волфганг фон Гёте, Фридрих фон Шиллер, Фридрих Ҳӯлдерлин, Ҳайнрих фон Клайст, Ян Паул, Ҷон Петер Ҳебел, Лудвиг Уланд, Ёсеф фон Ҳаммер Пургштал, Фридрих Йоҳанн Михаел Рюкерт, Аугуст Граф фон Платен-Ҳаллермюнде, Ҳуго фон Ҳофманштал ва асрҳои XX-XXI – Карл Кролов, Михаел Андреас Ҳелмут Енде ва Патрик Зюскинд мавриди назар қарор медиҳем.

Дар осори адибони олмонӣ консепти «бӯй» барои эҷоди шеъру суруд ва дигар шаклҳои матни бадеӣ нақши калон мебозад. Тасвири табият ва инсон дар осори адибони олмонӣ мақоми хосаеро ишғол кардааст. Мундариҷаи эҷодиёти адибони олмонӣ низ бештар таъриф, тасвир ва баҳои табияту инсонро дар бар мегирад. Масалан, фаслҳои сол бо умри инсон ва худи инсон бо гулу булбулу дарахт муқоиса карда шудааст. Албатта барои тасвири табият ва инсон нақши консепти «бӯй» дар осори адибони олмонӣ низ калон аст.

Аз ҷумла, дар байти зер, ки ба қалами Лудвиг Уланд (1787-1862) тааллуқ дорад, бӯйи табиат васф шудааст. Шоир дар ин шеър барои ифода намудани *бӯй* калимаи *duft* «атр»-ро истифода намудааст, ки аз консепти «бӯй» сарчашма мегирад:

O frischer Duft, o neuer Klang!
Nun, armes Herze, sei nicht bang! [127, с. 175].
[*тарҷ. таҳтул.* Эй тоза атр, эй савти нав!
Кунун, дили бечора, зинҳор матарс, ғамгин машав!].

Дар мисраъҳои боло «атри тоза» гуфта, «бӯйи хуши муаттар» пеши назар меояд, ки руҳан одам онро ҳис мекунад. Агар мо ҳолати равонии

шоирро ба назар гирем, бо баробари фарорасии фасли баҳор ӯ бо дили худ суҳбат карда ӯро (дилро) ба натарсидану ғамгин нашудан даъват карда истодааст.

Шоири дигар Август Граф фон Платен-Ҳаллермюнде мухлиси шеъру ғазалҳои қадимию шарқӣ буд, ки он дар маҷмуаи «Ғазалҳо» (1821) ва «Оинаи Ҳофиз» (1823) бараъло маълум мегардад. Ӯ дар ин шеъри худ бӯйи маргро дар симои гул таҷассум мекунад. Албатта замоне, ки шоир дар бораи марг меандешаду боз маргро ба забон меорад, ин амал ба ҳолати равонии ӯ таъсири худро мегузорад. Дар мисраъҳои зер бо зикри ибораи “бӯйи марг” бештар яъсу номедӣ дар назар падид мешавад.

Und den Tod aus jeder Blume riechen:
Wer die Schönheit angeschaut mit Augen,
Ach, er möchte wie ein Quell versiechen [127, с. 193].
[*тарҷ. таҳтул. Бӯйи марг* меояд зи ҳар гуле:
Ҳар ки ин зебоиро бо чашм бингарад,
Эй, ки хушкидан бихоҳад мисли чашма].

Забоншинос В. П. Белянин иброз мекунад, ки тариқи тарҷума фаҳмидани фарҳанги дигар имкон надорад. Азбаски як қисми маъно ҳангоми тарҷума аз даст меравад, баъзе муҳаққиқон ҳатто мегӯянд, ки фаҳмидани фарҳанги бегона тавассути матн аслан ғайриимкон аст [10, с. 239]. Ба ин нигоҳ накарда тарҷума дар ғанӣ гардидани адабиёти ҷаҳонӣ нақши босазое дорад. Ҳатто бештари тарҷумонон баъд аз тарҷумаи ин ё он асар илҳом гирифта асарҳои худро эҷод мекунанд.

Баъзе тарҷумонон ба навиштани асар даст мезананд ва ҳодисаи дигар ин ки асарҳои тарҷумакардаи тарҷумонон боиси ба вуҷуд омадани асарҳои дигар гаштааст. Ба ин ҳодиса «Девони ғарбию шарқӣ»-и Гёте мисол шуда метавонад. Шеърҳои «Девони ғарбию шарқӣ» беҳтарин марворидҳои эҷодиёти Гёте дар адабиёти олмонӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар натиҷаи бо тарҷумаи шеърҳои Ҳофиз шинос шуданӣ ӯ ба миён омадааст. Дар асари

номбурда ҳам бозикр вожаи «бӯй» консепти “бӯй” хеле хуб нишон дода шудааст:

Lass mich jetzt, geliebter Knabe,

Mir will nicht die Welt gefallen,

Nicht der Schein, der *Duft* der Rose,

Nicht der Sang der Nachtigallen [215, с. 183].

[*тарҷ. таҳтул.* Бигзор маро акнун, меҳрубон писар,

Ҷаҳон маро писанд нахоҳад шуд дигар,

На нур, на *бӯйи гул*,

На хониши булбул].

Шоир дар ин ҷо вожаи “бӯй”-ро бо ҳиссачаи инкрории “на” мавриди истифода қарор дода, он пеш аз ҳама ҳолати хастагиву руҳафтодагӣ ва парешоҳоливу дармондагии шоирро нишон медиҳад. Чунин ба назар мерасад, ки шоир аз касе ва ё аз ҳаёт ранҷидааст. Барои ӯ ин ҷаҳон маъноящро гум кардааст ва чизеро дидан, бӯидан ва шунидан намехоҳад. Чунонччи, дар ин шеъри шоир вожаҳои «нур», «бӯй» ва «хониш» истифода шудаанд, ки нурро дидан, бӯйро бӯидан ва хонишро шунидан мумкин аст. Бояд гуфт, ки инҷо се узви ҳис, яъне босира, шомма ва сомеа фаъол шудааст.

Schau! die Welt ist keine Höhle,

Immer reich an Brut und Nestern,

Rosenduft und Rosenöle!

Bulbul auch, sie singt wie gestern [215, с. 183].

[*тарҷ. таҳтул.* Бингар! Ин ҷаҳон ғоре нест,

Пур аст доим аз чӯҷаю лона,

Атри гулу равғани гул!

Булбул низ, месарояд чу дирӯз].

Шоир дар ин шеъраш вожаи *атрро* мавриди истифода қарор додааст ва аз мазмунаш маълум мегардад, ки дар ҳолати хушҳолӣ навишта шудааст. Дар

ин ҳолат ҷаҳон барояш зебо намудааст ва ӯ зебогиҳои табиатро дар шеъри худ васф кардааст.

Zwar in diesem *Duft* und Garten,
Tönet Bulbul ganze Nächte,
Doch du könntest lange warten
Bis die Nacht so viel vermöchte [215, с. 190].
[*тарҷ. таҳтул.* Чанде агар дар ин *бӯйю* боғ,
Кард садо булбул тамоми шаб,
Аммо битвон шуд интизор
То шаб боз ба чӣ қодир аст].

Дар ин шеъри шоир низ вожаи *бӯй* истифода шудааст ва новобаста аз он ки боғ барояш оромӣ бахшида истодааст ва ӯ намедонад, ки дар давоми шаб ӯро чӣ воқеа интизор ҳаст. Агар мо ҳолати рӯҳию равонии шоирро ба назар гирем, гуфтан мумкин аст, ки ӯ дар як ҳолати хубу бароҳат қарор дорад, вале дар хавф аст ва то охири шаб эҳтимоли рӯй додани воқеае вуҷуд дорад.

Вақте ки сухан дар бораи тарҷума меравад, қайд кардан бамаврид, аст, ки китобҳои динию мазҳабӣ низ ба дигар забонҳо мунтазам тарҷума мешаванд. Масалан, Қуръони Карим ба забони олмонӣ тарҷума шудааст ва дастраси хонандагони олмонизабон мебошад. Албатта чуноне ки дар боло гуфта гузаштем, Қуръони Карим аз консепти бӯй орӣ нест. Масалан, дар сураи 12-ум, замоне ки либоси Юсуфро ба падараш меоранд, падар бӯи фарзандашро мешиносад.

Als Karawane aufgebrochen war, sagte ihr Vater: «Wahrlich, ich spüre den Geruch Yusufs, auch wenn ihr mich für schwachsinnig haltet» [217, с. 173].

(*тарҷ. «Чун корвон ба роҳ афтод, падарашон гуфт: «Агар маро девона нахонед, бӯи Юсуф ҳис мекунам» Гуфтанд: «Ба Худо савганд, ки ту дар ҳамон гумроҳии деринаи хеш ҳастӣ!»*» [194, с. 620].

Шоири дигари олмонӣ Ҳилде Домин мебошад, ки дар шаҳри Кёлни кишвари Олмон ба дунё омадааст. Ӯ аз соли 1957 ба навиштани шеър оғоз

мекунад ва шеърҳои ӯ ба забонҳои дунё тарҷума шудаанд. Яке аз шеърҳое, ки дар он вожаи «бӯй» омадааст «Туҳфаи боди насим» ном дорад:

Windgeschenke

Die Luft ein Archipel von *Duftinseln*.
Schwaden von Lindenblüten
und sonnigem Heu,
süss vertraut,
stehen und warten auf mich
als umhüllten mich Tücher,
von lange her
aus sanftem Zuhaus
von der Mutter gewoben.

Ich bin wie im Traum
und kann den Windgeschenken kaum glauben.
Wolken von Zärtlichkeit
fangen mich ein,
und das Glück beisst seinen kleinen Zahn
in mein Herz 213, с. 99].

Ҳилде Домин дар шеъри «Туҳфаи боди насим» ибораи «гурӯҳи ҷазираҳои бӯй»-ро мавриди истифода қарор дода, худро дар иҳотаи табиат тасвир кардааст ва хушбахт аз он буданашро баён намудааст. Аммо аз мазмуни шеър бармеояд, ки хушбахтӣ низ аз ҷароҳат орӣ нест. Дар мисраъҳои охири шеъри дар боло мисоловарда гуфта шудааст: «Хушбахтӣ бо дандонҳои майдааш диламро мегазад».

Нависандагони олмонизабон низ ба рушди тамоми адабиёти ҷаҳонӣ таъсири назаррас расонида, ба дили хонандагони миллатҳои гуногун роҳ ёфтаанд ва аз ҷониби мунаққидони касбӣ сазовори эътироф гардидаанд. Адабиёти олмонӣ дорои таърихи дуру дароз ва бой мебошад. Яке аз

қаҳрамонҳои адабиёти олмонизабон ин Тилл Ойленшпмгел мебошад, ки саргузаштҳои ӯ ба саргузаштҳои Хоҷа Насриддин монандӣ дорад.

Аз рӯи баъзе сарчашмаҳо бармеояд, ки Тилл Ойленшпигед дар қарни 14 умр ба сар бурдааст [127, с. 59].

Аз афсонаҳо ва саргузаштҳои Тилл Ойленшпигел ба мо маълум мегардад, ки ӯ як оворагарде буд, ки ҳамаро дар атрофи худ моҳирона фиреб мекард. Бояд қайд кард, ки саргузаштҳои маккоронаи Тилл Ойленшпигел дар таърихи адабиёти олмонизабон ҷои махсуси худро ишғол кардааст.

Дар таърихи адабиёти олмонизабон достоннависон бародарон Гримм низ хизматҳои шоиста кардаанд. Достонҳою афсонаҳое, ки бародарон Гримм ҷамъоварӣ кардааанду ба қалам додаанд масалаҳои халқию миллиро низ дарбар мегиранд, яъне дар онҳо шууру фарҳанги миллӣ назаррас мебошанд. Бояд қайд кард, ки достонҳои бародарон Гримм аз консепти «бӯй» орӣ нестанд:

Als der Abend einbrach, kam der Teufel nach Haus. Kaum war er eingetreten, so merkte er dass die Luft nicht rein war. «Ich rieche rieche Menschenfleisch», sagte er, «es ist hier nicht richtig» [211, с. 165].

[*тарҷ. таҳтул.* Вақте ки шом фаро расид, шайтон ба хона омад. Баробари даромадан, фаҳмид, ки ҳаво тоза нест. «Ба ман *бӯи гӯшти* одам меояд», гуфт ӯ, «инҷо касе ҳаст»].

Дар ҷумлаи боло ибораи «бӯи гӯшти одам» истифода шудааст. Албатта бо баробари шунидани ибораи «*бӯи гӯшти одам»*, тамоми вуҷуди касро тарс фаро мегирад. Ҳар нафаре дар ин ҳолат барои аз вазъияти ногувор баромадан роҳе меҷӯяд ва бо ҳаяҷон сухан мекунад. Мувофиқи ақидаи забоншинос В. П. Белянин ҳолати фишори ҳаяҷон ҳолати равоние мебошад, ки дар он шахс маҷбур аст зери фишори вақт қарори тақдирҳалкунандаеро қабул кунад. Ин метавонад дар ҳолатҳои имтиҳони шифоҳӣ, суҳбат бо сардор, намояндагони ҳокимият, фаҳмонидани муносибат бо наздикон, ҳамлаи ҷинояткор ва ғайра рух диҳад. Вазъияти равонии шахс тағйир меёбад ва мутаносибан бисёр параметрҳои нутқи ӯ низ тағйир меёбанд [10, с. 261].

Дар солҳои пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳон дар Олмон ҳамаи ҳаракатҳои адабӣ фаъолона инкишоф ёфтанд. Намояндагони он давраи инкишофи адабиёт Райнер Мария Рилке, Ҳеррман Ҳессе, Томас Манн ва дигарон буданд, ки бо асарҳои бузурги худ адабиёти олмонизабонро бою ғанӣ гардондаанд.

Яке аз маъруфтарин асар дар адабиёти муосири олмонӣ ин романи «Атриёт» мебошад, ки ба қалами нависандаи олмонӣ Патрик Зюскин [216] тааллуқ дорад.

Дар асари «Атриёт» қаҳрамони асосӣ Жан-Батист Гренуэл бӯйи беҳтаринро ҷустуҷӯ мекунад ва дар ниҳояти кор бо мақсади ба даст овардани ҳадафи худ қотили занони ҷавон мегардад. Ҳадафи Жан-Батист Гренуэл ин бузургтарин атрсози ҳама давру замон шудан буд. Асари «Атриёт» ба забонҳои дунё тарҷума шудааст ва яке аз муваффақиятҳои адабиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре ки аз номи асар ба мо маълум мегардад, нависанда бо маҳорати баланд тамоми калимаю мафҳумҳои ифодакунандаи консепти «бӯй»-ро мавриди истифода қарор додааст, ки ҳоло як порча аз асари мазкур мисол меорем.

«Ich kenne alle Gerüche der Welt, alle, die in Paris sind, alle, nur kenne ich von manchen die Namen nicht, aber ich kann auch die Namen lernen, alle Gerüche, die Namen haben, das sind nicht viele, das sind nur einige Tausende, ich werde sie alle lernen…».

«Schweig!» rief Baldini, «unterbrich mich nicht, wenn ich spreche! Du bist vorlaut und anmassend. Kein Mensch kennt tausend Gerüche beim Namen. Selbst ich kenne nicht tausend beim Namen, sondern nur einige hundert, denn mehr gibt es nicht in unserem Gewerbe als einige hundert, alles andere ist nicht Geruch, sondern Gestank!».

«Du siehst wohl auch bei Nacht, he?» fuhr Baldini ihn an, «du hast nicht nur die feinste Nase, sondern auch die schärfsten Augen von Paris, wie? Wenn du nur leidlich gute Ohren hast, dann mach die auf, denn ich sage dir: Du bist ein kleiner Betrüger» [216, с. 98].

«Ман ҳамаи *бӯйҳои ҷаҳон*ро мешиносам, ҳамаи, ҳамаи бӯйҳое, ки дар Париж ҳастанд, ҳамаи бӯйҳоро, танҳо базе номҳои бӯйро намедонам, аммо ман метавонам номҳои онҳоро азхуд кунам, ҳамаи бӯйҳое, ки ном доранд, онҳо чандон зиёд нестанд, шумораи онҳо танҳо ба як чанд ҳазор мерасанд, ман ҳамаи онҳоро азхуд мекунам...»

«Хап кун!» фарёд зад Балдини, «вақте ки ман гап мезанам, гапамро набур! Ту беҳаёю худнамоӣ. Ҳеҷ кас ҳазорҳо бӯйро ном ба ном намедонад. Ҳатто ман ҳам ҳазорҳо бӯйро ном ба ном намедонам, танҳо садҳо номи бӯйро медонам, зеро дар савдои мо шумораашон аз сад зиёд нестанд, боқӣ дигар бӯй нест, балки бадбӯйиҳост!» [*тарҷ. таҳтул*].

Ҳамин тавр, консепти «бӯй» дар осори адабии олмонитаборон низ мавқеи махсусро касб намуда, дорои маъноҳои асосӣ ва канории худ мебошад. Бояд қайд кард, ки консепти «бӯй» дар адабиёти олмонӣ дар муқоиса ба адабиёти тоҷик бештар майл ба ҷанабаи манфӣ дошта, дар он «бӯй»-ҳое, ки хусусиятҳои бадро ифода мекунанд, зиёдтар истифода шудаанд.

Хулосаи боби дуюм

Дар осори шоирону нависандагон дарки олами атроф аз тарафи инсон, нигоҳи инсон ба зиндагӣ, анъана, урфу одат, одобу рафтор, расму оин, фарҳанги халқ, ҳаёти маънавӣ ва тафаккури миллӣ таҷассум меёбанд. Аз ин рӯ, омӯзиши консепти «бӯй» дар асоси осори адибони тоҷик ва олмонӣ имкон фароҳам меорад, то ки таъриху фарҳанг, хусусиятҳои хоси тафаккур ва ҷаҳонбинии ин халқиятҳо омӯхта шавад. Аз ҷумла, арзишҳои фарҳангӣ ва хусусиятҳои хосу умумии ин халқиятҳо барои дарки ҷаҳон зери омӯзиш қарор гирифтанд. Тавассути таҳлили консепти «бӯй» дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ имкон фароҳам меояд, ки мероси адабии ҳар як халқ таҳқиқ гардида, арзишҳои миллию фарҳангии онҳо омӯхта шаванд. Дар осори адибон маълумоти фарҳангӣ, низоми арзишҳо, ахлоқи ҷамъиятӣ, ҷаҳонбинии мардум, муносибат ба ҷаҳон, муносибат ба мардум ва халқҳои

дигар ҳифз гардидаанд. Осори пурғановати адибон таҷассумгари руҳия ва худогоҳии ҳар як халқ, ҳар як давраи таърихӣ ва ҳар як фард мебошад. Ҳамин тавр, консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику олмонӣ бо маъноҳои аслию маҷозӣ фаровон мавриди истифода қарор гирифта, бисёр падидаҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ таҷассум менамояд, ки олами ботинӣ ва ҳиссиёти инсонро ифода менамоянд. Консепти «бӯй» дар адабиёти тасаввуфӣ ва фолклор ҳамчун сарчашмаи ҳиссиёт, асоси фикру мулоҳизаҳо, ақл, ҳадс, зеҳн ва маърифати инсон таҷассум ёфтааст. Зикри ин нукта муҳим аст, ки дар осори тамоми шоирону адибони тоҷик ва олмонӣ мо консепти «бӯй»-ро бо ҷилваи тамом ва маъниҳои пуробуранг мебинем. Қобили зикр аст, ки дар адабиёт консепти «бӯй» ҷои махсусеро ишғол мекунад. Дар натиҷа, таҳқиқот нишон медиҳад, ки бӯйҳои хуш дар ҳаёти инсон ҳамчун нақши нишонаҳои зебоишиносӣ (эстетикӣ) ширкат меварзанд ва онҳо таҷассумгари олами зебоӣ, майлу хоҳиш, ҳиссиёту эҳсосот дар ҳаёти инсон маҳсуб ёфта дар инъикоси фаъолиятҳои гуногуни инсонӣ корбурд мешавад.

Бояд гуфт, ки омӯзиши консепти «бӯй» диққати бисёр олимону забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Дар адабиёти тоҷику олмонӣ ҳеҷ як адиберо наметавон дарёфт, ки дар осори худ аз консепти «бӯй» истифода набурда бошад. Таҳлили консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дар асоси осори адибони тоҷик ва олмонӣ дар баробари дигар консептҳои муҳим ҷиҳати амиқтару пурратар фаҳмидани урфу одат, анъана ва фарҳангу маданияти ин халқҳо имкон фароҳам меорад.

Қайд кардан зарур аст, ки бо таҳлили тафсирҳои луғавии лексемаи «бӯй» сохту таркиби консепти мазкурро ба пуррагӣ муайян кардан имконнопазир мебошад, зеро консепти «бӯй» дорои таркиби мураккаб буда, ҳамаи қабатҳои он дар фарҳангҳои тафсирӣ таҷассум намеёбанд. Барои возеҳтару аниқтар муайян намудани таркибу сохти консепти «бӯй» ва инъикоси он дар шуури тоҷикзабонон ва олмонизабонон бояд консепти мазкур дар асоси осори адибони тоҷик ва олмонӣ таҳқиқ ва муқоиса гардад, зеро мероси фарҳангии халқ, пеш аз ҳама дар осори адибон сабт шуда, дар

онҳо урфу одат, анъана, расму оин, нигоҳи инсон ба зиндагӣ ва инчунин хусусиятҳои миллию фарҳангӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки дар осори адибони тоҷик ва олмонӣ консепти «бӯй» ҳиссиёту қобилиятҳои гуногуни инсониро таҷассум кардааст.

Новобаста аз ин, дар фаҳмиш ва ифодаи консепти «бӯй» хусусиятҳои хоси забонию фарҳангии ин халқиятҳо мушоҳида мегардад. Ҳамин тавр, таҳлили маводи забонӣ нишон дод, ки дар фаҳмиши консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику олмонӣ умумиятҳои зиёде ба назар мерасанд. Дар осори ҳамаи адибони дар рисолаи мазкур консепти «бӯй» нақши махсуси худро мебозад, ки мо дар ҳамаи зербобҳо мисолҳо овардаем. Қайд кардан зарур аст, ки аз асосгузори адабиёти классикии тоҷик оғоз карда, то рӯзҳои мо бештари шоирон ва нависандагони тоҷик консепти «бӯй»-ро яке аз манбаъҳои асосии забони осори худ қарор дода, аз мафҳумҳои он ба монанди *мушк, абир, кофур, қаранфул, амбар, накҳат* ва ғайраҳо истифода бурда, осори худро рангину зебо гардонидаанд.

Консепти «бӯй» таҷассумгари дарки олами ботинии инсон буда, маркази ҳаёти ҷисмонӣ ва маънавӣ, узви муҳим ва манбаи қуваю нерӯ, майлу хоҳиш, ҳиссиёту эҳсосот ва фикру андеша маҳсуб меёбад. Хусусиятҳои умумии дарки консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ зиёд ба назар мерасанд, аммо дар забонҳои муқоисашаванда фарқиятҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳо ба муҳити атроф, мавқеи ҷурғофӣ ва арзишҳои миллию маънавӣ вобаста мебошанд. Омӯзиши консепти «бӯй» дар асоси осори адибони тоҷику олмонӣ имкон фароҳам меорад, то ки хусусиятҳои хоси забон, адабиёт, фарҳанг, маданият, маърифат ва тафаккури халқиятҳо ба мо равшантар гарданд.

БОБИ III.
ВИЖАГИҲОИ ЛЕКСИКИЮ СЕМАНТИКӢ ВА ГРАММАТИКИИ КОНСЕПТИ «БӮЙ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

3.1. Баррасии мавзуъ: калима ва ҳавзаи лексикию семантикии он

Замоне ки сухан дар бораи ин ё он забон меравад, дар маркази диққат, пеш аз ҳама, калима меистад. Қайд кардан ба маврид аст, ки калима яке аз сеҳрноктарин воҳиди забонӣ мебошад, ки диққати забоншиносони дунёро ба худ ҷалб кардааст. Тибқи андешаҳои забоншиносон, то имрӯз дар шарҳи аниқи калима муҳаққиқон фикри ягона надоранд. Бархе аз забоншиносон бар он андешаанд, ки дар як калима метавонад иттилооти зиёде нуҳуфта бошад. Бо шунидани як калима шахс метавонад бисёр чизҳою ҳодисаҳоро пеши назар орад. Масалан, вақте ки мо калимаи «душанбе»-ро мешунавем, метавонем рӯзи аввали ҳафта ва ё шаҳри Душанберо пеши назар орем, ки он бисёр чизҳою ҳодисаҳоро дар бар мегирад ва дар ҳаёти мо ҷойи махсуси худро доро мебошад. Мусаллам аст, калима дар яке аз риштаҳои забоншиносӣ – вожашиносӣ (лексикология) омӯхта мешаванд. Дар вожашиносӣ асосан таваҷҷуҳ ба таърихи баромад, шакл, маъно, гурӯҳбандӣ, муносибат, робита ва роҳҳои истифодаи калима дар нутқ дода мешавад.

Тибқи назари забоншинос Теа Шиппан, луғатшиносӣ дар баробари таркиби луғавии забонро омӯхтан, инчунин, робитаи иҷтимоии одамон, ниёзҳои муоширатӣ ва маърифатии онҳоро вобаста ба истифодаи калимаҳо таҳқиқ мекунад. Дар навбати худ, бахши забоншиносии мазкур тағйиротҳои мухталиф дар бунёди луғавӣ, пайдоиши калимаҳои нав, вуруди калимаҳо аз забонҳои дигар, азбайнравӣ, кӯҳнашавӣ ва тағйирот дар маънои калимаҳоро тавсиф мекунад [144, с. 12].

Вобаста ба ҳамин андеша забоншиносон Ралф Пуринг ва Улрих Шмитс дар асари худ қайд кардаанд, ки дар луғатшиносӣ «Чӣ тавр маъноҳои гуногуни калима байни худ ва мафҳумҳои ҷаҳони хаёлоти мо муносибат доранд, пайваста омӯхта мешавад» [140, с. 25]. Албатта зикр кардан

бамаврид аст, ки дар луғатшиносӣ, аз як тараф, бо кадом маъноҳо дар муносибат будани калима аз рӯи шакл ва аз тарафи дигар, бо кадом калимаҳо робитаи маъноӣ доштани он омӯхта мешавад. Яъне калима аз нигоҳи шакл ва маъно дар консепт мушоҳида карда мешавад, ки бо кадом калимаҳо ҳаммаъно аст ва чӣ тавр бо ҷаҳони мафҳумҳо алоқамандӣ дорад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар луғатшиносӣ муносибати калимаҳо ва маъноҳои онҳо омӯхта мешавад ва калимаҳо бештар сермаъно мебошанд, яъне онҳо дорои якқатор маъноҳои гуногун мебошанд. Ғайр аз ин, мо барои баёни як маъно бисёр калимаҳои гуногунро истифода мебарем. Калимаҳо дар ҳавзаи лексикию семантикии консептҳо бо ҳамдигар муносибати наздик доранд. Зери мафҳуми ҳавзаи лексикию семантикии консептҳо, гурӯҳи калимаҳое фаҳмида мешавад, ки бо ҳамдигар муносибати наздик доранд. Масалан, калимаҳои «наҳорӣ», «хӯроки нисфирӯзӣ» ва «хӯроки бегоҳӣ» ба ҳам алоқаманданд ва ба ҳавзаи лексикию семантикии консепти «вақтҳои таомхӯрӣ» тааллуқ доранд. Ба ҳавзаи лексикию семантикии консептҳо калимаҳою мафҳумҳое дохил мешаванд, ки ба ин ё он соҳаи ҳаёт мувофиқ шудаанд. Барои равшан шудани ин масъала консептҳои «вақт», «фазо», «бӯй», «ранг», «инсон», «табиат» ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд. Дар асоси таърифҳо, гуруҳи калимаҳое, ки аз рӯи маъно бо ҳам алоқаманданд ва муносибати наздик доранд, ба ҳавзаи лексикию семантикии калимаҳо дохил мешаванд, яъне як консептро ташкил медиҳанд.

Аз рӯи ақидаи забоншинс Зебастиан Лубнер аксари калимаҳо бо ҳам як ҳавзаи лексикию семантикиро ташкил медиҳанд, яъне ба ин ё он консепт дохил мешаванд. Масалан, вожаҳои «кӯдак ва калонсол» ё «падар ва модар» ба ҳавзаи лексикию семантикии «оила» дохил мешаванд. Ба ҳавзаҳои дигари лексикию семантикии консептҳо рӯзҳои ҳафта, номгӯи моҳҳо, номгӯи рангҳо, шумораҳо ва ғайра дохил мешаванд, ки дар забоншиносии назариявӣ бо мафҳуми «ҳавзаи лексикию семантикии калимаҳо» ишора карда мешавад. Дар сарчашмаҳои забоншиносӣ оид ба масъалаи мазкур таърифҳо ва андешаҳои мухталиф ба назар мерасанд. Гурӯҳи лексемаҳое, ки ба як

категорияи грамматикӣ мансубанд, байни онҳо муносибати возеҳе муайян карда шудааст ва дорои маъноҳои умумианд «ҳавзаи лексикию семантикии калимаҳо» номида мешаванд. Ҳавзаи лексикию семантикии калимаҳо ин маҷмуи калимаҳое мебошанд, ки дар як рӯйхат қарор доранд [142, с. 131].

Вобаста ба гуфтаҳои боло дар боби мазкур вижагиҳои лексикию семантикӣ ва грамматикии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди муқоиса қарор мегирад.

3.2. Таснифоти лексикию маъноӣ ва мавзуии консепти «бӯй»

Яке аз масъалаҳои марказии маъношиносиро таснифоти лексикиюмаъноӣ ва мавзуии он ташкил медиҳад. Доир ба фарқияти байни гуруҳҳои мавзуӣ ва лексикию маъноиро забоншминос Ф. П. Филин маълумот дода, бар он назар мебошад, ки гуруҳҳои мавзуӣ ба таснифи «худи ашёву ҳодисаҳо» асос ёфта, гуруҳҳои лексикию семантикӣ «аз рӯйи таркиби маъноҳои луғавии худ иттиҳоди ду, чанд ё бисёр калимаҳоро ифода мекунанд» [108, с. 36]. Гуруҳи луғавӣ-маъноӣ бо навъҳои худ (силсилаҳои муродифӣ (синонимӣ), мутазодӣ (антонимҳо)) як навъи майдонҳои парадигматикӣ маҳсуб меёбанд, ки дар самти маъношиносӣ таҳқиқ мешаванд. Мусаллам аст, ки маъношиносӣ (семантика) аз шохаҳои муҳимтарини забоншиносӣ буда, дар он сухан дар бораи маъно меравад. Мувофиқи ақидаи забоншиносон Моикен Ҷессен, Йоҳанн Бломберг ва Юрг Рохе «маъношиносӣ (семантика) як бахши забоншиносӣ мебошад, ки бо маъно сарукор дорад. Ин шохаи забоншиносӣ назария ва таҳқиқоти маъно буда, бо дигар соҳаҳои илм, пеш аз ҳама, бо мантиқ ва равоншиносӣ алоқаи зич дорад» [137, с. 55].

Аз рӯи ақидаи забоншинос Зебастиан Лубнер семисиология ё худ семантика як шохаи илми лексикология мебошад, ки маънои калима ва тағйирёбии он, яъне маънои воҳидҳои забониро ба мисли калимаҳо, ибораҳо, сохторҳои грамматикӣ ва ҷумлаҳо меомӯзад [142, с. 3]. Барои амиқ фаҳмидани моҳияти системаи семантикии забон омӯхтани қонуниятҳо ва

алоқаи забон бо тафаккур муҳим аст. Аз ин рӯ, омӯзиши низоми маъноии забон аҳаммияти махсуси назариявию амалӣ дошта, таснифи лексикию маъноӣ ва мавзуии онҳо аз ҳамин сарчашма оғоз мегардад.

Дар робита ба таҳлилҳои боло ҷиҳати баррасии масъала маъноии луғавии вожаи “бӯй” ва «Duft»-ро мутаносибан дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва олмонӣ дида мебароем: «***БӮЙ***- бухори нонамоёне, ки аз чиз ва моддаҳои гуногун ҷудо шуда, дар ҳаво паҳн мегардад ва ба воситаи бинӣ - қувваи шомма ҳис мешавад, роиҳа: **бӯи бад**, **бӯи гул**, **бӯи тунд, бӯи ғализ**; **бӯй гирифтан** бадбӯй шудан, бӯи бад пайдо кардан (*дар натиҷаи пӯсиш ва ғ.*); **бӯ гирондан** паҳн кардани бӯи бад дар ҷое; **бӯй кардан** а) бо қувваи шомма эҳсос кардан, бӯидан; б) пӯсида бӯй пайдо кардан, гандида бӯйнок шудан; **бӯ(й) кашидан** бӯидан, шамидан, бӯй кардан; **бӯ гирифтани саг** изи чизеро аз рӯи бӯ дарёфтани саги пайгир; ◊ **рангу бӯ(й)** тароват, тару тозагӣ; сарсабзӣ, зебоӣ; **бӯй бурдан** *(аз чизе ё чизеро)* чизеро пай бурдан; аз ягон сирри ниҳонӣ андаке огоҳӣ ёфтан; **бӯи пилта баромадан** ошкор шудан, фош гардидани сирре; **бӯи тафт кардан (баровардан)** *гуфт.* а) чизе пухтан; б) чизе пухта худоӣ кардан; **бӯи** *чизе* **омадан (***аз чизе ё касе***)** зоҳир шудан, маълум шуда истодан (-и нишону аломати чизе ё коре аз чизе, касе); **бӯи** *чизеро* **баровардан** ошкор кардан (*сирреро*); маълум кардан (*кореро*); **бӯи шир омадан аз даҳони** *касе* ҳанӯз бача будан; **аввал гиребонатонро бӯй кунед**… аввал вазъ ва чигунагии худро санҷед… (*дар мавриди айбгирӣ ба айбгир гуфта мешавад*); **бӯи умед ҳаст** ба иҷро шудани коре андак умед ҳаст [157, с. 250-251].

Дар фарҳангномаҳои олмонӣ лексемаи “бӯй” ба таври зер тафсир шудааст:

Duft – als angenehm empfundener, zarter bis intensiver Geruch; mittelhochdeutsch tuft, althochdeutsch duft = Dunst; Nebel; Tau; Reif

Бӯй – ҳамчун бӯи форам, нозук ва мунтазам дарккунанда; дар забони адабии олмонии миёна tuft, дар забони адабии қадимаи олмонӣ duft = Dunst (бухор); Nebel (меҳ, ғубор); Tau (шабнам); Reif (шабнами яхбаста).

Мафҳуми «ҳавзаи лексикию семантикии калимаҳо» аз нишонаҳои истифодашавии калимаҳо ва синониму антонимҳои онҳо иборат аст. Масалан, ба ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» дар забони олмонӣ, пеш аз ҳама, калимаҳои «der Duft» (атр, бӯйи хуб), «der Geruch» (бӯй), «das Parfum» (атр) «der Gestank» (бадбӯй), «duften» (бӯйи муаттар додан), «riechen» (бӯй кардан, бӯй додан) ва «stinken» (бӯйи бад кардан, бӯй бад додан) дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, бӯйҳои зиёде дар атроф вуҷуд доранд, ки на ҳамаи онҳо дар ин ё он забон ифода карда мешаванд. Аз ин рӯ, барои ифодаи онҳо шарҳи дақиқ зарур аст. Исмҳои **der Geruch** «бӯй», **der Duft** «атр, бӯйи хуб» ва **der Gestank** «бӯйи бад» муносибатҳои лексикию семантикӣ доранд, бо ҳам синоним мебошанд ва дар забони олмонӣ нақши асосиро барои ифодаи консепти «бӯй» мебозанд. Феълҳои «riechen» ва «stinken» бо ҳам муродиф буда, дорои муносибатҳои умумии лексикию семантикӣ мебошанд. Дар забони олмонӣ феъли **riechen** барои ифодаи «бӯйи хуш» ва феъли **stinken** барои ифодаи «бӯйи бад» истифода мешавад.

Барои омӯхтани ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй», пеш аз ҳама ба сифатҳое, ки хусусияти бӯйро ифода мекунанд, диққати махсус додан зарур аст. Ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» бо калимаҳои гуногун тавсиф мешавад. Ҳамин тариқ, асоси ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй»-ро дар забони олмонӣ калимаҳои «der Duft», «der Geruch», «das Parfum» «der Gestank», «duften» «riechen» ва «stinken» ташкил медиҳанд. Онҳо бештар дар якҷоягӣ бо исм, сифат ва сифати феълӣ истифода шуда, дар забони олмонӣ ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй»-ро ташкил медиҳанд. Ба воҳидҳои ҳавзаи семантикии консепти «бӯй» калимаҳое дохил мешаванд, ки бо ҳам робита ва муносибати зич доранд. Масалан, калимаҳои *атр; муаттар; машом; нафас; димоғ; накҳат; дуд; тафт; буғ; бухор; чанг; ғубор; дам; туман; дуди ғализ; гард; бод; шамол; насим; мушк; амбар* ва ғайра ба воҳидҳои ҳавзаи семантикии консепти «бӯй» дохил мешаванд.

Вобаста ба маънои ҷумла ва матн калимаҳои *тароват, тару тозагӣ, сарсабзӣ, зебоӣ* низ ба ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» дохил шуда, силсилаи муродифиро ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, ибораҳои ***бӯй бурдан аз чизе*** *чизеро пай бурдан*; *аз ягон сирри ниҳонӣ андаке огоҳӣ ёфтан*; ***бӯй баромадан*** *ошкор шудан; фош гардидани сирре;* ***бӯйи тафт кардан*** *чизе пухтан; чизе пухта худоӣ кардан;* ***бӯйи чизе омадан аз чизе ё аз касе*** *зоҳир шудан; маълум шуда истодани нишону аломати чизе ё коре аз чизе ё аз касе;* ***бӯйи чизеро баровардан*** *ошкор кардан сирреро; маълум кардан кореро;* ***бӯйи шир омадан аз даҳони касе****, яъне ҳанӯз тифл будан;* ***гиребон бӯй кардан*** *ба худ нигоҳ кардан;* ***бӯйи умед бурдан*** *ба ичро шудани коре умед доштан* ва ғайра низ ба ҳавзаи лексикию семантикии «бӯй» дохил мешаванд.

Исм ва сифатҳои гуногун низ метавонанд дар якҷоягӣ бо яке аз воҳидҳои ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» ба ин ҳавза дохил шаванд. Масалан, *«бӯйи одам», «бӯйи шир», «бӯйи ошхона», «атри гул», «дуди тамоку»* ва ғайра ба майдони лексикию семантикии консепти «бӯй» шомил мешаванд. Аз рӯйи мушоҳидаи мо дар мисолҳои оварда танҳо дар натиҷаи ба калимаи *бӯй* ҳамроҳ намудани исмҳои гуногун бӯйҳои гуногун ифода ёфта истодаанд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳамаи бӯйҳо номҳои алоҳидаи худро надоранд, яъне забон барои ифодаи ҳамаи бӯйҳо оҷиз аст. Чуноне ки ҳама чиз дар зиндагӣ бӯи худро доро мебошад, мо гуфта метавонем, ки ҳамаи исмҳо дар ҳолати зарурӣ ба ҳавзаи лексикию семантикии консепти бӯй дохил шуда метавонанд. Калимаҳои «бӯй» ва «атр» дар якҷоягӣ бо дигар исму сифат ва сифати феълӣ хусусияти бӯйро беҳтару аниқтар ифода мекунанд. Ба исми «бӯй» ҳамроҳ шудани сифатҳои гуногун низ зиёд ба назар мерасад. Масалан, исми «бӯй» бо дигар исму сифатҳо ба монанди *гул (бӯйи гул); хуб (бӯйи хуб); ширин (бӯйи ширин); аҷоиб (бӯйи аҷоиб); олиҷаноб (бӯйи олиҷаноб); тоза (бӯйи тоза); форам (бӯйи форам); гуворо (бӯйи гуворо); шинос (бӯйи шинос); бад (бӯйи бад); воқеӣ (бӯйи воқеӣ); аслӣ (бӯйи аслӣ); асил (бӯйи асил); тез (бӯйи тез); тунд (бӯйи тунд); гарм (бӯйи гарм); даҳшаднок (бӯйи дахшатнок); беморӣ (бӯйи беморӣ); дору (бӯйи*

дору); вабо (бӯйи вабо); дурушт (бӯйи дурушт); нобоб (бӯйи нобоб); номувофиқ (бӯйи номувофиқ); нофорам (бӯйи нофорам); ногувор (бӯйи ногувор); номаълум (бӯйи номаълум); омехта (бӯйи омехта) ва ғайра илова шуда маъноҳои гуногунро дар майдони лексикию семантикии консепти «бӯй» ифода мекунанд.

Агар сифатҳои *ширин, форам, шинос, асил, гарм, даҳшатнок* дар як силсилаи муродифӣ (синонимӣ) ҷойгир нашуда, ба ҳам муродиф набошанд ҳам, аммо ҳангоми бо вожаи “бӯй” истифода шуданашон онҳо бо ҳам силсилаи синоимӣ ба вуҷуд овардаанд. Ҳамин гуна, сифатҳои тез, тунд, нобоб, ногувор, номаълум низ ҳангоми бо вожаи “бӯй” ибора ташкил намудан, маънои манфии “бӯй”-ро ҳамчун муродиф бо ҳам нишон медиҳанд. Дар муносибатҳои антонимӣ низ мо ҳамин ҳолатро дида метавонем.

Феълҳои зерин ба монанди *гирифтан; гирондан; додан; кардан; омадан; фаҳмидан; расидан; кашидан; ҳис кардан; эҳсос кардан; нафас кашидан; доштан; баровардан; баромадан; паҳн кардан; шунидан; бурдан; овардан; ворид шудан; ворид кардан; вазидан; равон кардан; пош додан; пошидан; задан; хестан; пайдо кардан; ёфтан; дарёфтан* ва ғайра бо калимаи «бӯй» якҷоя ифода шуда, ба ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» дохил мешаванд.

Ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» воҳидҳоеро дар бар мегирад, ки ба соҳаи атрсозӣ ва истеҳсоли атр тааллуқ доранд. Масалан, гурӯҳи калимаҳо ба монанди *таркиби бӯй; маводҳои хушбӯй; макони бӯй; бинои атристеҳсолкунӣ; кони бӯй; зарфи атрнигоҳдорӣ; коркарди атр; истифодаи атр; истихроҷи атр; омезиши атр; атрноккунӣ; атрогин кардан; аттор; атрсозӣ; устоди атрсозӣ; омӯзиши атрсозӣ; шогирди аттор; талаботҳои атрсозӣ; озмоиши атр* ва ғайра ба соҳаи атрсозӣ ва истеҳсоли атр шомил мебошанд. Масалан, дар ҷумлаи зерини олмонӣ яке аз воҳидҳои ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» ба чашм мерасад, ки бештар дар соҳаи атрсозӣ истифода мешавад.

In Wirklichkeit aber experimentierte er mit ganz anderen Düften [224, с. 231]. [*тарҷ. таҳтул*. Аммо дар асл вай тамоман бо бӯйҳои дигар озмоиш мегузаронид].

Маълум аст, ки ҳавзаи семантикии консепти «бӯй» дар асоси нуктаи назари муттамарказӣ ташкил карда мешавад. Дарк кардани бӯй бевосита ба хусусияти руҳию равонии инсон вобаста мебошад, вале узвҳои ҳис мавқеи асосиро барои фарқи онҳо мебозанд. Барои шарҳ ва маънидод кардани бӯйҳои муҳити атроф воситаи асосӣ ин забон мебошад. Аз рӯи ин назардошт метавон вобаста ба таъсири *бӯй* ба руҳу равони инсон бӯйҳоро тасниф ва гурӯҳбандӣ кард, яъне *хуб/хуш, миёна* ва *бад*. Вобаста ба контекст консепти «бӯй» метавонад ба ҳар се гурӯҳ дохил шавад, масъалан: *бӯи гул*(хуб/хуш), *бӯи хок*(миёна), *бӯи дуд* (бад), *бӯи сабзавоти пӯсида*(бад) ва ғайра.

Дар забони олмонӣ барои ифодаи бӯй се исм истифода мешавад, яъне барои ифодаи бӯи хуш калимаи *Duft*, барои ифодаи бӯи бад калимаи *Gestank* ва барои ифодаи бӯи бад ва хуб/хуш калимаи *Geruch* истифода мешавад.

Калимаи *Duft* бо феълҳои *verströmen* (паҳн гаштан, ба машом расидан, фаро гирифтан), *steigen* (баромадан, баланд шудан), *saugen* (кашидан), *einatmen* (нафас кашидан), *atmen* (нафас гирифтан), *riechen* (бӯй кашидан) *wehen* (вазидан) ва *verbreiten* (паҳн гаштан) истифода мешавад.

Калимаи Duft бо сифатҳои *betörend* (дилфиреб, гуворо), *würzig* (намакин, бонамак), *süsslich* (ширин), *köstlich* (болаззат), *aromatisch* (атрогин), *süss* (ширин), *angenehm* (форам) ва *zart* (нозук) истифода мешавад.

Калимаи *Geruch* бо феълҳои *atmen* (нафас кашидан), *verströmen* (паҳн шудан, паҳн кардан, баромадан), *hängen* (дармондан, часпондан, овезон кардан), *haften* (часпидан), *wahrnehmen* (дарк кардан), saugen (макидан), *wehen* (вазидан) ва *dringen* (задан, даровардан) истифода мешавад.

Калимаи *Geruch* бо сифатҳои *süsslich* (ширин), *beissend* (газанда, тунд), *unangenehm* (нофорам), *übel* (дилбехузуркунанда), *penetrant* (воридшаванда, бӯи бади давомнок), *muffig* (ганда, кӯҳна), *streng* (сахт) ва ғайра истифода мешавад.

Калимаи *Gestank* бо феълҳои *atmen* (нафас кашидан), *verströmen* (паҳн шудан, паҳн кардан, баромадан), *hängen* (дармондан, часпондан, овезон кардан), *haften* (часпидан), *wahrnehmen* (дарк кардан), *saugen* (макидан), *wehen* (вазидан), *dringen* (задан, даровардан) ва ғайра истифода мешавад.

Калимаи *Gestank* бо сифатҳои *beissend* (газанда, тез, тунд), *bestialisch* (ҳайвонӣ, ваҳшӣ), *ekelerregend* (дилбеҳузуркунанда), ekelhaft (нафратовар), *entsetzlich* (даҳшатнок), *faulik* (пӯсида, тосида), *fürchterlich* (даҳшатнок), *infernalisch* (дӯзахӣ), *muffig* (ганда, кӯҳна), *penetrant* (воридшаванда, бӯи бади давомнок), *pestilenzartig* (вабомонанд), stechend (газанда, халакунанда), *süsslich* (ширин), *unerträglich* (тоқатнопазир), widerlich (нафратовар), *ätzend* (туруш), *übel* (дилбеҳузуркунанда) ва ғайра истифода мешавад.

Исмҳои *Duft*, *Geruch* ва *Gestank* вобаста ба матн метавонанд бо дилхоҳ феъл ва ё сифат дар нутқ мавриди истифода қарор гиранд.

Тавре ки маълум шуд, ҳамаи бӯйҳо аз рӯи пайдоишашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, яъне бӯйҳои табиӣ ва сунъӣ. Аксарияти калимаҳои дар боло овардашуда ҳам бӯйҳои хуши табиӣ ва ҳам бӯйҳои хуши сунъиро ифода мекунанд. Бояд қайд намуд, ки бӯй бештар дорои се хусусият мебошад, яъне бӯй метавонад ишиҳоро биёрад, шахсро ба ваҷд орад ва ё дили касро беҳузур созад. Масалан, бӯйҳои растаниҳо, бӯйҳои меваю сабзавотҳо ва ё ягон намуди маҳсулоти хӯрокваорӣ хусусияти иштиҳоро бедор кардан доранд. Бӯйҳои сунъӣ бошанд бештар хусусияти ба ваҷд овардану фаъол кардани шахсро доро мебошанд, масалан атрҳои занонаю мардона фарқ карда мешаванд.

Вале дар баробари ин гурӯҳбандӣ, инчунин бӯйҳоро аз назари мавзуӣ низ метавон тасниф намуд. Бинобар ин, онро метавон аз рӯйи мавзуъ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

1) **бӯйҳои табиӣ;**
2) **бӯйҳои ғайритабиӣ;**
3) **бӯйҳои мавҳумӣ (абстрактӣ).**

1) бӯйҳои табиӣ:

Дарк намудани бӯй бевосита аз ҳар як шахс вобастагӣ дорад. Мумкин аст, ки як бӯй аз тарафи одамони гуногун ба таври гуногун дарк карда шаванд. Новобаста аз он ки қобилияти бӯйдарккунии инсонҳо аз ҳамдигар фарқият доранд, бӯй дорои хусусиятҳои шабеҳ низ мебошад. Масалан, ҳамагон бӯйи нокро аз бӯйи себ фарқ карда метавонанд. Коршиносон ва мутахассисони соҳаи атрсозӣ, ба хотири он ки дар ин самт хуб муошират карда тавонанд, тавонистаанд то ҳадди имкон бӯйҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоянд, яъне бӯйҳое, ки аз гулҳо гирифта мешаванд, бӯйҳои шарқӣ, бӯйҳое, ки аз наботот гирифта мешаванд, бӯйҳои мевагӣ, бӯйҳои лимӯӣ, бӯйҳое, ки аз чӯб гирифта мешаванд ва ғайра гурӯҳбандӣ кардаанд.

Ҳамин тавр, бӯйҳои табиӣ дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

- бӯйи флора (*олами наботот);*
- бӯйи фауна (*олами ҳайвонот*);

а) бӯйи флора (олами наботот)

Як гурӯҳи бӯйҳоро ба қатори бӯйҳои табиат метавон ҷудо кард: *бӯйи ҷангал; бӯйи ҳезум; бӯйи баҳр; бӯйи гулҳо; бӯйи саҳро; бӯйи замин; бӯйи алаф; бӯйи санг; бӯйи қум; бӯйи шилми дарахт; бӯйи ҳаво; бӯйи растанӣ; бӯйи гил; бӯйи хок; бӯйи кӯл; бӯйи об; бӯйи оҳак, бӯйи ҷӯй; бӯйи ғунча; бӯйи ботлоқ; бӯйи абрешим; бӯйи ҳулбӯ, бӯйи райҳон, бӯйи наргис, бӯйи ёсуман, бӯйи садбарг, бӯйи гули лола; бӯйи борон; бӯйи барф; бӯйи жола; бӯйи шамол; бӯйи танбоку; гули хушбӯ; бӯйи коҳу беда; бӯйи сабзаҳои сӯхта; бӯйи маҳшуши гули хушкида; бӯйи хазон; гули бадбӯй; гули бебӯй; бӯйи гули санҷид; бӯйи гули қоқу* ва ғайра.

Бӯйҳои марбут ба олами наботот дар забони олмонӣ бо вожаҳои гуногун истифода мешаванд, ки мисоли онҳоро дар ҷумлаҳои зер мебинем:

бӯйи дарахт - Der Geruch des Baumes:

- Der Geruch von Laubwäldern ist feuchter und frischer [214, с. 17]. [*тарҷ. таҳтул*. Бӯйи *ҷангалҳои дарахтони баргдор* тартару тозатар мебошанд].

бӯйи шилми дарахт - - Geruch des Weihrauchs:

- Neben dem Geruch des Weihrauchs rieche ich aber noch etwas anderes. Es riecht nach altem, trockenem Holz [214, с. 131]. [*тарҷ. таҳтул.* Илова ба бӯйи *шилми дарахт* ба ман бӯйи дигар чиз меояд. Бӯйи ҳезуми кӯҳнаи хушк меояд].

бӯйи гиёҳҳо - die Düfte, von Kräutern бӯйи *ҷангали боронӣ* - dem Geruch eines Tropenwaldes:

- Mal sind es die Düfte von Kräutern, die einem in die Nase wehen, mal ein Wasserfall mit dem Geruch eines Tropenwaldes, feucht und farbig [214, с. 130]. [*тарҷ. таҳтул.* Баъзан ин *бӯйи гиёҳҳое*, ки ба бинии кас мевазад, баъзан шаршарае бӯйи *ҷангали боронии* тару рангинро мерорад].

- Doch zum Glück gibt es sie noch – die guten Düfte meiner Kindheit. Jeder weiss, wie ein Wald riecht, wenn es geregnet hat [214, с. 17]. [*тарҷ. таҳтул.* Хушбахтона, то ҳол бӯйҳои хуби давраи кӯдакии ман вуҷуд доранд. Вақте борон борид, ҳар кас медонанд, ки *ҷангал* чӣ тавр бӯй мебарорад].

бӯйи намаку хок - der Duft des Salzes und der Erde::

- Wenn die Pilze im Wald wachsen, duftet der Waldboden würzig und erdig [214, с. 17]. [*тарҷ. таҳтул.* Вақте, ки занбурӯғҳо дар ҷангал мерӯянд, *замини ҷангал бӯйи намаку хок* мекунад].

бӯйи алафи навдаравида – der Geruch des frischgemähten Grasses:

- Wir wissen, wie es riecht, wenn das Grass frisch gemäht wird [214, с. 17]. [*тарҷ. таҳтул. Алафи навдаравида* чӣ гуна бӯй дорад, мо медонем].

бӯйи алафи тару тоза - der Geruch des frischen und kühlen Grasses::

- Es roch nach frischem, kühlen Grass, Kuhfladen und ersten Frühlingsblumen [212, с. 22]. [*тарҷ. таҳтул. Бӯйи алафи тару тоза*, бӯйи саргини гов ва *бӯйи гулҳои аввалини баҳорӣ* меомад].

бӯйи баргҳои пӯсида – der Geruch der vermoderten Blättern:

Er duftet nach feuchter Erde, vermoderten Blättern und frischem Holz [212, с. 17]. [*тарҷ. таҳтул.* Аз ӯ *бӯйи замини тар*, *баргҳои пӯсида* ва ҳезуми тар меояд].

Гурӯҳи ҷудогонаи мавзӯии консепти «бӯй»-ро бӯйи гулҳо ташкил мекунанд. Бӯйҳое, ки аз гулу гиёҳҳо хориҷ мешаванд, асоси атриётро ташкил медиҳанд: *бӯйи гули лола; бӯйи гули садбарг; бӯйи пудина; бӯйи лимӯ; бӯйи гули наргис; бӯйи гули ёсуман; бӯйи гули норинҷӣ; бӯйи гули бунафша; бӯйи гули чӯбдона; бӯйи гули бодом* ва ғайраҳо. Бӯйи гулу гиёҳҳо низ дар забони олмонӣ бо вожаҳои гуногун ифода ёфтаанд, чунончи: Die Wiese riecht nach zarten Düften der Frühlingsblumen. Die zarten Knospen ströhmen ihre Düfte. Die ganze Zeit riecht der Garten nach zarten Blüten.

б) бӯйи фауна (олами ҳайвонот)

Бӯй дар ҳаёти худи ҳайвонот ҳамчун воситаи хабаррасон нақши муҳимро мебозад, онҳо метавонанд ба воситаи бӯй бехатарии ҳаёташонро таъмин созанд ва тӯмаашонро ёбанд. Ғайр аз ин, ба воситаи бӯй муошират байни ҳайвонот имконпазир мегардад. Бештари ҳайвоноту ҳашарот бӯи хӯрокро аз масофаи дур дарк мекунанд. Масалан, замбӯрҳо танҳо ба воситаи бӯй гулҳои шаҳддорро дарёфт мекунанд.

Барои ҷуфтшавии ҳайвонот низ бӯй нақши калон мебозад. Ҳайвонот дорои бештари ғадудҳои бӯйдарккунӣ ва бӯйхориҷкунӣ мебошанд. Баъзе ҳайвонот барои аз худ дур кардани душман бӯйҳои бадро хориҷ мекунанд. Бӯйҳое, ки аз ҳайвонот гирифта мешавад, дар бозори атриёт нисбат ба бӯйҳои аз наботот гирифташуда аз сабаби камёфт буданашон гаронбаҳотар мебошанд. Аз ҷумла, аториёте, ки аз нофаи оҳу тайёр мешавад, бо номи *мушк* машҳур аст. Камтарин миқдори маводе, ки аз ҳайвонот гирифта мешавад, хело бӯи гуворою таъсирбахш дорад. Албатта бӯйҳое, ки аз ҳайвоноту ҳашарот меоянд, ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст: *бӯйи саг; бӯйи гамбӯсак; бӯйи асп; бӯйи гӯсфанд; бӯйи уштур; бӯйи оҳу; бӯйи гург; бӯйи муш; бӯйи гурба; бӯйи қурбоқа; бӯйи хар; бӯйи гов, бӯйи мург; бӯйи моҳӣ* ва ғайраҳо.

2) бӯйҳои ғайритабиӣ

Ба бӯйҳои ғайритабиӣ тамоми маҳсулоте, ки инсон истеҳсол мекунад, дохил мешаванд (дуд, атриёт ва ғайра). Аз ҳам ҷудо намудани бӯйҳои

ғайритабиӣ мушкил аст. Масалан, дар асарҳои зиёде мо доир ба бӯйи шаҳру деҳот дучор мешавем. Аз ҳам ҷудо намудани ин бӯйҳо душвор аз он ҷиҳат аст, ки як бӯй метавонад ҳам ба шаҳр ва ҳам ба деҳот дахл дошта бошад. Аммо мо метавонем гӯем, ки бештар бӯйи дуди сӯзишворӣ ва бӯи заводу фабрикаҳо ба бӯи шаҳр дохил мешаванд. То ҳадди имкон мо метавонем баъзе бӯйҳоро дар асарҳои гуногуни мутафаккирони олмонизабон мушоҳида ва таҳлил намоем. Дар ҷумлаҳои зер бӯйҳои минтақаву шаҳру деҳот мавриди истифода қарор гирифтаанд:

- *бӯйи шаҳр ва ҷазира – Geruch einer Stadt und einer Insel*

Es gibt typische Gerüche eines Landstrichs, einer Stadt oder einer Insel. Der gleiche Ort riecht zu jeder Jahreszeit anders [212, с. 10]. [*тарҷ. таҳтул.* Ҳар минтақа, шаҳр ва ё ҷазира бӯйи ба худ хосеро дорост. Як ҷой метавонад дар ҳар фасли сол бӯйи дигар дошта бошад].

- *бӯйи шаҳр - der Geruch der Stadt:*

Ich habe bereits bestimmte Vorstellungen vom Geruch einer Stadt [212, с. 19]. [*тарҷ. таҳтул.* Ман аллакай тасаввуроти муайяне дар бораи бӯйи шаҳр дорам].

Die Türen öffnen sich und herein strömt der Geruch der Stadt [212, с. 44]. [*тарҷ. таҳтул.* Дарҳо кушода мешаванд ва бӯйи шаҳр ба дарун ворид мешавад].

Städte, die am Wasser liegen, haben einen besonderen Geruch, finde ich [212, с. 147]. [*тарҷ. таҳтул.* Ба андешаи ман, шаҳрҳое, ки дар лаби об ҷойгиранд, як бӯйи махсус доранд].

- *бӯйи шаҳри Рим - der Geruch von Rom:*

Rom hat keinen eigenen, typischen Geruch. Riechen alte Steine nicht mehr? Obwohl. So manches Mal wehte mir ein trockener, staubiger Geruch in die Nase. Vielleicht ist der Geruch von Rom?! [212, с. 109]. [*тарҷ. таҳтул.* Рим бӯйи ба худ хоси худро надорад. Магар сангҳои кӯҳна дигар бӯй намекунанд? Гарчанде. Баъзан бӯйи хушку пурғубор ба бинии ман мерасад. Шояд ин бӯйи Рим бошад?].

- *бӯйи Париж* - *Duft von Paris*

Einen Tag später hatte er den Duft von Paris in der Nase [*212*, с. 317]. [*тарҷ. таҳтул.* Пас аз як рӯз ӯ бӯйи Парижро дар бинӣ дошт].

- *бӯйи Ҷӯи Мӯлион*

Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,

К-аз насимаш ***бӯи Ҷӯи Мӯлион*** ояд ҳаме [206, с. 36].

- *бӯйи одам*

Бояд тазаккур кард, ки дар таснифоти мавзуии консепти «бӯй» бӯйҳои одам ҷои махсуси худро доранд, ки онҳо низ ба бӯйҳои ғайритабиӣ дохил мешаванд: *бӯйи либос; бӯйи дандон; бӯйи шир; бӯйи тан; бӯйи даҳон; бӯйи устухон; бӯйи мӯйи сар; бӯйи зулф; бӯйи кӯдак; бӯйи пӯст; бӯйи хун;* ва ғайраҳо. Барои мушоҳида ва исботи гуфтаҳои боло як чанд ҷумлаҳоро мисол меорем, ки дар онҳо бӯйи инсон хело хуб ифода ёфтаанд.

- *бӯйи одам – menschlichen Geruch:*

Als er die Strasse betrat, bekam er plötzlich Angst, denn er wusste, dass er zum ersten Mal in seinem Leben einen menschlichen Geruch verbreitete [212, с. 94]. [*тарҷ. таҳтул.* Вақте ки ӯ ба кӯча баромад, ногаҳ ӯро тарс фаро гирифт, зеро медонист, ки бори аввал дар ҳаёташ ***бӯйи одамро*** паҳн мекунад].

Der Menschenduft ist immer ein fleischlicher Duft – also ein sündiger Duft [212, с. 21]. [*тарҷ. таҳтул.* ***Бӯйи одам*** ҳамеша ***бӯйи гӯшт*** аст – яъне бӯйи гунаҳкор].

- *бӯйи сина* - *der Duft der Brust:*

Es ist den Duft deiner Brust gewöhnt, musst du wissen, und den Schlag deines Herzens [212, с. 13]. [*тарҷ. таҳтул.* Ту бояд бидонӣ, ки ӯ ба ***бӯйи сина*** ва зарби дили ту одат кардааст].

- *бӯйи пӯст – der Geruch der Haut:*

Die Haut von Afrikanern riecht anders als die Haut der Europäer. Sie riecht nicht unangenehm, aber anders [212, с. 36]. [*тарҷ. таҳтул.* **Бӯйи пӯсти** африқоиҳо аз бӯйи пӯсти аврупоиҳо фарқ мекунад. Онҳо бӯйи бад надоранд, аммо бӯйҳои дигаранд].

Дар забони тоҷикӣ низ вожаҳои *бӯйи ёр, бӯйи гесу, бӯйи ту, бӯйи зулф* ва монанди инҳо ишора ба бӯйи одам мекунанд:

Дар маҷлиси мо атр маёмез, ки моро

Ҳар лаҳза зи *гесӯи ту* хушбӯй машом аст. *Ҳофиз*

Май бидеҳ, то диҳамад огаҳӣ аз сири қазо,

Ки ба рӯйи кӣ шудам ошиқу аз *бӯи кӣ* маст [**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с. 75].

Умрест, то *зи зулфи ту бӯе шунидаам*,

З-он бӯй дар машоми дили ман ҳанӯз бӯст [ЗЗ, с. 85].

Ҳофиз, бад аст ҳоли парешони ту, вале

Бар *бӯи зулфи ёр* парешоният накӯст [ЗЗ, с. 85].

Ману боди сабо мискин, ду саргардони беҳосил,

Ман аз афсуни чашмат масту ӯ аз *бӯйи гесӯят* [ЗЗ, с. 114].

Чу бод азми сари кӯйи ёр хоҳам кард,

Нафас ба *бӯйи хушаш мушкбор* хоҳам кард [ЗЗ, с. 114].

Пироҳане, ки ояд аз он *бӯйи Юсуфам*,

Тарсам, бародарони ғаюраш қабо кунанд [ЗЗ, с. 191].

Зи кӯйи ёр биёр, эй насими субҳ, ғуборе,

Ки *бӯйи хуни дили реш* аз он туроб шунидам [ЗЗ, с. 290].

Бӯйи ту мешунидаму бар ёди рӯи ту

Доданд соқиёни тараб як-ду соғарам [ЗЗ, с. 296].

Бар сари турбати ман бо майю мутриб бинишин,

То ба *бӯят* зи лаҳад рақскунон бархезам [ЗЗ, с. 333].

Гарчи донам, ки ба ҷое набарад роҳи ғариб,

Ман ба *бӯйи сари он зулфи парешон* биравам [ЗЗ, с. 320].

- *бӯйи маҳсулоти хӯрокворӣ*

Албатта маълум аст, ки дар ҳама давру замон хӯроку нӯшокиҳои хушбӯй қадр карда мешуд. Шуури инсон одатан таъму маззаи хӯрокро аз бӯйи он дарк ва муайян мекунад. Чунончи: *бӯйи шир; бӯйи шири туруш; бӯйи чой; бӯйи сирко; бӯйи арақ; бӯйи шароб; бӯйи ҳасиб; бӯйи панир; бӯйи*

равғани думбаи гӯсфанд; бӯйи нони гарм; бӯйи ош; бӯйи оши бурида; бӯйи замбӯруғ; бӯйи гӯшт; бӯйи гӯшти мурғ; бӯйи гӯшти гов; бӯйи гӯшти гӯсфанд; бӯйи тухм; бӯйи шӯрбо ва ғайраҳо.

- *бӯйи зирачой - der Duft des Fencheltees:*

Der Duft deines morgendlichen Fencheltees [216, с. 48]. *[тарҷ. таҳтул.* Бӯйи зирачойи саҳарии ту].

- *бӯйи сирпиёз, булғорӣ ва панири сахт - der Duft von Knoblauch, Paprika und kräftigem Käse*

Der Duft von Knoblauch, Paprika und kräftigem Käse weht aus der kleinen Küche in das Restaurant [212, с. 104]. [*тарҷ. таҳтул.* Бӯйи сирпиёз, булғорӣ ва панири сахт аз ошхонаи хурд ба тарабхона мевазад].

- *бӯйи бода, бӯйи май, бӯйи шир:*

Зи зуҳди хушк малулам, куҷост бодаи ноб,

Ки *бӯйи бода* мудомам димоғ тар дорад [33, с. 129].

Лола *бӯйи майи* нӯшин бишунид аз булбул,

Доғдил буду ба уммеди даво боз омад [33, с. 174].

Бӯйи шир аз лаби ҳамчун шакараш меояд,

Гарчи хун мечакат аз шеваи чашми сияҳаш [33, с. 264].

Қобили зикр аст, ки таснифоти мавзуии консепти «бӯй» на ҳамеша дақиқ омӯхта мешавад ва ҳудуди мавзӯъ одатан норавшан боқӣ мемонад. Калимаҳое, ки ба як гурӯҳи лексикию семантикии консепт дохил карда шудаанд, дар майдони дигари лексикию семантикии консепт низ дидан мумкин аст. Худи ҳамин зуҳуротро дар гурӯҳи калимаҳое, ки барои ифода намудани бӯйи инсон истифода мешаванд, мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, *бӯйи гули садбарг* ба гурӯҳи бӯйҳои гулу растанӣ дохил шуда, метавонад *ба бӯйи одам* низ тааллуқ дошта бошад, яъне мо метавонем гӯем, ки «аз ту бӯйи гули садбарг меояд». Агар аҳаммият диҳем, баъзе калимаҳо танҳо дар заминаи ҷумла ва матн ба майдони лексикию семантикии ин ё он консепт дохил мешаванд.

3) бӯйҳои мавҳумӣ (абстракт)

Ба гурӯҳи мавзуии бӯйҳои мавҳумӣ бӯйҳои абстрактии хеле зиёде дохил мешаванд, ки бештарашон дар асарҳои шоирону нависандагон ба назар мерасанд: *бӯйи рӯз; бӯйи саҳар; бӯйи ҷавонӣ; бӯйи шабоб; бӯйи кӯдакӣ; бӯйи бойигарӣ; бӯйи камбағалӣ; бӯйи зиндагӣ; бӯйи зӯрӣ; бӯйи дард; бӯйи марг; бӯйи умед; бӯйи озодӣ; бӯйи меҳр; бӯйи эътиқод; бӯйи тоза; бӯйи ифтихор; бӯйи эътибор; бӯйи номусу нанг; бӯйи ҳиҷрон; бӯйи умри тоза; бӯйи хатар; бӯйи ҷаҳон; бӯйи Ватан; бӯйи ишқ; бӯйи уқубат; бӯйи беҳрӯзӣ; бӯйи беҳбудӣ; бӯйи вафо; бӯйю накҳати шеъри дарӣ; бӯйи аҷал; бӯйи насия; бӯйи нав; бӯйи як нафас; бӯйи шаб; бӯйи баччагӣ* ва ғайра.

- *бӯйи давраи қудакӣ - die Gerüche meiner Kindheit*:

Fünfzig Jahre später haben sich die Gerüche meiner Kindheit verändert, denn es gibt vom Gesetz vorgeschriebene Geruchsfilter für Schornsteine [212, с. 15].

[*тарҷ. таҳтул.* Баъд аз панҷоҳ сол *бӯйҳои давраи кӯдакии* ман тағйир ёфтаанд, зеро мувофиқи қонуни пешбинишуда барои мӯриҳо софкунакҳои бӯйтозакунӣ мавҷуданд].

Ich vermisse viele Gerüche aus meiner Kindheit [212, с. 16]. [*тарҷ. таҳтул.* Ман бисёр бӯйҳои давраи кӯдакиямро пазмон мешавам].

- *бӯйи хирад ва бӯйи шаъну шараф – der Duft von Weisheit und der Duft von Königswürde*

Denn von diesen Worten strömt ein Duft von Weisheit und ein Duft von Königswürde, weil es die Worte der Wesen und die Worte der Könige sind [218, с. 99]. [*тарҷ. таҳтул.* Аз ин суханҳо *бӯйи хирад ва бӯйи шаъну шараф*и шоҳон меояд, барои он, ки ин суханҳо суханҳои ҳақиқӣ ва суханҳои шоҳон мебошанд].

- *бӯйи дурӯғ, бӯйи ҳунар*:

Ва аз сухани бефоида дурӣ гузин, ки сухани бесуд ҳама зиён бошад ва сухан, ки аз вай *бӯи дурӯғ* ояд ва *бӯи ҳунар* наояд, ногуфта беҳтар, ки ҳакимон суханро ба набиз (шароб) монанда кардаанд, ки ҳам аз ӯ хумор хезад ва ҳам бад-ӯ дармони хумор бувад [201, с. 28].

- *бӯйи ҳикмат, бӯйи маликӣ:*

Чун бихонӣ, эй писар, ин лафзҳоро хор мадор, ки аз ин суханҳо бӯи ҳам ҳикмат ояд ва ҳам бӯи маликӣ [201. с. 51].

- *бӯи муҳаббат, бӯйи меҳр*

То абад *бӯи муҳаббат* ба машомаш нарасад,

Ҳар кӣ хоки дари майхона ба рухсора наруфт [33, с. 108].

Сад ҷӯйи об бастаам аз дида дар канор

Бар *бӯйи тухми меҳр*, ки дар дил бикорамат [33, с. 111].

- *бӯйи хайр, бӯйи вафо*

Агар ба бодаи мушкин дилам кашад, шояд,

Ки *бӯйи хайр* зи зуҳди риё намеояд [33, с. 222].

Маҳрум агар шудам зи сари кӯйи ӯ, чӣ шуд?

Аз гулшани замона кӣ *бӯйи вафо* шунид? [33, с. 227].

- *бӯйи шавқ,*

Агар зи хуни дилам *бӯйи шавқ* меояд,

Аҷаб мадор, ки ҳамдарди нофаи Хутанам [33, с. 308].

- *бӯйи Ҳақ, бӯйи Худо*

Воизи мо *бӯйи Ҳақ* нашнид, бишнав ин сухан,

Дар ҳузураш низ мегӯям, на ғайбат мекунам [33, с. 315].

Бахил *бӯйи Худо* нашнавад, биё, Ҳофиз,

- *бӯйи дӯст*

Дар ин зулматсаро то кай ба бӯи дӯст биншинам,

Гаҳе ангушт бар дандон, гаҳе сар бар сари зону? [33, с. 456].

Яке аз аломатҳои бисёр муҳиме, ки дар майдони лексикию семантикии бӯйҳои мавҳумӣ мушоҳида мешавад, ин ба таври маҷоз истифода шудани онҳо мебошад: *бӯйи маргу зиндагӣ, бӯйи худию бегона, бӯйи гуноҳу бегуноҳӣ, бӯйи бадбинию дӯстдорӣ* ва монанди инҳо.

3.3. Таснифоти грамматикии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ

Грамматика ва қоидаҳои он имкон фароҳам меоранд, ки забонро аз рӯи як системаи муайян омӯзем ва фикрамонро дуруст баён кунем. Муҳаққиқ Л. М. Василев ба гуруҳҳои лексикию маъноӣ парадигмаҳои калимасозӣ, семантемаҳо, ҳиссаҳои нутқ ва категорияҳои грамматикии онҳоро дохил мекунад. Муҳаққиқ мафҳуми “майдони семантикии парадигматикӣ”-ро ба таври зайл шарҳ медиҳад: «... истилоҳи гурӯҳи луғавӣ-семантикӣ метавонад ҳар як гурӯҳи семантикии калимаҳо (лексемаҳо)-ро ифода намояд, ки ақаллан дар як семаи парадигматикаи умумии луғавӣ (ё ақаллан як омили умумии семантикӣ) муттаҳид шудаанд» [18, с. 105-113].

А. Л. Кузнецова гурӯҳи семантикии калимаҳоеро, ки аз рӯйи муносибатҳои ҷинсият ё намуд ба як майдонҳои луғавӣ ё луғавию семантикӣ муттаҳид шудаанд, калимаҳои бутун меномад [58, с. 259].

Дар фасли мазкур ба категорияҳои грамматикии шумора, ҳолат (падеж) ва муайянию номуайянӣ таваҷҷуҳ дода мешавад.

Мисолҳо барои муайянсозии категорияҳои грамматикии консепти «бӯй» дар забони тоҷикӣ асосан аз осори шориону адибони классикии тоҷк оварда мешавад. Барои муайянсозии забони олмонӣ бошад, такя бар асари «Атриёт»-и мутафаккири адабиёти муосири олмонӣ Патрик Зюскинд карда мешавад. Ин асар дар адабиёти ҷаҳонӣ хело машҳур буда, дар он консепти «бӯй» мақоми хоса дорад. Романи «Атриёт» соли 1985 аз чоп баромадааст ва яке аз корҳои ҷолибтарин дар адабиёти ҷаҳонӣ мебошад, ки дар бисёр забонҳои дунё тарҷума шудааст. Романи мазкур комилан аз консепти «бӯй» асос ёфтааст ва мо гуфта метавонем, ки ин асар дар *бораи бӯйҳои хубу бади зиндагӣ, хушбахтию бадбахтӣ, ҳаёту марг ва ҳастию нестӣ* нақл мекунад. Қаҳрамони асосии ин асар Жан-Батист Гренуил дорои қобилияти беҳамтои бӯйҳискунӣ аст.

Дар рафти таҳлили категорияҳои грамматикии консепти «бӯй» дар асари «Атриёт» бештар се ҳиссаи нутқ, яъне исм, сифат ва феълро мушоҳида мекунем: исмҳои «der Duft» (бӯй), «der Geruch» (бӯй), «das Parfum» (атр); сифат «der Gestank» (бадбӯй) ва феълҳои «duften» (бӯйи муаттар додан, бӯй

баровардан), «riechen» (бӯй кардан, бӯй додан, бӯй баровардан) ва «stinken» (бӯйи бад кардан, бӯйи бад додан, бӯйи бад баровардан) ва ғайра дохил мешаванд.

3.3.1. Таснифи консепти «бӯй» аз рӯйи категорияҳои грамматикӣ дар забонҳоитоҷикӣ ва олмонӣ

Грамматикаи забони олмонӣ аз грамматикаи забони тоҷикӣ тавофут дорад. Яке аз фарқиятҳои асосӣ ин дар ҷинсияти грамматикӣ, шумора, категорияҳои муайянию номуайянӣ ва падеж мебошад, ки дар забони тоҷикӣ бештари ҳодисаҳои грамматикӣ номбурда ба назар намерасад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки артикл яке аз нақшҳои асосиро барои омӯхтани забони олмонӣ мебозад. Бояд қайд кард, ки дар забони олмонӣ ду намуди артикл вуҷуд дорад: артиклҳои муайянӣ ва артиклҳои номуайянӣ. Артикли муайянӣ барои ҷинси мардона «der», барои ҷинси занона «die», барои ҷинси миёна «das» ва барои шумораи ҷамъ «die» мебошад. Артикли номуайянӣ барои ҷинсҳои мардона ва миёна «ein» ва барои ҷинси занона «eine» мебошад. Артиклҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума намешаванд вале пеш аз исм қарор гирифта исмро дар забони олмонӣ доимо ҳамроҳӣ мекунанд. Вазифаи асосии артикл, пеш аз ҳама, муайян кардани ҷинсият, шумора, ҳолат (падеж) ва категорияҳои муайянию номуайянӣ мебошад.

Дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» омадааст, ки «дар забони тоҷикӣ исм дорои категорияи номуайянӣ мебошад. Номуайянии исм, пеш аз ҳама, ба воситаи артикли «-е» ифода меёбад. Артикли «-е» бо ҳамаи хелҳои исм омада метавонад. Аз ҳисаҳои нутқ артикли «-е»-ро исм қабул менамояд. Ин аст, ки артикли «-е» аломати грамматикӣ ва нишондиҳандаи исм ҳамчун ҳиссаи нутқ ба шумор меравад. Ҳар як ҳиссаи нутқе, ки дар ҷумла ба вазифаи исм меояд, дар баробари дигар категорияҳои исм артикли «-е»-ро қабул карда метавонад. Артикли «-е» хусусиятҳои зиёди грамматикӣ дорад. Ҳар як вазифаи вай маҳз дар матн равшан зоҳир мегардад» [30, с. 115].

Яке аз фарқиятҳои асосии грамматикаи забони олмонӣ аз забони тоҷикӣ дар ҷинс, шумора, категорияҳои муайянию номуайянӣ ва ҳолат (падеж) ба назар мерасад, ки барои ифодаи онҳо дар забони олмонӣ, пеш аз ҳама, артикл нақши асосиро мебозад. Бояд қайд кард, ки дар забони олмонӣ чор ҳолат (падеж) вуҷуд дорад. Барои ба мо равшан гардидани гуфтаҳои боло ҷадвали ҳолатҳои (падеж) забони олмониро ба таври зер нишон медиҳем.

№	ҳолат	саволҳо	тарҷумаи саволҳо
1	Nominativ	wer? was?	кӣ? чӣ?
2	Genitiv	wessen?	аз они кӣ? аз они чӣ?
3	Dativ	wem? wo? wann?	ба кӣ? дар куҷо? кай?
4	Akkusativ	wen? was? wohin?	киро? чиро? ба куҷо?

Бояд қайд кард, ки артикл, исм, сифат ва ҷонишин дар ҳолатҳои (падеж) номбаршуда тасриф мешаванд. Дар забони тоҷикӣ, албатта ҳолат (падеж) вуҷуд надорад, аммо ҷонишини соҳибии «аз они» ҳолати (падеж) генитивро, пешоянди «ба» ҳолати (падеж) дативро ва пасоянди «-ро» ҳолати (падеж) аккузативро ифода мекунанд. Дар забони олмонӣ исмро доимо артикл роҳбарӣ мекунад. Яъне ҷинсият, шумора ва дар кадом ҳолату (падеж) кадом шумора будани исм ба воситаи артикл муайаян карда мешавад. Дар ҳолати бе артикл истифода шудани исм, вазифаи артиклро дигар ҳиссаҳои нутқ чун сифат ва ё ҷонишин ба уҳда мегиранд, ки дар онҳо нишонаҳои артикл дида мешавад. Дар шумораи ҷамъ артикли номуайянӣ вуҷуд надорад:

Артиклҳои муайянӣ

№	ҳолат	мардона	занона	миёна	ҷамъ
1	Nominativ	der	die	das	die
2	Genitiv	des	der	des	der

3	Dativ	dem	der	dem	den
4	Akkusativ	den	die	das	die

Артиклҳои номуайянӣ

№	ҳолат	мардона	занона	миёна
1	Nominativ	ein	eine	ein
2	Genitiv	eines	einer	eines
3	Dativ	einem	einer	einem
4	Akkusativ	einen	eine	ein

Барои равшан гаштани масъалаи зерин нишон додани ҷадвали тасрифи исмҳо дар забони олмонӣ бамаврид аст. Ҷадвали тасрифи исмҳои зерин нишон медиҳад, ки ҷонишини соҳибии «аз они» ҳолати (падеж) генитивро, пешояндҳои «ба» ҳолати (падеж) дативро ва пасоянди «-ро» ҳолати (падеж) аккузативро дар забони тоҷикӣ ифода мекунанд.

1	N	der Duft	бӯй
2	G	des Dufts	аз они бӯй
3	D	dem Duft	ба бӯй
4	A	den Duft	бӯйро

Артикли муайянӣ дар забони олмонӣ дар ҳолате истифода мешавад, ки агар шахс ва ё ашё маълум бошад [130, с. 19]. Чи тавре, ки аз ҷадвали ҳолатҳои (падеж) забони олмонӣ маълум мегардад, дар забони олмонӣ чор ҳолат (падеж) вуҷуд дорад ва ҳар як ҳолат (падеж) саволеро талаб мекунад.

Барои нишон даодани ифодаи артикл ва ҳолат (падеж) дар забони тоҷикӣ мисолҳои зеринро меорем.

Der Duft war so himmlisch gut, dass Baldini schlagartig das Wasser in die Augen traf [214, с. 111]. [*тарҷ. таҳтул.* Бӯй он чунон олӣ буд, ки беихтиёр аз чашмони Балдинӣ об ҷорӣ шуд].

Дар ҷумлаи зикршуда исми «Duft» бо артикли муаянии «der» дар ҳолати (падеж) номинатив қарор дорад. Дар забони олмонӣ аз як тараф бо роҳи саволгузорӣ ва аз тарафи дигар бо ёрии артикл дар кадом ҳолат (падеж) қарор доштани исм муайян карда мешавад. Чуноне ки аз ҷадвали ҳолатҳои (падеж) забони олмонӣ ба мо маълум аст, ҳолати (падеж) номинатив саволи «кӣ» ва «чӣ» -ро талаб мекунад.

Und ich vermisse **den** Geruch **der** Molkerei, die es früher in jeder Stadt gab [212, с. 17]. [*тарҷ. таҳтул.* Ва ман бӯй**и** корхонаи коркарди шир**ро**, ки пештар дар ҳар шаҳр вуҷуд дошт, пазмон мешавам].

Дар ҷумлаи мазкур ҳолатҳои (падеж) генитив ва аккузатив ба назар мерасанд, ки барои муайян кардани онҳо артикл нақши асосиро мебозад ва дар ҷумлаи забони тоҷикӣ бо бандаки «-и» ва пасоянди «-ро» ифода ёфтааст.

Meine Nase war geübt im Umgang **mit den** verschiedensten Gerüchen [212, с. 14]. [*тарҷ. таҳтул.* Бинии ман **ба** бӯйҳои гуногуни муҳити атроф одат карда буд].

Дар ҷумлаи боло ҳолати (падеж) датив ба назар мерасад, ки пешоянди «mit» ва артикли муайянии «der» дар ҳолати (падеж) датив, яъне «den» истифода шуда дар забони тоҷикӣ бо пешоянди «ба» ифода ёфтааст.

Freilich liebte er nicht **einen** Menschen, nicht etwa **das** Mädchen im Haus dort hinter der Mauer. Er liebte **den** Duft [214, с. 242].

[*тарҷ. таҳтул.* Албатта вай касе**ро** дӯст намедошт, на духтари дар хонаи паси девор буда**ро**. Ӯ бӯй**ро** дӯст медошт].

Дар ҷумлаи боло исм бо артиклҳои номуайянӣ ва муайянӣ дар падежи аккузатив қарор дорад, ки дар ҷумлаи забони тоҷикӣ бо пасоянди «-ро» ифода ёфтааст.

Als wir aus dem Taxi steigen, empfängt uns **der** süssliche Duft **eines** fremden Gewächses [212, с. 37]. [*тарҷ. таҳтул.* Ҳангоми аз таксӣ фаромадан як ***бӯйи хуши растании бегонае*** моро истиқбол мекард].

Der feine Duft lockt auch viele Schmetterlinge an [212, с. 93].

[*тарҷ. таҳтул.* Бӯйи хуш бисёр шапалакҳоро низ ба худ ҷалб мекунад.

Wer also eine Reise plant und gerne den muss sich einen Termin im Sommer wählen. Im Winter, wenn es kalt ist, sind **die** Gerüche erfroren [212, с. 11]. [*тарҷ. таҳтул.* Хулас касе, ки нақшаи сафар дошта бошад, тобистонро интихоб кунад. Дар зимистон, вақте ки хунук аст, **бӯйҳо** ях кардаанд].

Spätestens jetzt weiss ich, woher **der** unangenehme Geruch im Haus stammt [212, с. 27]. [*тарҷ. таҳтул.* Дераш худи ҳозир ман муайян мекунам, ки **бӯйи нохуш** дар хона аз куҷо меояд].

Die Vielfalt **der** Gerüche ist kaum zu beschreiben [212, с. 48].

[*тарҷ. таҳтул.* Гуногунрангиӣ бӯйҳо тамоман тасвирнашаванда аст].

Дар ҷумлаҳои дар боло оварда исми «Duft» бо артикли муайянии ҷинси мардона «der» истифода шудааст, ки артикл ҳам ҷинс, ҳам шумора ва ҳам ҳолати (падеж) исмро нишон дода истодааст.

Артикли номуайянӣ дар ҳолате истифода мешавад, ки агар шахс ва ё ашё номаълум бошад ва бори аввал сухан дар бораи он равад [19, с. 19].

Jetzt ist es **ein** recht gut**er** Duft [214, с. 110]. [*тарҷ. таҳтул.* Акнун ин **бӯйи** хело **хуб** аст].

Артиклҳои номуайянӣ на ҳамеша ҷинсияту ҳолати (падеж) исмҳоро муайян карда метавонанд. Агар мо ҷумлаи болоро таҳлил кунем, пеш аз исм бо артикли номуайянии ҷинси мардона ва сифат дар ҳолати (падеж) номинатив қарор дошта, бандаки «-er» яъне, пасванди артикли муайянии ҷинси мардона «der»-ро қабул кардааст. Ин ҳодиса дар забони олмонӣ ҷинс, шумора ва ҳолати (падеж) исмро нишон дода истодааст, яъне ҷинси мардона, шумораи танҳо ва ҳолати (падеж) номинатив.

Ihre reifen Früchte hängen an den Zweigen und verströmen ein**en** wunderbar**en** Duft [218, с. 55]. [*тарҷ. таҳтул.* Меваҳои пухтарасидаи он дар шохҳои дарахтон овезон шуда, **бӯйи аҷоиберо** паҳн карда истодаанд].

Ein seltsam**er** Geruch steigt mir in die Nase [218, с. 25]. [*тарҷ. таҳтул.* Як бӯйи аҷоибе ба биниям мезанад].

Nachdem wir unsere Tassen ausgesucht und uns einen Fensterplatz ergattert haben, bemerke ich einen mir bekannt**en** Geruch [218, с. 29]. [*тарҷ. таҳтул.* Пас аз он ки мо пиёлаҳои худро интихоб карда дар назди тиреза нишастем, ман бӯйи шиносеро ҳис кардам].

Eine Duftwolke aus Holz und Parfüm [218, с. 18]. [*тарҷ. таҳтул.* Як абри бӯй пур аз бӯйҳои ҳезуму атр].

Дар ҷумлаҳои боло исмҳои «Geruch» ва «Duft» бо артиклҳои номуайянӣ ва сифатҳои «wunderbar» (аҷоиб), «seltsam» (аҷиб) ва «bekannt» (шинос) истифода шуда, дар ҳолатҳои (падеж) гуногун қарор доранд, аммо артикли номуаянӣ ҷинси исмро муайян карда наметавонад. Аз ҳамин сабаб ин вазифаро сифат ба уҳда мегирад, яъне дар ҷумлаҳои номбаршуда сифатҳо анҷомаҳои ҳолатиро (падеж) қабул кардаанд, ки вазифаи артикли муайянро иҷро мекунанд.

Ҷонишинҳо ашё ва аломати онро номбар накарда, ба таври умумӣ нишон медиҳанд ва бо маънои хело умумии худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунанд. Маънои конкретии ҷонишинҳо танҳо дар ҷумла муайян мешавад [27, с. 215]. Ҷонишинҳо дар забони олмонӣ вобаста ба ҷинс, шумора ва падежи исм тасриф ва истифода мешаванд. Дар ҷумлаи зерин пеш аз исми «Geruch» ҷонишини соҳибии «ihr» (аз они онҳо) омада ҷинс, шумора ва падежи исмро муайян карда истодааст.

Aber **ihren** Geruch werde ich mein Leben lang nicht mehr vergessen können [218, с. 31].

[*тарҷ. таҳтул.* Аммо ман тамоми умр ҳеҷ гоҳ бӯйи **онҳоро** фаромӯш карда наметавонам].

Er wusste, dass er **diesen** Duft verbessern konnte [216, с. 198].

[*тарҷ. таҳтул.* Вай медонист, ки **ин** бӯй**ро** беҳтар карда метавонад].

Ach! Er wollte **diesen** Duft haben! [214, с. 218].

[*тарҷ. таҳтул.* Оҳ! Ӯ мехост **ин** бӯйи муаттар**ро** ба даст орад!].

Fast wird mir schwindelig von **diesen** süss**en** Düften [216, с. 37].

[*тарҷ. таҳтул.* Қариб аст ки аз **ин** бӯйи ширин сарам чарх занад].

Dieser Duft wirkt wie ein Opiat [216, с. 37].

[*тарҷ. таҳтул.* **Ин** бӯй ба монанди маводи мухаддир таъсир мекунад].

Dieses Parfum war **kein** Parfum, wie man es bisher kannte [216, с. 111].

[*тарҷ. таҳтул.* **Ин** атр атр**е** набуд, ки то имрӯз медонистанд].

Gestern Abend dein Anruf: Delia: für einen Moment nur deine Stimme: dein Mund an meinem Ohr: ich konnte deinen Atem spüren: ich konnte **dein** Parfum riechen: bis du wieder auflegtest: dann warst du weg [216, с. 27].

[*тарҷ. таҳтул.* Дирӯз бегоҳ занги ту: Делия: лаҳзае танҳо садои ту: даҳони ту дар гӯши ман: ман нафаси туро эҳсос мекардам: ман бӯй**и** атр**и туро** мебӯйидам: то даме, ки ту дубора гӯшакро гузоштӣ: баъд ту нопадид шудӣ].

Исми «Duft» дар ҷумлаҳои зикршуда бо ёрии ҷонишини ишоратии «dieser» омадааст, ки ба забони тоҷикӣ «ин» тарҷума мешавад. Ҷонишинҳои ишоратӣ ба ашё ва ё аломати исм ишора мекунанд ва дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳои зерини ишоратӣ ба назар мерасанд: «ин», «он», «ҳамин», «ҳамон», «чунин», «чунон», «ин хел», «ин гуна», «он гуна», «ин тавр», «ҳамин хел», «ҳамин гуна», «ин қадар», «он қадар» ва ғайра [30, с. 224]. Бештари ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони олмонӣ ба шахс ва ашё ишора карда вазифаи артиклро адо мекунанд. Ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони олмонӣ «dieser», «diese», «dieses», «jener», «jene», «jenes», «solcher», «solche», «solches», «derselbe», «dieselbe», «dasselbe», «derjenige», «diejenige», «dasjenige», «der gleiche», «die gleiche», «das gleiche» ва ғайра мебошанд [130, с. 212].

Роҳҳои ифодаи консепти «бӯй» дар забони олмонӣ гуногун мебошад. Яке аз роҳҳои ифодаи консепти «бӯй» ин дар асоси сохтани исмҳои мураккаб

аст. Бо гурӯҳи калони исмҳо дар забони олмонӣ дар асоси «Duft» ва «Geruch» исмҳои мураккаб сохта мешавад, масалан: der Menschenduft (бӯйи одам); der Blütenduft (бӯйи шукуфа); die Duftkerzen (шамҳои атрогин); das Duftleder (бӯйи пӯст); der Harzduft (бӯйи қатрон); der Moschusduft (бӯйи мушк); der Zauberduft (бӯйи сеҳрнок); der Hundeduft (бӯйи саг); der Kalkduft (бӯйи оҳак); der Fischgeruch (бӯйи моҳӣ); der Schlammgeruch (бӯйи лой); der Leichengeruch (бӯйи мурда); der Säuglingsgeruch (бӯйи тифли ширмак); der Menschengeruch (бӯйи одам); der Tiergeruch (бӯйи ҳайвон); der Mördergeruch (бӯйи қотил); der Meergeruch (бӯйи баҳр); der Waldgeruch (бӯйи ҷангал); der Schuhgeruch (бӯйи пойафзол); der Holzgeruch (бӯйи ҳезум); der Eigengeruch (бӯйи худӣ); der Kunstgeruch (бӯйи санъат); der Weingeruch (бӯйи шароб); der Mundgeruch (бӯйи даҳон); die Parfumerienwaren (атриёт); der Weingeruch (бӯйи шароб); der Milchdunst (буғи шир); das Blütenparfum (атри шукуфа) ва ғайра. Чуноне ки аз мисолҳои боло ба мо маълум гардид, ин гуна сохтани исмҳои мураккаб дар ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» дар забони тоҷикӣ кам ба назар мерасад.

Исмҳои «Duft» ва «Geruch» дар забони олмонӣ бо ёрии пешоянди «von», ки дар забони тоҷикӣ бандак изофиро ифода мекунад ва дигар исмҳо ибораҳои зерин сохта мешаванд: der Duft von Narzissen (бӯйи гули наргис); der Duft von Paris (бӯйи Париж); der Duft von Luft (бӯйи ҳаво); der Duft von Milch (бӯйи шир); der Duft von Salz (бӯйи намак); der Duft von Leben (бӯйи ҳаёт); der Duft von Kräutern (бӯйи гиёҳҳо); der Geruch von Rabenblut (бӯйи хуни зоғ); der Geruch von gebügelter Seide (бӯйи абрешими дарзмолкарда); der Geruch von den Wiesen (бӯйи саҳро); der Geruch von den Wäldern (бӯйи ҷангалҳо); der Geruch vom Land (бӯйи кишвар); der Geruch von Gras (бӯйи алаф); der Geruch von Stein (бӯйи санг); der Geruch von Sand (бӯйи қум); der Geruch von Harz (бӯйи қатрон); der Dunst von frischgebackenen Brot und von Eiern (буғи нони гарм ва тухм); der Dunst von Nudeln (буғи макарон) ва ғайра.

Mal sind es die Düfte **von** Kräutern, die einem in die Nase wehen, mal ein Wasserfall mit dem Geruch eines Tropenwaldes, feucht und farbig [218, с. 130].

[*тарҷ. таҳтул.* Баъзан ин бӯй**и** гиёҳҳое, ки ба бинии кас мерасад, баъзан шаршарае бӯйи ҷангали боронии тару рангинро меорад].

Исмҳои «Duft» ва «Geruch» дар забони олмонӣ бо ёрии артиклҳои муайянию номуайянӣ ва дигар исмҳои гуногун дар ҳолати (падеж) генитив низ як қисми калони ибораҳоро ташкил медиҳанд. Ҳолати (падеж) генитив низ дар забони тоҷикӣ бо бандаки изофӣ ифода меёбад: der Geruch der Pflanzen (бӯйи растанҳо); der Geruch der Erde (бӯйи хок); der Geruch des Meeres (бӯйи баҳр); der Geruch des Wassers (бӯйи об); der Duft der Erde (атри замин); der Geruch der Wurst (бӯйи ҳасиб); der Geruch des Meeres (бӯйи баҳр); der Duft des Mädchens (бӯйи духтар); der Duft des Menschen (бӯйи одам); der stinkende Dunst der Gassen (буғи бӯйини кӯчатангиҳо); der Geruch des Essigs (бӯйи сирко); der Geruch des Weins (бӯйи шароб); der Geruch des Schnaps (бӯйи арақ); der Duft des Veilchens (бӯйи гули бунафша); der Duft der Blüten (бӯйи шукуфа); der Duft der Blumen (бӯйи гулҳо); der Geruch der Pflanzen (бӯйи растаниҳо); der Duft der Rosen (бӯйи садбарг); der Geruch der Rosenknospen (бӯйи ғунчаи садбарг); der Geruch eines Tees (бӯйи чой), der Geruch der Kähne (бӯйи киштӣ), der Duft der Seide (бӯйи абрешим), der Geruch von Seide (бӯйи абрешим), der Duft der Dingen (бӯйи ашёҳо), der Duft von Metall (бӯйи метал), der Duft von Glas (бӯйи шиша), der Duft von Schafswolle (бӯйи мӯи гӯсфанд), die Parfumerienwaren (бӯйи атриёт), die Duftkerzen (бӯйи шамъҳои артогин), das Duftleder (бӯйи пӯст) ва ғайраҳо.

Бӯйҳои хусусияти абстрактидошта низ дар зиёд ба назар мерасанд: der Geruch der Kindheit (бӯйи кӯдакӣ), der Geruch des Reichtums (бӯйи боигарӣ), der Geruch des Tages (бӯйи рӯз), der Geruch des Morgens (бӯйи субҳ), der Duft vom Leben (бӯйи ҳаёт), riechen nach Gold und Macht (бӯйи тиллою қудрат кардан) ва ғайраҳо.

Дар забони олмонӣ аз исмҳои «Duft» ва «Geruch» амалҳои зерини марбут ба бӯй сохта мешаванд: *den Duft verbreiten* (бӯйро паҳн кардан); *den Duft fangen* (бӯйро қапидан); *den Duft zu sich nehmen* (бӯйро ба худ гирифтан); *den Duft rauben* (бӯйро дуздидан); *dem Duft folgen* (аз паси бӯй рафтан); *den*

Geruch besitzen (бӯйро соҳибӣ кардан); *den Geruch beherrschen* (бӯйро идора кардан); *den Geruch erreichen* (бӯйро ба даст овардан); *den Geruch fressen* (бӯйро хӯрдан); *den Geruch haben* (бӯйро доштан); *der Geruch entgegenschlägt* (бӯй задан) ва ғайра. Мисолҳои дар боло овардашуда дар ҷумлаҳои зерин мушоҳида мешаванд:

Wer die Gerüche **beherrschte**, der beherrschte die Herzen der Menschen [218, с. 199]. [*тарҷ. таҳтул.* Касе ки бӯйҳоро **идора мекард**, дили одамонро идора мекард].

Er **hatte** einen Geruch, er hatte Geld, er hatte Selbstvertrauen, und er hatte eilig [216, с. 209]. [*тарҷ. таҳтул.* Ӯ **дорои** бӯй, пул ва боварӣ **буд**, шитоб мекард].

Wohlige Wärme und beissender Geruch **schlugen** mir **entgegen** [216, с. 161].[*тарҷ. таҳтул.* Гармии гуворо ва бӯйи газанда ба ман **зад**].

Ҳалштайн А. В. вобаста ба хусусияти маъноии феълҳои ифодакунанадаи «бӯй» онҳоро ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мекунад:

- феълҳои ифодакунандаи дорои қобилияти дарк ва қабули бӯй;
- феълҳои ифодакунандаи бӯй баровардан, бӯй паҳн кардан, бӯй равона кардан;
- феълҳои ифодакунандаи ба чизе бӯй додан, бӯйнок кардан, атрнок кардан;
- феълҳои ифодакунандаи фаъолона бӯйро қабул кардан, бӯидан, бӯй кашидан, шамидан;
- феълҳои ифодакунадаи эътироф кардан аз рӯи бӯй, пай бурдан аз рӯи бӯй [110, с. 97].

Тибқи таснифоти А. В. Ҳалштайн вобаста ба хусусияти маъноии феълҳои ифодакунандаи «бӯй» дар забони тоҷикӣ чунин феълҳо ба монанди *расидан; гирифтан; гирондан; додан; кардан; омадан; фаҳмидан; расидан; кашидан; ҳис кардан; эҳсос кардан; нафас кашидан; доштан; баровардан; баромадан; паҳн кардан; шунидан; бурдан; овардан; ворид шудан; ворид кардан; вазидан; равон кардан; пош додан; пошидан; задан; пайдо кардан;*

ёфтан; дарёфтан ва ғайра ба майдони феълҳои ифодакунандаи консепти «бӯй» ворид мешаванд. Барои далели гуфтаҳои боло мисол овардани байти зерин хело бомаврид аст:

Бӯйи бунафша *бишнаву* зулфи нигор гир,

Бингар ба ранги лолаву азми шароб кун [207, с. 348].

А. В. Ҳалштайн сифатҳои ифодакунандаи «бӯй»-ро низ ба ду гурӯҳ тақсим намуда, мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо ақидаи ӯ ду гурӯҳи сифатҳо бӯйҳои хушро ифода мекунанд:

1. Сифатҳое, ки бевосита бӯйи хушро ифода мекунанд, ба монанди бӯи форам, хушбӯй;

2. Сифатҳое, ки аз исмҳои ифодакунандаи бӯи хуш сохта шудаанд, ба монанди атрогин, мевагӣ ва ғ. [110, с. 118].

Ҳамин тавр, вобаста ба вижагиҳои грамматикӣ бо такя ба яке аз методҳои натиҷабахши забоншиносии равонӣ – ташхиси ассотсиативӣ консепти *бӯйро* метавон чунин раддабандӣ кард:

Ассосиатсияи синтагматикӣ (калима-аксуламал)

Исм+сифат *Исм+феъл*

Ассосиатсияи парагматикӣ

Муқобилмаъно

хуб	–	бад
хуш	–	тунд
форам	–	нофорам
хушрӯй	–	гандида
ширин	–	талх

Муносибати ашёӣ (кул ва ҷузъ)

Бӯйи гул – *садбарг, лола*
Бӯйи сабзавот – *бодиринг, помидор*
Бӯйи ҳайвон – *гов, саг, гурба*
Бӯйи парранда – *мурғ, кабк*
Бӯйи моеот – *бензин, керосин*

БӮЙ

3.3.2. Таснифоти калимасозии вожаи «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Бо ин роҳ таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав пурра мешавад. Ҷараёни калимасозӣ ва воситаҳои он бо грамматика алоқаи мустаҳкам дорад. Хусусияти калимасозии забон ба хусусияти сохти грамматикии он зич вобаста аст. Исм ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ тарзҳои гуногуни калимасозӣ дорад. Бо пасвандҳо сохта шудани исм тарзи сермаҳсултарини калимасозии морфологӣ ба шумор меравад [30, с. 135]. Дар забони олмонӣ низ исм дорои тарзҳои гуногуни калимасозӣ мебошад. Яке аз сермаҳсултарин пасвандҳои исмсоз дар забони олмонӣ ин пасванди «-er» мебошад, ки бештар дар натиҷаи ба решаи феъл ҳамроҳ кардани пасванди номбурда исм сохта мешавад. Масалан, дар натиҷаи ба решаи феъли «stinken» [бӯйи бад баровардан] ҳамроҳ кардани пасванди «-er» исми «Stinker» [бадбӯй, бӯйин] сохта шудааст. Чунин тарзи калимасозии исм дар забони тоҷикӣ низ ба назар мерасад. Агар мо ин ҳодисаро ба забони тоҷикӣ муқоиса кунем, пасванди «-er» ба пасванди «-ин» рост меояд, яъне дар натиҷаи ба калимаи «бӯ» ҳамроҳ шудани пасванди «-ин» дар забони тоҷикӣ сифати «*бӯйин*» сохта мешавад. Аммо сифатҳо дар ҷумлаҳо метавонанд ба исм табдил ёбанд, ки дар забони тоҷикӣ ин ҳодиса ба назар мерасад. Масалан, агар вожаи *бӯйин* сифат бошад, аммо он метавонад ҳамчун исм истифода шавад:

Diese kleinen Stinker gehen mir gehörig auf die Nerven [218, с. 30].

[*тарҷ. таҳтул.* Ин *бӯйинҳои* майда дар асабҳои ман бозӣ карда истодаанд].

Дар ин ҷо вожаи *бӯйин* исм буда, шакли ҷамъбандӣ низ қабул кардааст.

Бо пешванд сохта шудани исм тарзи каммаҳсултарини калимасозии исм ба шумор меравад [30, с. 135]. Дар забони олмонӣ яке аз пешвандҳои фаъоли исмсоз ин пешванди «ge-» мебошад, ки дар натиҷаи ба асоси замони гузаштаи феъли «stinken», яъне «stank» ҳамроҳ шудани пешванди «ge-» исми «Gestank» сохта шудааст.

Mir wird ganz schlecht vom **Gestank** [218, с. 141].

[*тарҷ. таҳтул.* Аз **бӯйи бад** ман худамро хело ноҷо ҳис мекунам].

Ҳамаи ин хусусиятҳои исм онро мефаҳмонад, ки нақши исм дар сохти забони олмонӣ бениҳоят калон аст ва он яке аз маъмултарин ҳиссаи нутқ мебошад. Миқдори мафҳумҳои ашёҳое, ки инсон дар ҳаёти иҷтимоии худ дар амал тадбиқ мекунад ва фикрию забонӣ баён мекунад хело калон аст ва андозаи ӯ беист меафзояд [146, с. 88].

Дар калимасозии феъл сохти таркибӣ хеле сермаҳсул аст [30, с. 10]. Агар мо гурӯҳи феълҳоро дар ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» ба назар гирем, муносибати байни онҳо гуногун ва мураккабтар аст. Воҳидҳои ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» як қатор феълҳоеро дар бар мегирад, ки маънои паҳн кардани бӯйро доранд. Ба ин гурӯҳ феълҳои *ausströmen, entströmen, verströmen, hineinströmen, ausdünsten, verbreiten, ausgehen, schweben, abriechen, hindurchriechen, sattriechen, durchriechen, herausriechen, wiederriechen, atmen, einatmen, beduften, duften, stinken ва ғайра дохил мешаванд*.

Феълҳои **riechen** «бӯй баровардан» ва **stinken** «бӯйи бад баровардан», ки барои ифодаи бӯйҳои гуногун истифода мешаванд, бо ёрии пешоянди «***nach***» ва ҳолати (падеж) датив дар ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» ҷои махсуси худро ишғол мекунанд: *nach Karamell riechen [бӯй карамел кардан]; nach Milch riechen [бӯйи шир кардан]; nach Ammenmilch riechen [бӯйи шири доя кардан]; nach Haar riechen [бӯйи мӯй кардан]; nach*

Haut riechen [бӯйи пӯст кардан]; nach Kinderschweiss riechen (stinken) [бӯйи арақи кӯдак кардан]; nach Schweiss stinken [бӯйи арақ кардан]; nach ungewaschenen Kleidern stinken [бӯйи либосҳои ношуста кардан]; nach verrotteten Zähnen stinken [бӯйи дандонҳои зардшуда кардан]; nach altem Käse stinken [бӯйи панири кӯҳна кардан]; nach saurer Milch stinken [бӯйи шири туршшуда кардан]; nach Geschwulstkrankheiten stinken [бӯйи бемориҳои варамӣ кардан]; nach saurem Wein stinken [бӯйи шароби турш кардан]; nach Schnaps stinken [бӯйи арақ кардан]; nach Pisse stinken [бӯйи пешоб кардан]; nach Fleisch stinken [бӯйи гӯшт кардан] ва ғайраҳо.

Es stanken die Flüsse, es stanken die Plätze, es stanken die Kirchen, es stank unter den Brücken und in den Palästen [218, с. 6].

[*тарҷ. таҳтул.* Дарёҳо, хиёбонҳо, калисоҳо, зери пулҳо ва қасрҳо бӯи бад мекарданд].

Suppenfleisch riecht gut. Die Gärten von Arabien riechen gut [218, с. 16].

[*тарҷ. таҳтул.* Гӯшти шӯрбо бӯйи хуш дорад. Боғҳои Арабистон бӯйи хуш доранд].

Aber er roch nicht nach Milch [218, с. 21].

[*тарҷ. таҳтул.* Аммо аз ӯ бӯйи шир намеомад].

Von seinen Fingern roch er nichts [218, с. 172].

[*тарҷ. таҳтул.* Ӯ аз ангуштони худ ҳеҷ бӯйеро ҳис накард].

Er spürte die Wärme der Hand, aber er roch nichts [218, с. 172].

[*тарҷ. таҳтул.* Ӯ гармии дастро ҳис кард, вале ҳеҷ бӯйеро ҳис накард].

Er wusste, dass dies die Stelle war, wo alle Menschen nach sich selber riechen [218, с. 172].

[*тарҷ. таҳтул.* Ӯ медонист, ин ҷое аст, ки ҳамаи одамон бӯйи худро бӯй мекунанд].

Marmor riecht anders, beziehungsweise weniger als Holz [218, с. 9].

[*тарҷ. таҳтул.* Бӯйи мармар дигар аст, яъне аз чӯб камтар аст].

Je besser es im Büro riecht, desto lieber kommt man zur Arbeit [218, с. 9].

[*тарҷ. таҳтул.* Чӣ қадаре ки идораи корӣ бӯйи хубтар кунад, ҳамон қадар беҳтар ба кор меоянд].

In manchen Stadtteilen roch es nach Malz [212, с. 13].

[*тарҷ. таҳтул.* Баъзе шаҳрҳо бӯйи ҷав мекарданд].

Tomaten riechen und schmecken nur selten noch nach Tomaten [218, с. 15].

[*тарҷ. таҳтул.* Помидорҳо дигар ба мисли помидор бӯйю мазза надоранд].

Laubwälder riechen wieder anders als Nadelwälder [218, с. 17].

[*тарҷ. таҳтул.* Бӯйи ҷангалҳои дарахтони баргдор боз аз ҷангалҳои дарахтони сӯзанбарг фарқ мекунанд].

Ich rieche nichts. Wonach riechen sie denn? Sie riechen bitter und unangenehm. Sie stinken [218, с. 21].

[*тарҷ. таҳтул.* Ман ҳеҷ бӯйро намефаҳмам. Онҳо ба чӣ монанданд? Онҳо бӯйи талху нофорам доранд. Онҳо бӯйи бад доранд].

Aber es riecht hier anders als an der Nordsee [218, с. 41].

[*тарҷ. таҳтул.* Аммо бӯйи ин ҷо дигар аст, назар ба баҳри шимолӣ].

Dort roch er sein Parfüm [218, с. 309].

[*тарҷ. таҳтул.* Ӯ дар он ҷо атри худро бӯй кард].

Er duftete nicht mehr. Das Wunder war vorbei [218, с. 311].

[*тарҷ. таҳтул.* Он дигар бӯй надошт. Муъҷиза ба поён расида буд].

Es duftet intensiv nach einem extrem süssen Parfüm. «Das ist Amber. Ein kostbarer, bernsteinähnlicher Duftstein, den die Frauen als Parfüm benutzen» [218, с. 40].

[*тарҷ. таҳтул.* Бӯйи атри бениҳоят ширин меояд. «Ин амбар аст. Санги қимматбаҳои бӯйдоре мебошад, ки занон ҳамчун атриёт истифода мекунанд»].

Es duftet hier nicht so aufdringlich nach Fisch wie auf der Westseite der Insel, sondern eher nach den Blüten der Pflanzen [218, с. 171].

[*тарҷ. таҳтул.* Инҷо на он қадар ба монанди тарафи ғарби ҷазира бӯйи моҳӣ мекунад, балки бештар бӯйи гулу растаниҳо меоянд].

Ҳамин тавр, метавон муайян сохт, ки ҳолатҳои феъли «бӯйидан» бо маъноҳои *бӯ кашидан, бӯ кардан, донистан, фаҳмидан, дидан, дониста гирифтан, бӯй додан, бӯй омадан, ҳис карда шудан, пай бурда шудан, ба димоғ расидан* ва ғайраҳо истифода шуда, дарк ва ё паҳншавии бӯйро ифода мекунад.

Хулосаи боби сеюм

Таҳлили фарҳангҳои тафсирию этимологӣ ва муқоисаи консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ нишон доданд, ки консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику олмонӣ ҳамчун манбаи ҳиссиёту зеҳни инсонӣ тасвир мегардад. Таҳқиқи консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ имкон фароҳам меорад, ки дарки олами атроф аз тарафи соҳибзабонон, урфу одат, анъана ва фарҳанги онҳо амиқтару пурратар омӯхта шавад ва умумияту фарқияти байни онҳо муайян карда шавад. Ҷанбаҳои алоҳидаи лексикию семантикии консепти «бӯй» дар асарҳои илмию назарии забоншиносони тоҷик ва муҳаққиқони хориҷӣ таҳқиқ шудаанд.

Ҳамин тавр, ба хулосае метавон омад, ки ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй» мувофиқи талаботи мутамарказӣ асос ёфта, он аз бандҳои алоҳида иборат аст. Ҳамон як калима метавонад дар як вақт ба қисматҳои гуногуни семантикӣ тааллуқ дошта бошад. Майдони лексикию семантикии консепти «бӯй»-ро, пеш аз ҳама калимаҳо ва ибораҳои «*бӯй», «атр», «муаттар», «бадбӯй», «бӯйи хуб баровардан», «бӯйи бад баровардан»* ва ғайраҳо ташкил додаанд. Онҳо аксар вақт дар якҷоягӣ бо дигар исму сифатҳо ва сифатҳои феълӣ истифода мешаванд, ки ба таври дақиқ бӯйҳоро тавсиф мекунанд. Муайян гардид, ки дар ҳавзаи лексикию семантикии консепти *бӯй* ҳиссаҳои гуногуни нутқ истифода мешаванд. Ҳавзаи лексикию семантикии консепти «бӯй», ки маҷмуи воҳидҳои забонро ифода мекунад, дар забоншиносӣ аз ҷиҳатҳои мухталиф баррасӣ мешавад. Ҳудуди байни ин унсурҳо ва инчунин, ҳавзаҳои гуногуни семантикӣ нисбӣ мебошанд. Аз ин рӯ, гузариши як воҳид аз як ҳавзаи маъноӣ ба ҳавзаи дигар, инчунин ворид шудани он ба ҳавзаҳои гуногуни лексикию семантикӣ имконпазир аст. Дар

доираи ҳавзаҳои лексикию семантикӣ гурӯҳҳои гуногун, муносибатҳои гуногуни байни унсурҳо мавҷуданд. Майдони лексикию семантикии консепти *бӯй* мураккаб аст, зеро он ҳиссаҳои гуногуни нутқро дар бар мегирад, ки хусусияти муштараки семантикӣ, лексикӣ ва грамматикиро доранд.

Дар осори адибони тоҷику олмонӣ консепти «бӯй» бештар бо феълҳои «гирифтан», «додан», «кардан», «паҳн кардан», «бурдан», «шунидан» ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Таҳлилу омӯзиши хусусиятҳои лексикӣ, семантикӣ ва грамматикӣ барои муқаррар намудани нишонаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи консептҳои гуногун имконият фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки таркиби маъноии консептҳо ба таври амиқ шарҳ дода шавад.

Вобаста ба нснифоти мавзуи консепти *бӯй* ба бӯйҳои табиӣ, ғайритабиӣ ва мавҳумӣ ҷудо мешаванд. Дар услуби нутқи бадеӣ бештар консепти *бӯй* бо маънои маҷозӣ омада, маъноҳои ғайриоддию абстрактиро ифода мекунад, масалан *бӯи ишқ, бӯи меҳр, бӯи эътиқод, бӯи дӯстӣ, бӯи умед* ва ғайра. Вобаста ба хусусияти семантикии исм ва сифат метавонад консепти «бӯй» маъноҳои гуногунро ифода намояд. Новобаста аз он ки мо феълҳоро ба зергурӯҳҳо тақсим карда, зери омӯзиш қарор додем, маънои асосии феъл танҳо дар контекст равшантар мегардад. Интиқоли маъно аз рӯи муносибати бӯи ашё ва табиати мавҷудияти он асос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, бӯй метавонад таъсири назаррас ҳам ба ҷисм ва ҳам ба руҳи инсон дошта бошад. Бӯйҳо метавонанд, пеш аз ҳама, ба шахс аз рӯи нуқтаи назари физиологӣ таъсир расонанд ва меҳру муҳаббат ва ё баракс нафратро дар ӯ ташаккул диҳанд. Масалан, бӯйи хуб иштиҳоро меорад. Бештари ин исмҳо метавонанд дорои бӯи табиӣ ва ё сунъӣ бошанд. Исмҳое ки бӯйҳои хуш ва ё нофорамро ҳосил мекунанд, метавонанд исмҳои ҷондор ва ё беҷон бошанд.

Таҳлили лексикию семантикии консепти «бӯй» [Duft] дар забонҳои бо ҳам хеш – забони тоҷикӣ ва олмонӣ нишон дод, ки новобаста аз тафовути

зоҳириашон ин калимаҳо аз як хонаводаи забонҳо, яъне забонҳои ҳиндуаврупоӣ асос ёфтаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки лексемаҳои «бӯй» ва «Duft» аз як забон, забони ҳиндуаврупоӣ сарчашма гирифтаанд ва ҳама он тасаввуроти умумие, ки дар шуури тоҷикзабонон ва олмонизабонон оид ба «бӯй» таҷассум ёфтааст, ба он вобаста мебошад.

Хулоса

Омӯзиши муқоисавии забонҳо имкон фароҳам меорад, ки хусусиятҳои фарқкунанда ва ба ҳам монанди забонҳои муқоисашаванда муқаррар карда шаванд ва нозукиҳои назарнораси забони модарӣ мушоҳида гарданд. Аз ҳамин сабаб забоншиносони ҷаҳонӣ тариқи ба таври муқоиса омӯхтани забонҳоро ҷонибдорӣ менамоянд. Бинобар ин, дар забоншиносии муосир доираи омӯзиши муқоисавии забонҳо хело фарох гардидааст. Олимону муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ва равоншиносӣ тарзи фаҳмишу дарки олами атроф, ифодаи он аз ҷониби инсон ва паҳлуҳои дигари онро дар омӯзиши муқоисавии забонҳо мебинанд. Аз сабаби он ки забон ва тафаккур бо ҳам алоқаи зич доранд, дар забоншиносии муосир на танҳо воҳидҳои забонӣ муқоиса карда мешаванд, балки воҳидҳои шуур ва тафаккур омӯхтаву муқоиса карда мешаванд.

Яке аз ҷанбаҳои таҳқиқоти забон ва шуур ин таҳлили консептҳо дар асоси забонҳои гуногуннизом мебошад, ки боиси муайян кардани хусусиятҳои забонӣ, фарҳангӣ ва миллии халқҳои гуногун мегардад. Мақсади асосии таҳқиқоти мо низ дар асоси муқоисаи маводи забонҳои тоҷикию олмонӣ нишон додани хусусиятҳои хоси ифодаёбии консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз назари забониву равонӣ ва забониву фарҳангӣ, инчунин, муайян намудани умумият ва тафовутҳои луғавию семантикӣ ва грамматикии онҳо буд, ки ба он то ҳадди имкон ноил гаштем. Ҳалли ин масъалаҳо асосан дар доираи забоншиносии равонӣ бар роҳ монда шуд, аммо дар баробари ин баъзан заруратҳо ба миён омаданд, ки ба масъалаҳои забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангӣ низ рӯ овардем.

Зикр бояд кард, ки забоншиносии равонӣ, шинохтӣ ва фарҳангӣ самтҳои нав дар забоншиносии муосир буда, мавзуи баҳси онҳо асосан инсон ва раванди дарки муҳити атроф аз тарафи ӯ мебошад. Яке аз масалаҳои мубрами забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ консепт ва муносибати он бо калима, маъно, мафҳум ва «тасвири ҷаҳон» мебошад, ки

дар боби аввали рисолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта шуд. Маҷмуи банизомдаровардаи донишҳо, тасаввуротҳо, ақидаҳо ва маълумотҳо дар бораи ҷаҳон, ки дар шуури инсон таҷассум ёфтааст, «тасвири ҷаҳон»-ро ташкил медиҳанд. Яъне гуфтан мумкин аст, ки маҷмуи донишҳо, тасаввурот ва ақидаҳое, ки инсон дар бораи ҷаҳон дар тули ҳастии худ онҳоро ба даст овардааст, дар шуури худ дар шакли консептҳо сабт намудааст.

Маълум гардид, ки консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику олмонӣ нақши бузургеро бозидааст ва он дар ифодаи ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти адибони тоҷику олмонӣ фаъолона иштирок менамояд. Новобаста аз он ки консепти «бӯй» як қисми асосии адабиёту фарҳанги тоҷикро фаро мегирад, то имрӯз дар ин самт корҳои илмӣ хеле кам ба анҷом расидаанд. Бинобар ин, барои ба мақсад расидан таҳқиқи ин мавзуъро дар асоси осори мутафаккирони адабиёти тоҷику олмонӣ ба роҳ монда, хусусиятҳои хоси консепти «бӯй» нишон дода шуд. Барои амалӣ гардидани ин мақсад аз осори адибони тоҷику олмонӣ мисолҳо (дар шакли калима, ибора, ҷумла аз назму наср) овардем, ки барои ифодаи консепти «бӯй» моҳирона истифода шудаанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми таҳлилу муқоисаи консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ба натиҷаҳои зерин ноил гаштем:

1. Инсон ҷаҳонро мушоҳида ва дарк намуда, дар бораи он фикр мекунад. Ҳар як инсон дар тули зиндагию фаъолияти худ воқеаҳои зиёдро дарк мекунад ва дар натиҷа лексикаи забони ӯ устувор мегардад.

2. Тавассути забон тасаввуроти мардум доир ба муҳити атроф ва умуман ҳаёт ифшо мегардад. Донишҳое, ки инсон дар тули ҳаёти худ ба даст овардааст, дар шуури инсон дар шакли «тасвири ҷаҳон» нақш мебанданд. Яъне ҷамъи донишҳое, ки дар забон инъикос ва устувор гардидаанд, «тасвири ҷаҳон»-ро дар шуури инсон ташкил медиҳанд.

3. Мафҳуми «тасвири ҷаҳон» яке аз шаклҳои батартибдарории дониши олами воқеӣ буда, зери мафҳуми он ҳама он донишҳое фаҳмида мешавад, ки дар шуури ҷамъиятӣ инъикос ёфтааст.

4. Дар илми забоншиносӣ баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд, ки ҷанбаи асосии онҳо тасвири дунёи ботинию зоҳирӣ ва хусусиятҳои рафтори инсон мебошад. Дунёи ботинию зоҳирӣ ва рафтори инсон дар забони ӯ дарҷ мегардад.

5. Аз рӯи далелҳои забоншиносии равонӣ ва забоншиносии шинохтӣ, забон аз механизми умумии маърифатии инсон сарчашма гирифтааст.

6. Мувофиқи ақидаи забоншиносон забон оинаест, ки фарҳангро инъикос менамояд. Ҳам забон ва ҳам фарҳанг шаклҳои шуур мебошанд, ки хусусиятҳои ҷаҳонбинии инсонро инъикос мекунанд.

8. Ҳар донише, ки шахс дар рафти робита бо олами беруна ва ё тавассути тафаккур ба даст меорад, як системаи консептуалиро ташкил медиҳад. Азбаски воҳидҳои забонӣ ба як системаи консептуалӣ дохил мешаванд аз рӯи маълумоти дар он мавҷудбуда амал мекунанд. Ҳар як маълумоти аз тарафи инсон ба даст омада омӯхта мешавад, ки дар натиҷа дар системаи консептуалӣ тағироту дигаргунсозиҳо ба вуҷуд меоянд.

9. Забони миллӣ яке аз воситаҳои асосӣ дар дарки тафаккури инсон буда, барои роҳ ёфтан ба ҷаҳони равонию фарҳангии ин ё он миллат имкон медиҳад. Дар ташкили манзараи забонии ҷаҳон нақши асосиро таассуроте, ки дар асоси маълумотҳои олами атроф бадастоварда мешавад, мебозад.

10. Олами атроф, пеш аз ҳама, ба воситаи узвҳои ҳис дарк карда мешавад, ки узви сомеа ҷои махсуси худро дар дарки олами атроф доро мебошад.

11. Шарҳи фарҳангҳои тафсирию этимологӣ ва муқоисаи консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ нишон доданд, ки консепти «бӯй» дар осори адибони тоҷику олмонӣ ҳамчун манбаи ҳиссиёту зеҳни инсонӣ тасвир мегардад. Таҳқиқи консепти «бӯй» дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ имкон фароҳам меорад, ки дарки олами атроф аз тарафи соҳибзабонон, урфу одат, анъана ва фарҳанги онҳо амиқтару пурратар омӯхта шавад ва умумияту фарқияти байни онҳо муайян карда шавад.

